**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 341.954 (575.3)**

**ТКБ: 67.412.2 (2тоҷ.)**

**О – 43**

**ОДИНАЗОДА УБАЙДУЛЛОҲ САЙМАҲМУД**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДОРОИ УНСУРИ ХОРИҶӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент

**РАҶАБЗОДА М.Н.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................4

**МУҚАДДИМА**..........................................................................................5-16

**БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДОРОИ УНСУРИ ХОРИҶӢ**....................................................................................17-51

1.1. Асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ.........................................17-34

1.2. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ..................................................................34-51

**БОБИ 2. МАСОИЛИ ТАНЗИМИ КОЛЛИЗИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ**..........................................................52-79

2.1. Қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ......................................................................................................52-65

2.2. Масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ................................65-79

**БОБИ 3. МАХСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ КОЛЛИЗИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ МУРАККАБГАШТА**....................80-158

3.1. Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ........................................................................88-102

3.2. Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ..................................................................................................102-123

3.3. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ..................................................................................................123-139

3.4. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ...........................................................................................139-158

**ХУЛОСА**.................................................................................................159-162

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.........................................................................................163-164

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**....................................................165-190
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**....................................................191-193

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КММ ҶТ** – Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КО ҶТ** – Кодекси оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМ ҶТ** – Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМФ** – Кодекси мадании Фаронса

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид;

**СБМ** – Созмони Байналмилалии Меҳнат;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ФР** – Федератсияи Россия;

**ҶУ** – Ҷумҳурии Узбекистон;

**ҶФО** – Ҷумҳурии Федералии Олмон;

**ҶХХ** – Ҷумҳурии халқии Хитой;

**ШМА** – Штатҳои Муттаҳидаи Амрико;

**ВКХ ҶТ** – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ҲБХ** – Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ;

**ЭУҲИ** – Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон;

**ғ.** – ғайра;

**қ.** – қисм;

**б.** – банд;

**м.** – модда;

**м.м.** – моддаҳо;

**диг.** – дигар.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 меҳвари сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзиши олӣ будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо ташкил менамояд [13]. Дар ин замина дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, вижагиҳои давлати ҳуқуқбунёдро таҷассум менамояд.

Дар фароянди танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ аз мақоми хос бархӯрдор мебошад. Зеро, ҳамгироӣ ва тавсеаи муносибатҳои байналмилалӣ, рушди босуръати муносибатҳои байнидавлатӣ, аз ҷумла дар самти алоқа, нақлиёт ва муносибатҳои ҳамҷавор байни давлатҳо густариш ёфта, робитаҳои гуногун байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва шахсони хориҷӣ ба миён омаданд. Дар ин замина ба туфайли сиёсати «дарҳои кушод»-и ҳукумати мамлакат ва сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ бо иштироки шахсони воқеӣ аз ҳисоби васеъ гаштани муносибатҳои савдои хориҷӣ, афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ, рушд намудани муносибатҳои оилавӣ байни шаҳрвандони давлатҳои гуногун ва дигар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ бо иштироки шахсони воқеӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар мерасад.

Бо ин назардошт, омӯзиши вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ на танҳо аҳаммияти илмию назариявӣ, балки воқеияти низоми ҳуқуқи миллӣ ва низоми ҳуқуқи байналмилалиро ифода мекунад.

Таърихан, вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ (шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон) таҳаввулоти тулонӣ ба амал омадааст, чун аз таҳаммулнопазирӣ нисбат ба онҳо то аз байн рафтани чунин

муносибат, гузариши онҳо аз ҳолати беҳуқуқӣ то ба даст овардани ин ё он ҳаҷми ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳимояи ҳуқуқӣ ва ғайра.

Масъалаи субъекти ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор мебошад. Дар замони муосир шароити боз ҳам густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодиву маданӣ вақте, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дар дохили як давлат бамиёномада дар дигар давлат оқибатҳои ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад ва бештари ин муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ сурат мегиранд. Таҳлили масъалаҳои коллизионии ин муносибатҳо ва пажӯҳиши масъалаҳои ба онҳо алоқаманд ҳамчун масъалаи мубрами илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда мешавад.

Бо ноил гардидани Ҷумурии Тоҷикистон ба Истиқлоли давлатӣ заминаи асосӣ барои рушду инкишофи муносибатҳои гуногун бо иштироки шахсони воқеӣ ба вуҷуд омад, ки дар ин асно зарурияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои фавқ ба миён омад. Бо қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ пазируфта шудаанд [1]. Дар мабнои ин, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони хориҷӣ низ аз кафолати конститутсионӣ баҳраманд шудаанд. Баргирифта аз муқаррароти Конститутсия санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар дар ин самт мавриди таҳия ва татбиқ қарор дода шуданд, ки аз ҷумлаи онҳо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки фасли VIII-и он меъёрҳои коллизиониро оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар бар мегирад.

Татбиқ гардидани принсипи реҷаи миллӣ нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд имконият дод, ки онҳо ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ эътироф гардида, дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои баробар дошта, дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадориҳои дахлдорро иҷро намоянд, агар қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд. Татбиқи реҷаи миллӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун иштирокдорони

муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ принсипи асосӣ буда, ба шаҳрвандӣ ва ё ҷойи истиқоматашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот надорад. Дар робита ба ин, як қатор хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз ин бармеоянд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ як қатор меъёрҳои коллизиониро пешбинӣ менамояд, ки онҳо дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли VIII) [3], Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли VIII) [6], Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фасли V) [4] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9] мустаҳкам гардидаанд.

Аз ин ҷо, қонунгузорӣ оид ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мутобиқсозии он бо санадҳои байналмилалӣ тақозои баррасии илмӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, муайян кардани таносуби вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии онҳо, ҳолатҳои бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани онҳо, муқаррар намудани ҳуқуқи ба ин муносибатҳои татбиқшаванда ва дигар масъалаҳои назариявӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Гузашта аз ин, ҷараёни таҳқиқоти масъалаи мазкур на танҳо таҳлил ва омӯзиши мувофиқати меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар ин соҳа бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, балки баррасӣ намудани танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ бо фарогирии ҳифзи арзиш ва манфиатҳои миллӣ зарур мебошад.

Ҳолатҳои зикргардида мубрамияти мавзуи интихобшударо ифода намуда, бозгӯйи саривақтии таҳқиқоти илмӣ буда, дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ, илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ҳамчун мавзуи мустақили таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ дар ҶТ таҳлил нашудааст. Баъзе ҷанбаҳои мавзуи баррасишаванда аз нигоҳи олимони ватанӣ, аз ҷумла У.А. Азиззода [59, с. 126], З. Ализода [151, с. 200], И.Ғ. Ғаффорзода [220, с. 29], Ш.К. Ғаюрзода [153, с. 221], А.М. Диноршоҳ [80, с. 106], И.И. Камолов [90, с. 168], Х.Р. Қодирқулов [221], Н.Ш. Қурбонализода [97, с. 179], М.А. Маҳмудзода [108, с. 96], Ш.М. Менглиев [122, 123, 124], Д.С. Раҳмон [134, с. 218], М.Н. Раҷабзода [226], Ф.С. Сулаймонов [137, с. 140], Ш. Тағойназаров [207, с. 18], Б.Т. Худоёрзода [149, с. 78] ва дигарон [223] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамзамон, ҳарчанд адабиёти таълимию илмӣ [61, с. 242-248; 86, с. 419-490; 91, с. 103-110; 101, с. 597-640; 116, с. 184-188; 121, с. 452-455; 140, с. 88-98; 141, с. 169-186; 144, с. 150-163], инчунин, шарҳу тафсирҳои қонунгузорӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи анъанавӣ доранд, аммо баррасии корҳои илмии солҳои охир нишон медиҳад, ки то ҳол таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқот ва масъалаҳои ба он вобаста ба таври пурра ва дахлдор сурат нагирифтааст.

Ҳангоми омода намудани диссертатсия, ҳамвора таҳқиқоти илмии як зумра олимони хориҷӣ, ки вобаста ба паҳлуҳои алоҳидаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, К.А. Бекяшев [67, с. 342-398], М.М. Богуславский [69, с. 225-306], И.В. Гетман-Павлова [76, с. 318-375], В.П. Звеков [86, с. 419-490], И.И. Лукашук [100, с. 117-150], Л.А. Лунтс [101, с. 579-640] ва дигарон.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар доираи мавзуъҳои таҳқиқотии барномаи

дурнамои корҳои илми-таҳқиқотӣ ва нақшаи миёнамуҳлати кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мазкур пажӯҳиши ҳаматарафаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлил ва асоснок кардани хусусиятҳои асосии вазъи шахсони воқеӣ чун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва иштирокдори муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, муайян намудани мушкилиҳои раванди ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳияи пешниҳодҳои муфид баҳри такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо фарогирӣ аз мақсади гузошташуда ва баҳри ноил шудан ба он, вазифаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ҳал карда мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– баррасӣ намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– таҳлили пурраи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ;

– муайян ва таҳлили масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ;

– баррасии танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ;

– омӯзиши масъалаҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

– муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ;

– омӯзиш ва таҳлили вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ;

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ташкил менамоянд, ки дар онҳо шахсони воқеӣ иштирок мекунанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотро муқаррароти қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, муқаррароти шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ, инчунин таҷрибаи судӣ дар ин самт ташкил менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб, амалинамоии натиҷаҳои бадастовардашуда ва муҳокимаи он дар ҷаласаҳои кафедраро гузаштааст. Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, заминаҳои кадрӣ, моддӣ-техникӣ ва зеҳнӣ вуҷуд дошта, барои анҷоми диссертатсияи мазкур мусоидат намудаанд.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» солҳои 2022-2025-ро дар бар гирифта, макони таҳия намудани он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил дод, ки ба паҳлуҳои гуногуни мушкилоти вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои У.А. Азиззода, З. Ализода, М.Н. Раҷабзода, К.А. Бекяшев, М.М. Богуславский, И.В. Гетман-Павлова, В.П. Звеков. И.И. Лукашук, Л.А. Лунтс, Ш.К. Ғаюрзода, А.М. Диноршоҳ, И.И. Камолзода, Х.Р. Қодирқулов, Н.Ш. Қурбонализода, Қ.Ш. Қурбонов, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, Х.С. Мирсайев, Д.С. Раҳмон,

Ф.С. Сулаймонов, Ш. Тағойназаров, С.Н. Тағоева, Б.Т. Худоёрзода ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, таҳлили низомнок, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Барои таҳияи мафҳумҳои асосӣ, пешниҳодҳои илмӣ оид ба вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ, усулҳои таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия истифода шуданд.

Бо фарогирӣ аз усули диалектикӣ омӯзиши танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии онҳо ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба роҳ монда шудаанд.

Бо корбурд аз усули мантиқӣ-забонӣ тамоми матни таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар натиҷа пайдарпайии мантиқӣ ва услуби забони тоҷикӣ таъмин шудааст.

Бо истифода аз усули таҳлили низомнок, тамоми масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ таҳлил гардида, натиҷаҳои илмӣ манзур гардидааст.

Усули шаклӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки мазмуни вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баррасӣ карда шаванд.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои муқоисаи қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки хусусиятҳои иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро муайян мекунанд, равона карда шуда, таҳияи пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйироти зарурӣ ба ин соҳаи қонунгузориро асоснок мегардонанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқоти мазкурро маводҳои амалияи судӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ, шартномаҳои байналмилалӣ,

таҷрибаи қонунгузори давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил мекунанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия яке аз аввалин таҳқиқотҳои ҳамаҷониба оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро таҳқиқот дар асоси омӯзишу таҳлил ва баррасии санадҳои амаликунандаи меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра сурат гирифта, як қатор навгониҳои илмии таҳқиқот ҷиҳати такмили муқаррароти онҳо равона шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Дар раванди таҳлили мавзуи таҳқиқот, чунин нуктаҳо, ки хусусияти навгонии илмиро доро мебошанд, ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:

1. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ падидаи марказии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ буда, дар асоси муқаррароти меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили шаҳрвандӣ, тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ, принсипи реҷаи миллӣ, реторсия, истифодаи мутақобила ва меъёрҳои байналмилалӣ-хусусӣ баррасӣ карда мешаванд, ки бе онҳо вазъи хусусии ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои фаромарзӣ имкон надорад. Дар раванди муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳо бо унсури хориҷӣ саҳми меъёрҳои оммавӣ, аз ҷумла принсипи реҷаи миллӣ, бағоят калон буда, онҳо муқарраркунандаи самти рушди минбаъдаи танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ бо иштироки шахсони воқеӣ мебошанд.

2. Дар диссертатсия собит мегардад, ки ҳарчанд падидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба падидаҳои ҳамноми худ дар ҳуқуқи маданӣ монанд

бошанд ҳам, аммо бо назардошти хусусияти танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо унсури хориҷӣ падидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун падидаи мустақил ва байналмилалӣ-хусусӣ бояд эътироф карда шаванд.

3. Таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар маҷмуъ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, нишон медиҳад, ки дар онҳо ҷиҳати аз байн бурдани духурагии қонунгузории миллии давлатҳои гуногун дар самти танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ меъёрҳои коллизионӣ муқаррар карда шуда, танзими колизионӣ-ҳуқуқии соҳаи мазкур то андозае мавриди ягонагии (унификатсияи) ҳуқуқӣ қарор гирифтааст.

4. Раванди татбиқи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои алоҳидаи байналмилалии хусусӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки вобаста аз хусусиятҳои ин муносибатҳо қонуни шахсии шахсони воқеӣ дорои як қатор тобишҳо буда, дар маҷмуъ ҷиҳати ба таври дахлдор амалӣ шудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ равона карда мешаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро татбиқи равиши нав нисбат ба баррасии масъалаи муайян ва танзим кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои аз нав баррасӣ намудани мушкилоти ҳалталаб ва дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мусоидат менамояд. Хулосаҳои назариявӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, метавонанд дар коркарди минбаъдаи назариявӣ ва амалии масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ истифода гарданд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти илмӣ метавонанд барои пажӯҳиши минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

истифода шаванд. Инчунин таҳқиқоти мазкур метавонад дар омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи оилавӣ», «Ҳуқуқи меҳнатӣ» ва «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», инчунин курсҳои махсус дар донишгоҳҳои олии кишвар истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба дурустии маълумот, мувофиқати маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми нашрияҳо, усулҳои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳамчунин таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ бо дарназардошти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ мебошад. Ҷиҳати тасдиқи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ҳаҷм ва сифати асарҳои илмии нашрнамудаи муаллиф, ки нуктаҳои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд, инчунин, таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-амалии масъалаҳои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ, бо назардошти муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аҳаммияти калон доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии хусусияти байналмилалӣ ва ҷумҳуридошта ифода ёфта, бо коркарди тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин

тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро тасниф мекунад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаҳои он муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Вобаста ба нуқтаҳои асосии диссертатсия, довталаб дар чандин чорабиниҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намудааст, аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия» – маъруза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои бастан ва бекор кардани ақди никоҳ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» (24 октябри соли 2025, ш. Душанбе);

– конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба ҷашни Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-солагии СММ, эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия» ва қабули Қатъномаи СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» – маъруза дар мавзуи «Баъзе мушкилоти танзими масъалаи бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон кардани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусии фаромилӣ» (5 декабри соли 2025, ш. Душанбе).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму

маориф (солҳои 2020-2040)» – маърӯза дар мавзуи «Қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» (23-юми апрели соли 2024, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи «Праблемаҳои актуалии ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ» – маъруза дар мавзуи «Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) ва танзими коллизионии мақоми ҳуқуқии шахси воқеӣ» (31 майи соли 2024, ш. Душанбе);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва унвонҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода» – маъруза дар мавзуи «Вазъи маданӣ-мурофиавии шахси воқеии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15 апрели соли 2025, ш. Душанбе).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ва як воситаи таълимӣ, ки мазмуни таҳқиқотро фаро мегиранд, аз ҷумлаи онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори рисолаи диссертатсионӣ бо мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян карда мешавад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАСЪАЛАҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ДОРОИ УНСУРИ ХОРИҶӢ

## 1.1. Асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ

Вазъи ҳуқуқӣ замина ва унсури муҳим барои иштироки субъектон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, маҳз бо фарогирии он субъектон имкони дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ иштирок намуданро доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми вазъи ҳуқуқӣ ва таносуби он бо дигар истилоҳҳои шабеҳ андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад, ки аз мураккабии ин падидаи ҳуқуқӣ гувоҳӣ медиҳад.

Олимони ватанӣ М.Н. Раҷабзода ва А.М. Мирзоев дар робита ба ин масъала андешаронӣ менамоянд, ки «тафсири «вазъи ҳуқуқӣ» яке аз мушкилоти мураккаби адабиёти ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, то ҳол вобаста ба он ақидаи ягона ҷой надорад» [152, с. 22]. Дар ин асно, баъзе муаллифон мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ»-ро аз якдигар ҷудо менамоянд [71, с. 221; 131, с. 181; 133, с. 149; 145, с. 7].

Ҳамзамон, бештари муҳаққиқон «мақоми ҳуқуқӣ» ва «вазъи ҳуқуқиро»-ро ҳамчун муродиф баррасӣ мекунанд [79, с. 87; 106, с. 181; 207, с. 18; 229, с. 22]. Масалан Ш.Т. Тағойназаров байни категорияҳои «вазъияти ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» тафовут намегузорад ва чунин андешаро баён менамояд, ки мафҳуми «мақом» – ин ваҷҳ ва ҳолат мебошад [207, с. 18]. Мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» як мазмун ва таъинот доранд. Илова бар ин, дар қонун ин мафҳумҳо ҳамдигарро истисно намекунанд, балки ҳамдигарро пурра месозанд. Вазъи ҳуқуқӣ барои тавсифи вазъи воқеию ҳуқуқии шахс дар низомҳои ҳуқуқӣ – давлати қабулкунанда дар маҷмуъ истифода мешавад [152, с. 23]. Бо ҳадафмандӣ аз таҳқиқоти мазкур мо ҷонибдори он муҳаққиқоне мебошем, ки мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқӣ» ва «вазъи ҳуқуқӣ»-ро ҳаммаъно медонанд [202, с. 7].

Мавриди зикр аст, ки раванди ташаккулёбии вазъи ҳуқуқии шахс марҳалаҳои гуногуни таърихиро паси сар намудааст. Дар аввал бо дарназардошти арзишҳои патриархалии ҷомеаи ибтидоӣ шахсият ва мавқеи ӯ дар ҷомеа ҳукмфармо буданд, зери таъсири падидаи «ҳуқуқи меҳмоннавозӣ» аввалан табиати хусусӣ-ҳуқуқӣ ва баъдан табиати оммавӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфт, ки объекти танзими ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалии байни давлатҳои мансубу иқомати хориҷиён гашт [203, с. 94].

Ҳамин тавр, масалан дар ҳуқуқи авестоӣ шаҳрвандон дорои ҳуқуқҳои васеъ буда, шахсони бешаҳрванд чунин ҳуқуқҳоро надоштанд [146, с. 140-141]. Масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳар як давлати мушаххас муддати тулонӣ хеле баҳсбарангез буданд. Дар ибтидо самти танзимнамоии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва тоҷирони хориҷӣ, доираи асосии танзими ҲБХ-ро ташкил медод. Дар тамоми марҳилаҳои инкишофи ҷомеаи римӣ барои ҳаммонандкунии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мадании шахс на танҳо мансубияти табақотӣ аҳаммият дошт, балки як силсила омилҳои дигаре, ки тафовут дар ҳаҷм ва мазмуни ҳуқуқҳои субъективии намояндагони табақаҳои гуногуни шаҳрвандони Римро муайян мекарданд, муҳим арзёбӣ мешуд [108, с. 29].

Дар давраи асри миёна тавре Н.Ш. Қурбонализода қайд менамояд мавқеи қонунгузор вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, аввалан, ба қадри кофӣ норавшан ва сониян носаҳеҳ ифода гардида буд [222, с. 27]. Асосан ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ меъёрҳои ҳуқуқии хусусие таъсир расониданд, ки дар раванди густариши муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва бастани созишномаҳои ду ва бисёрҷонибаи тиҷоратӣ ташаккул ёфтаанд.

Мавриди зикр аст, ки объекти танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ мебошанд, ки дар онҳо унсури хориҷӣ мавҷуд аст. Яке вазифаҳои асосии ҲБХ танзими ин муносибатҳо бо мақсади фароҳам овардани фазои ягонаи ҳуқуқӣ барои риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ мебошад.

Дар раванди рушди қонунгузории миллии Тоҷикистон, танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун субъектони ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамавақт афзалиятнок буданд. Таҳлили рушди қонунгузорӣ ва танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои коллизионӣ аз мураккабӣ ва гуногунии мушкилотҳо дар танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар қонунгузории амалкунанда гувоҳӣ диҳад.

Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар баробари институти байнисоҳавӣ будан, бо як қатор ҷанбаҳои байналмилалӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ алоқамандии зич дорад. Айни замон дар доираи ҲБХ рушду таҳаввули равишҳо оид ба татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ мушоҳида мегардад. Яке аз хусусиятҳои хоси ҲБХ муосир ин васеъшавии мунтазами иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои гуногуни байналмилалии хусусӣ мебошад.

Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар қонунгузории миллӣ бо маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие танзим мегардад, ки қувваи ҳуқуқии гуногун доранд. Ҳуқуқҳои шахсони воқеии хориҷӣ, бо меъёрҳои соҳаҳои мушаххаси ҳуқуқи дохилӣ танзим гардида, қоидаҳои қонунгузории дохилӣ пешниҳод намудани ҳуқуқҳоро ба хориҷиён муқаррар мекунанд, додани чунин ҳуқуқҳоро рад мекунанд ё масъалаҳои дигари марбутаро танзим мекунанд.

Маълум аст, ки шахсони воқеиро ҲБХ ба чор категория ҷудо менамояд: шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон.

Барои ҳар яке аз ин категорияи шахсон бо истифода аз маҷмуи меъёрҳои соҳаҳои гуногун низоми муайяни ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад. Ҳарчанд, мафҳуми «хориҷӣ» аксар вақт ҳамчун ҳаммаъно бо мафҳуми «шаҳрванди хориҷӣ» истифода шавад ҳам, аммо мафҳуми «хориҷӣ» васеътар буда, он ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони бешаҳрвандиро дар бар мегирад [119, с. 23].

Қонунгузории ҷорӣ категорияҳои дарҷгардидаро истифода намуда, ба онҳо вобаста аз мавзуи танзими ин соҳаи қонунгузорӣ, мафҳуму мундариҷаи дахлдорро муқаррар менамояд. Аз ҷумла, мутобиқи Кодекси мадании ҶТ

шахсони воқеӣ – фарогири шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд буда, мафҳуми шахсони воқеӣ ва шаҳрванд бо як мазмун истифода шудааст (м. 17) [3].

Ҳамин тавр, дар баробари тафриқаи анъанавии шаҳрвандони хориҷӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, инчунин гурезагон (дар баъзе мавридҳо муҳоҷирони иҷборӣ) ҳамчун гурӯҳи махсус ҷудо мешаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳатто кӯшиши асоснок кардани гурӯҳи махсуси шахсон – «ғайришаҳрвандон» низ ба назар мерасад [185, с. 26-27; 198, с. 58-63].

Дар баробари ин мафҳумҳои «шаҳрванд» ва «шахси воқеӣ» баробар эътироф карда нашуда, мафҳуми шаҳрванд маҳдудтар буда, маънои онҳо бо ҳам мепайвандад [164, с. 31-36].

Дар қонунгузории амалкунандаи ҶТ меъёрҳои коллизионии ягона барои танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони воқеии хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳо пешбинӣ нагардидаанд. Меъёрҳои мавҷуда принсипҳои умумии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на танҳо қоидаҳоеро, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ва қобилияти амалкунии шаҳрвандони хориҷӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар ҳуқуққҳои хориҷиёнро муайян мекунанд, инчунин меъёрҳои коллизионие, ки татбиқи ҳуқуқи давлатро вобаста ба он танзим мекунанд, дар бар мегирад.

Масъалаҳои танзими коллизионии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ вобаста ба мақсад ва давомнокии будубоши шахс дар қаламрави давлати дахлдор, ҳангоми ба миён омадани зарурат оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ва ё доштани шаҳрвандии давлати истиқомат аҳаммиятнок мегарданд. Вобаста ба ин, шахси воқеие, ки дар ҳудуди як кишвари муайян қарор дорад, вазъи ҳуқуқии гуногун дошта метавонад. Вазъи ҳуқуқии шахси воқеие, ки шаҳрванди давлати будубош мебошад ва дар қаламрави он қарор дорад, бо меъёрҳои ҳуқуқи дохилии ин давлат муайян карда мешавад. Аммо дар ҳолате ки шахси воқеӣ шаҳрванди давлат

намебошад ё дар қаламрави давлати хориҷӣ қарор дорад, масъалаи муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда, ба миён меоянд.

Қобили зикр аст, ки танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои унсури хориҷӣ тавассути манбаъҳои гуногуни дорои меъёрҳои ҲБХ сурат мегирад. Сарчашмаҳои ҲБХ ҳамчун шаклҳои расмии ифодаёбӣ ва муттаҳидсозии меъёрҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим мекунанд [161, с. 170]. Ҳамзамон меъёрҳои ҳуқуқие, ки муносибатҳоро бо унсури хориҷӣ танзим мекунанд, на танҳо дар қонунгузории дохилии давлатҳои гуногун, балки дар дигар манбаъҳо, масалан дар шартномаи байналмилалӣ, дар амсолияҳои судӣ ва ғайра низ ҷой доранд.

Таҳлили шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, қонунгузории хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ вобаста ба вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъияти дорои унсури хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки Конститутсияи аксари кишварҳои ҷаҳон, манбаи асосии ҳуқуқ, аз ҷумла ҲБХ буда, дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, принсипи волоияти қонунро эътироф мекунад ва меъёрҳои он амали бевосита доранд.

Чун қоида, шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрванд дар баробари шаҳрвандони ҶТ, аз ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар боби II Конститутсияи ҶТ пешбинӣ шудаанд, баҳраманд мебошанд. Инчунин, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд чунин ҳуқуқҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, аз ҷумла ҳуқуқ ба паноҳгоҳ таъмин карда мешавад.

Мутобиқи м. 16 Конститутсияи ҶТ «шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст»[1].

Ҳамин тавр, ҳаҷм ва мазмуни ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳо аз таҳкими низоми миллии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд гувоҳӣ медиҳанд. Меъёрҳои конститутсионӣ вазъи ҳуқуқии на танҳо шаҳрвандони Тоҷикистон инчунин вазъи ҳуқуқии шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандиро кафолат дода, асоси танзими минбаъдаи муфассали муносибатҳои байналмилалию хусусиро дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳанд.

Дар бештари давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла меъёрҳои моддӣ-коллизионии ҲБХ дар кодексҳои маданӣ ва як қатор дигар санадҳои ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд. Аз ҷумла, КМ ҶТ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ҳамчун иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ эътироф намуда, ба онҳо ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Тоҷикистон таъмин менамояд.

Тибқи қ. 3. м. 2 КМ ҶТ «муқаррароти он нисбати муносибатҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷӣ низ истифода мешаванд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад» [3]. Аммо тавре дар боло дарҷ карда шуд, таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад.

Дар ин асно, ҳадафи асосии қонунгузории маданӣ муайян кардани вазъи ҳуқуқии субъектҳо ва муносибатҳои танзимшаванда мебошад. Гарчанде дар КМ ҶТ мафҳуми умумии вазъи ҳуқуқи мадании шахсони воқеӣ муқаррар нашуда бошад, ин маънои онро надорад, ки қонунгузории маданӣ онро сарфи назар намудааст. Мувофиқи қонунгузории маданӣ аломатҳои вазъи ҳуқуқии шахсони хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар асоси қонуни шахсии онҳо муайян карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар қонунгузории маданӣ (Боби 74 КМ ҶТ) меъёрҳои коллизонӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ муқаррар гардидаанд, ки дар он: «Қонуни шахсии шахси воқеӣ» (м. 1315), «Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ» (м. 1316), «Бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ (м. 1317) «Номи шахси

воқеӣ» (м. 1318), ва дигар масъалаҳои коллизионӣ мавриди танзим қарор гирифтаанд.

Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои унсури хориҷӣ як падидаи ниҳоят мураккаб аст, зеро ба он омилҳои зиёди иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Масалан, дар баъзе ҳолатҳои вазъи ҳуқуқи мадании шаҳрванди хориҷӣ дар қаламрави ҶТ аз омилҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ вобаста аст.

Ҳамин тавр, масалан Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015 чунин таърифи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандро муқаррар намудааст «шаҳрванди хориҷӣ шахсе, ки шаҳрвандии ҶТ-ро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошад», «шахси бешаҳрвандӣ шахсе мебошад, ки тибқи қонунгузории ягон давлат шаҳрванди он ҳисобида намешавад» [2].

Исботи шаҳрвандии давлати муайян мавҷуд будани шиносномаи миллӣ ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ба он баробаршуда (ҳуҷҷати ҳарбӣ, шаҳодатномаи шахсият ё дигар ҳуҷҷат) мебошад. Ин муносибат ҳанӯз дар конвенсияҳо оид ба шиносномаҳо с. 1920 ва с.1926 унификатсия гардида буд [239].

Инчунин, Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, №147 [9] вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар ҶТ ва муносибатҳои онҳоро бо мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, ки аз будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ бармеоянд, инчунин ҳуқуқу ухдадориҳои онҳоро дар қаламрави ҶТ муайян менамоянд. Дар ин замина қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, маориф, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва ғайра танзим менамояд [89, с. 138-139; 199, с. 48-49].

Вазъи ҳуқуқии хориҷиён ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ дар қонунгузории мо нисбат ба «мақоми ҳуқуқӣ»-и шаҳрвандони худи кишвар дертар пайдо

шудааст, яъне ба инкишофи ҳамкории байналмилалии давлатҳо зич алоқаманд аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давлат вазъи ҳуқуқии хориҷиёнро на танҳо тибқи қонунгузории дохилӣ, балки бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ низ муайян мекунад [132, с. 40].

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ аз ҳуқуқу озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ҳамзамон аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ истифода шудани ҳуқуқу озодиҳо набояд ба манфиатҳои давлат, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ҶТ ва шахсони дигар зарар расонад. Дар баробари ин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҳудуди ҶТ уҳдадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҶТ-ро эҳтиром ва риоя кунанд, расму анъанаи халқҳои сокини ҳудуди ҶТ-ро гиромӣ доранд. Инчунин қонуни мазкур мафҳумҳои шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандиро, ки барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои ҲБХ зарур мебошанд, муайян менамояд. Ҳамин тавр, **шаҳрванди хориҷӣ** шахсе мебошад, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошад ва **шахси бешаҳрванд** – шахсе мебошад, ки шаҳрвандии ягон давлатро доро намебошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ аз ҳуқуқу озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони ҶТ вазифа ва масъулият доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк дар назди қонун баробаранд. Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони давлатҳое, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони ҶТ маҳдуд карда мешаванд, маҳдудиятҳои мувофиқ муқаррар мекунад. Аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар ҶТ истифода шудани ҳуқуқу озодиҳо набояд ба манфиатҳои давлат, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ҶТ ва шахсони дигар зарар расонад.

Мазмуни асосии онро ҳуқуқу озодӣ ва уҳдадории онҳо ташкил медиҳад, ки бо чунин хусусияти хеш аз қонунҳои Федератсияи Россия, Эрон, Булғория, Латвия дар бахши вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ тафовут дорад. Хусусияти қонуни мазкур дар он аст, ки хаҷми ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷиро дар Тоҷикистон вобаста ба таври доимӣ ё муваққатӣ иқомат намудан муқаррар менамояд [104].

Шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон, ба монанди шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа дорои вазъи ҳуқуқии муайян мебошанд. Дар робита ба ин масъала М.Н. Раҷабзода вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷиро таҳлил намуд, хусусияҳои онро чунин муайян менамояд: «а) тобеи ду тартиботи ҳуқуқӣ мебошад, яъне вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ тибқи қонунгузории давлати будубош ва давлате, ки шаҳрванди он мебошад, муайян карда мешавад; б) шаҳрванди хориҷӣ аз ҳимояи дипломатӣ бархӯрдор аст: вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ бо уҳдадориҳои байналмилалии давлати будубош, бехатарии он, принсипи тарафайн ва реторсия робитаи ногусастанӣ дорад» [152, с. 78]. Ҳамзамон, вазъи ҳуқуқии хориҷиёне, ки барои истиқомати доимӣ ба Тоҷикистон омадаанд, бо Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷират» 11 декабри соли 1999, № 88 муайян карда мешавад [11].

Категорияи дигари хориҷиён ин паноҳҷӯён дар ҶТ мебошанд. Паноҳҷӯён шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд эътироф карда мешавад, ки кишвари шаҳрвандии худ ё ҷойи истиқомати қаблии худро бо мақсади дархост дар бораи гуреза дар ҶТ тарк кардааст. Вазъи ҳуқуқии онҳо ба шаҳрвандони хориҷие, ки истиқомати муваққатӣ доранд ва пас аз гирифтани мақоми гуреза ба сокинони доимӣ баробар аст [226, с. 11].

Тартиби амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии хориҷиён бо қонунгузории меҳнат ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон (Созишномаҳо дар бораи шуғли мутақобила бо Федератсияи Русия, Белоруссия, Хитой, Словакия) танзим карда мешавад [142].

Ғайр аз ин, меъёрҳои коллизионӣ дар дигар қонунҳо низ муқаррар гардидаанд, масалан тибқи қ. 4 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии

иҷтимоӣ» аз 5 январи соли 2008, №359 «шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар ҳудуди ҶТ доимӣ истиқомат мекунанд, метавонанд дар асоси муқаррароти Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз хизматрасонии иҷтимоӣ истифода намоянд» [9]. Ба ҳамин монанд меъёрҳо дар қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» 13 ноябри соли 1998, №726 [3], «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» 9 декабри соли 2004, №72 [12] ва ғайра ҷой доранд.

Дар низоми қонунгузории ҶТ дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ санадҳои зерқонунӣ – Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 15 майи соли 1999, №218 тасдиқ шудааст; Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи тадбирҳои бо тартиби содда ба расмият даровардан ва додани раводидҳои ҶТ ба шаҳрвандони баъзе кишварҳои хориҷӣ» аз 3 апрели соли 2006, №134; Қоидаҳо оид ба намуд, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 2008, №27 тасдиқ карда шудааст; «Қоидаҳои убури транзитии шаҳрвандони хориҷӣ аз тариқи қаламрави ҶТ», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 15 майи соли 1999, №218 тасдиқ карда шудааст ва ғайра бахшида шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки танзими ҳуқуқии масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ чун қоида дар қонунгузории миллии давлатҳо ба таври гуногун муайян гардидааст, ки ин ба духӯрагиҳо ҳангоми муайянсозии вазъи ҳуқуқии онҳо дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ оварда мерасонад. Тавре А.С. Доггерт қайд менамояд, ихтилофҳое, ки дар соҳаи ҲБХ ба вуҷуд меоянд, бояд ба маънои васеъ, яъне коллизияи фарогирандаи фарҳангҳои ҳуқуқӣ баррасӣ карда шаванд, ки ба ғайр аз меъёрҳои миллии ҳуқуқи хусусӣ, инчунин масъалаҳоро ба монанди низоми арзишҳои миллии иҷтимоию ҳуқуқӣ (аксиологияи ҳуқуқӣ), принсипҳо ва озодиҳои тафсир ва дарки ҳуқуқ (герменевтикаи ҳуқуқӣ), хусусиятҳои низомҳои миллии сиёсӣ ва иқтисодӣ, таъсири хусусиятҳои ахлоқи миллӣ ва омилҳои диниро низ дар бар гирад [129, с. 69].

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки коллизия на танҳо дар байни меъёрҳои қонунгузории миллӣ, балки байни меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд, ки ин аз зарурати омӯзиш ва таҳлили чунин сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ, аз қабили қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ дарак медиҳад.

Танзими вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ба андешаи аксари муҳаққиқон танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқии коллизионии миллӣ амалӣ мегардад. Дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, ки категорияи «ҳуқуқи миллӣ» (ҳуқуқи дохилидавлатӣ) дар таҷрибаи танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ васеъ истифода мегардад. Одатан ба чунин муносибатҳо муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ-хусусиро бо иштироки субъектони хориҷӣ, инчунин оид ба объектҳои берун аз ҳудуди давлат қароргирифта ва ё дар асоси фактҳои ҳуқуқии дар хориҷа бавуҷудомадаро мансуб медонанд [136, с. 30-31].

Ҳамин тавр, дар м. 1306 КМ ҶТ муайян гардидааст, ки ҳуқуқи ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё дорои унсурҳои хориҷии дигар татбиқшаванда дар асоси ҳамин Кодекс, санадҳои қонунгузории дигар, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст ва одатҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад.

Яке аз мушкилиҳои асосӣ ҳангоми муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ дар он аст, ки меъёрҳои коллизионии миллӣ дар қонунҳои гуногун ҷойгир гардида, дар баъзе ҳолатҳо дуруст татбиқ намудани онҳоро душвор месозад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, роҳи имконпазири ҳалли ин мушкилӣ кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад, ки бо роҳи қабули қонуни махсус ё қабули санадҳои қонунгузории соҳавӣ, ки дар баробари меъёрҳои соҳавӣ,

меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба онҳо наздикро муттаҳид мекунанд, сурат мегирад [177, с. 130-131].

Қонунгузории дохилии давлатҳо дар соҳаи вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ асосан дар ду шакл пешниҳод карда шудааст: дар шакли санади ягонаи кодификатсиягардида (чун қоида қонун дар бораи ҲБХ) ё дар шакли маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар қонунҳои гуногуни соҳавӣ дарҷ шудаанд.

Қоидаҳое, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро танзим мекунанд, одатан дар қонунгузории миллӣ, аз қабили Конститутсия, кодексҳои маданӣ, қонунҳои махсус ва санадҳои зерқонунӣ мутамарказ шудаанд.

Дар тафовут аз қонунгузориии ҶТ, дар бештари давлатҳо танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои унсури хориҷӣ бо қонунҳои махсус, қонун дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ – санадҳои ягонаи кодификатсияшуда муайян мегардад. Дар давлатҳо, бахусус дар давлатҳое, ки ба оилаи ҳуқуқи континеналӣ тааллуқ доранд, тақрибан солҳои 60-ум қабули чунин қонунҳо оғоз гардида то имрӯз амал намуда истодаанд. Масалан, Чехия, Словакия (1963), Полша (1965), Австрия (1978), Маҷористон (1979), Туркия (1982), Олмон (1986). Инчунин, ба чунин давлатҳо Озарбойҷон, Албания, Белгия, Гурҷистон, Венесуэла, Италия, Лихтенштейн, Украина, Руминия, Чин, Сербия, ва Черногория, Тайланд, Тунис, Туркия, Шветсария, Кореяи Ҷанубӣ, Македония, Эстония, Словакия шомил мебошанд.

Чунин қонун дар як қатор давлатҳо кодификатсия гардида истодааст (Белгия, Нидерландия, Франсия). Дар аксари давлатҳои пасошуравӣ қоидаҳо оид ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар Кодексҳои мадании ин кишварҳо ҷойгир гардидаанд. Дар чунин давлатҳо ба монанди Сербия, Черногория, Англия, Канада ва ИМА, Испания қоидаҳои коллизионӣ дар қонунҳо ҷой доранд. Масалан, муносибатҳои ҳуқуқи мерос бо унсури хориҷиро дар Англия Қонуни мерос соли 1975 танзим менамояд.

Дар давлатҳои оилаи ҳуқуқи умумӣ, қонун дар бораи ҲБХ Луизиана аз соли 1991 ва Санади ҲБХ Англия соли 1995 қайд намудан мумкин аст. Аммо, сарфи назар аз ном онҳо танҳо баъзе масъалаҳои коллизиониро вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ танзим менамоянд. Ин қонунҳо вазъи ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ ва меҳнатии шахсони воқеӣ, масъалаҳои мерос ва ғайраро танзим мекунанд, инчунин масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар мурофиаи мадании парвандаҳо бо унсури хориҷиро дар бар мегиранд. Инчунин, қонуни Украина «Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» аз 23 июни соли 2005 бо назардошти кодификасияҳои охирини ҲБХ кишварҳои ҷаҳон коркард ва қабул гардидааст. Ин қонун мафҳумҳои зарурии умумиро дар бар гирифта (меъёрӣ коллизионӣ, ҳаволаи бозгашт, ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм, бандубасти ҳуқуқӣ, мухторияти ирода ва ғ.) аз ҷумла, меъёрҳои коллизонии, ки ҳуқуқи татбиқшавандаро вобаста ба вазъи шахс, ҳуқуқҳо, уҳдадориҳо, муносибатҳои оилавӣ, мерос, меҳнатӣ, мурофиавии маданӣ ва дигар муносибатҳоро муайян менамоянд.

Ҳамзамон тавре таҷрибаи муосири қонунгузории ҲБХ дар бештари кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, усули аввал бартарӣ дошта, қонуни махсус дар ин давлатҳо қабул гардидааст ё дар арафаи коркард ва қабул қарор дорад. Истифодаи ин таҷриба барои Тоҷикистон низ муфид мебошад, зеро муттаҳидсозии меъёрҳои ҲБХ бо роҳи қабули қонуни махсус имкон медиҳад, ки санади меъёрии махсус муқарраротеро дар бар гирад, ки на танҳо ба баъзе муносибатҳои ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, инчунин ин имкон медиҳад, ки меъёрҳои умумие, ки дар ин маврид дар санадҳои гуногун пароканда ҷойгир гардидаанд, такрор нашаванд.

Ҳоло Тоҷикистон роҳи дуюми кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусиро интихоб карда, вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар бахшҳои алоҳида аз санадҳои қонунгузории соҳавӣ пешниҳод мекунад (фасли VIII-и Кодекси мадании ҶТ; фасли VIII-и Кодекси оилавии ҶТ; фасли V-и КММ ҶТ).

Таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ вобаста ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ дар маҷмуъ мавҷудияти усулҳои гуногуни танзимнамоиро нишон медиҳад. Дар ин асно, усули коллизионӣ усули асосии танзими вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мазкур боқӣ мемонад.

Инчунин, вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ созишномаҳои байналмилалӣ муайян менамояд. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, таъсири шартномаҳои байналмилалӣ ба қонунҳои давлатҳои гуногун дар рушди муносибатҳои байнидавлатии хусусӣ бетағйир намемонад. Агар дар марҳилаҳои аввали рушд ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври ғайримустақим ба қонунгузории кишварҳо таъсир расонида бошад, ҳоло шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи дохилӣ баромад мекунад [213, с. 173].

Қонунгузории кишварҳои гуногун ҳамеша эътибори ҳуқуқии меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалиро муқаррар менамояд.

Бояд қайд намуд, ки меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ мухториятро нигоҳ медоранд. Ин чунин маъно дорад, ки аввалан, бе ризоияти давлатҳои дигари иштироккунандаи шартнома ягон кишвар наметавонад худсарона қоидаҳои онро тағйир доҳад, дувум ҳама гуна шарҳу эзоҳ дар шартнома бояд якхела тафсир карда шавад.

Шартномаҳои универсалӣ давлатҳоеро дар бар мегиранд, ки ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ба низомҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ доранд. Шартномаи байналмилалӣ сарчашмаи муҳимми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ буда, давлатҳои иштироккунандаи шартномаи байналмилалӣ вазифадоранд, ки қонунгузории дохилии худро ба шартномаҳои байналмилалӣ мутобиқ созанд. Ин дар шакли қабули қонуни махсус ё дар шакли истинод аз тарафи мақомоти олии қонунгузор ба шартнома ва ё дар шакли дигар тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми истифодаи шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ муайян кардан лозим аст, ки оё ин шартномаи байналмилалӣ ба муносибатҳои баҳсӣ тааллуқ дорад, ё

не? Ҳатто шартномаи байналмилалие, ки Тоҷикистон дар он иштирок намекунад, метавонад дар баъзе мавридҳо аз ҷониби судҳои Тоҷикистон барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда шавад, аз ҷумла ҳамчун қисми қонунгузории миллии давлати хориҷии иштирокчии шартнома, агар ҳуқуқи ин давлат тибқи меъёрҳои коллизионӣ ё иродаи тарафҳои муносибатҳо татбиқ карда шавад.

Шартномаҳои байналмилалии минтақавӣ ва дуҷониба дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ низ дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ саҳми бузург доранд. Масалан, Шартнома оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ бо Чин аз соли 1996, баста шудааст. Тибқи м. 1 он шаҳрвандони як Тарафи Аҳдкунанда дар қаламрави Тарафи дигари Аҳдкунанда нисбат ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии худ мисли шаҳрвандони Тарафи дигари Аҳдкунанда аз ҳимояи ҳуқуқӣ истифода мебаранд [14].

Конвенсияи Минск оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ айни замон нисбати Ҷумҳурии Молдова, Украина, Туркманистон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Беларус, Узбекистон, Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон амал мекунад [237]. Тибқи муқаддимаи Конвенсияи Минск ба шаҳрвандони тарафҳои созишнома ва шахсони дар каламрави онҳо истиқоматкунанда нисбат ба ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ вазъи ҳуқуқиро дар баробари шаҳрвандони худ таъмин намуда, ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти адлия дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аҳаммияти калон дода мешавад. Тибқи м. 1 ин Конвенсия «шаҳрвандони ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, инчунин шахсоне, ки дар қаламрави он иқомат доранд, дар қаламрави тамоми тарафҳои дигари Аҳдкунанда нисбат ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии худ ҳамчун шаҳрвандони худи ҳамин Тарафи Аҳдкунанда аз ҳимояи ҳуқуқӣ истифода мебаранд» [29].

Ҳангоми таҳлили масъалаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ба муайян кардани мақоми онҳо, аз ҷумла шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахсони бисёршаҳрвандидошта бояд таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Шахсоне, ки ба категорияҳои мухталиф дохил мегарданд ва қисми таркибии вазъи ҳуқуқии маданиро ташкил медиҳанд, шахсоне ба ҳисоб мераванд, ки дорои ҳуқуқ ва қобилияти ҳуқуқӣ мебошанд, аммо мазмун ва муҳтавои қобилият ва мукаллафияти категорияҳои мухталифи шахсон бо ҳам яксон ва баробар нест [127, с. 14].

Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ аз низоми ҳуқуқие, ки давлат барои онҳо муқаррар намудааст, аз вақти будубош дар қаламрави давлат, аз мақсади ворид шудан ва ғайра вобаста аст. Аз ин рӯ, агар шаҳрванди Тоҷикистон ба қарори берун аз Тоҷикистон сафар кардан ояд, ӯ бояд бо доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои хориҷиён муқарраршуда дар давлати таъиншуда шинос бошад, зеро дар аксари кишварҳои ҷаҳон шаҳрвандони хориҷӣ тахти речаи миллӣ қарор мегиранд.

Доираи хеле васеи муносибатҳо бо унсури хориҷӣ маҳз тавассути меъёрҳои моддии ҳуқуқи миллӣ танзим карда мешаванд. Ин вазъият, чун қоида, дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки қонунгузории миллӣ танзими муфассали моддии доираи васеи муносибатҳои марбут ба муоширати байналмилалиро дар бар мегирад. Усули умумии танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ усули ғайримарказикунонӣ ва мухторияти иродаи тарафҳо мебошад. Бевосита дар ҲБХ усулҳои махсус – коллизияи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи моддӣ мавҷуданд. Ин усулҳои махсуси ҲБХ ба ҳамдигар мухолиф набуда, балки дар алоқаманндӣ амал мекунанд ва бо ҳам пайваст мебошанд. Усули коллизионӣ танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ бо рафъи ихтилофот дар қонунгузории давлатҳои гуногун алоқаманд буда, истифодаи меъёрҳои коллизионии қонунро дар назар дорад. Усули моддӣ-ҳуқуқӣ мавҷудияти танзими ягонаи муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ дар давлатҳои гуногунро дар назар дошта, ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии моддӣ (пеш аз ҳама ягона, байналмилалӣ) асос ёфтааст.

Ҷузъҳои таркибии мақоми ҳуқуқии шахс: қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти амалкунӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳо, кафолатҳо, манфиатҳо, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва дигар унсурҳо ҳадди рафтори шахсро дар тамоми маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Бе мушаххас кардани хусусияти ин унсурҳо моҳияти воқеии муносибатҳои давлат ва шахсони алоҳидаро ҳамчун иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ муайян кардан душвор аст.

Инчунин, барои ҳалли дурусти коллизияҳо марбут ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ бо унсури хориҷи мураккабгардида интихоби қонунгузори татбиқшаванда аҳамияти калон дорад. Ҳалли масъалае, ки ҳуқуқи кадом давлат бояд муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии маданиро танзим кунад, барои бартараф кардани ихтилофоти низомҳои ҳуқуқӣ ва осон намудани раванди эътироф ва иҷрои қарорҳои судҳои хориҷӣ мусоидат мекунад. Усули коллизионӣ – ҳаволакунанда, бавосита ва ғайримустақим мебошад, ки ба татбиқи меъёрҳои коллизонии қонун асос ёфтааст. Меъёрҳои коллизионӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошанд:

– меъёрҳои коллизионӣ бевосита ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони муносибатҳои ҳуқуқиро танзим намекунанд, онҳо танҳо чун асос барои интихоб ва татбиқнамоии ҳуқуқ хизмат мекунанд;

– меъёрҳои коллизионӣ афзалияти танзими ҳуқуқиро дар натиҷаи ҳавола кардан ба меъёри моддӣ-ҳуқуқӣ дахлдор ифода менамоянд [191, с. 75-76].

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

– дар Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ барои танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ бояд дар маҷмуъ ба таври мусбат баҳо дода шавад. Дар Тоҷикистон меъёрҳои коллизионӣ танзимкунандаи вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ тааллуқдошта асосан дар кодексҳои маданӣ, оилавӣ, мурофиаи маданӣ ва қонунҳои махсус ва санадҳои зерқонунӣ мутамарказ шудаанд;

– таҳлили унсури хориҷӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ нишон медиҳад, ки як қатор аз ин муносибатҳо бо меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ танзим карда мешаванд.

– вазъи ҳуқуқии шахсони воқеии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ аз низоми ҳуқуқие, ки давлат барои онҳо муқаррар намудааст, аз вақти будубош дар қаламрави давлат, аз мақсади ворид шудан ва ғайра вобаста аст. Аз ин рӯ, шаҳрванди Тоҷикистон дар ҳолати берун аз Тоҷикистон сафар кардан бояд бо доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои хориҷиён муқарраршуда дар давлати таъиншуда шинос бошад, зеро мувофиқи қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон шаҳрвандони хориҷӣ таҳти реҷаи миллӣ қарор мегиранд.

Бо ин назардошт метавон чунин хулоса намуд, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ чун иштирокдори муносибатҳои байналмилалии хусусӣ зери таъсири унсурҳои гуногуни танзими ҳуқуқии дигар соҳаҳо, аз ҷумла ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи маданӣ ташаккул ёфта, дар худ онҳоро таҷассум менамояд.

## 1.2. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ

Масъалаи муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини илми ҳуқуқ ба шумор рафта, ин категория дар соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ истифода мегардад. Ҳамзамон муайян намудани мафҳуми шахси воқеӣ дар ҲБХ барои тавсифи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ ва мушаххас сохтани хусусиятҳои умумии вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни ин муносибатҳо аҳаммияти калон дорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар робита бо категорияҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина А.Ш. Айюбзода бамаврид қайд менамояд, ки «аҳаммияти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ дар он ифода меёбад, ки маҳз ин категорияҳо иштироки фаъоли субъектро дар муомилоти маданӣ ва ба амал баровардани ҳуқуқҳои маданӣ таъмин менамояд» [217, с. 86].

Сарфи назар аз мавҷудияти таҳаввулоти хеле устувори назариявӣ, бояд қайд кард, ки падидаи шахси воқеӣ-субъекти ҳуқуқ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ аҳаммияти худро нигоҳ медорад ва то андозае ҳатто баҳснок боқӣ мемонад. Бинобар ин, то ҳол ягон равишҳои умумии доктриналӣ ба шарҳи мундариҷаи он вуҷуд надоранд. Муайян намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ таҳлили «қобилияти ҳуқуқӣ» ва «қобилияти амалкунӣ»-ро тақозо менамояд, ки то имрӯз яке масъалаҳои мубрам боқӣ мемонанд [186, с. 182-187].

Дар робита ба унсурҳои таркибии сохтори вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ аз қабили қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ коллизияҳои зиёд ҷой доранд. Масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба таври куллӣ танзими коллизионии кобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии онҳоро дар бар мегирад, қисми марказии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро ташкил медиҳанд. Мавриди зикр аст, ки мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд, сабаби коллизияҳои қонунгузории мадании давлатҳои гуногун мегардад, ки дар навбати худ боиси масъалаи интихоби ҳуқуқи салоҳиятдор мегардад, ки мақоми иштирокдорон ва татбиқи қонунро барои ҳалли чунин муносибатҳо муайян мекунад.

Шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд, ҳуқуқу озодиҳои бо шаҳрвандони Тоҷикистон якхела доранд ва якхела уҳдадориҳоро иҷро мекунанд, агар дар қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Татбиқ намудани реҷаи миллӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ нисбат ба хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун иштирокдорони ин муносибатҳо ба истиқомати онҳо дар Тоҷикистон иртибот надорад.

Дар кишварҳои гуногун қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ ҳам ба қонуни маҳалли будубоши онҳо ва ҳам қонуни давлати шаҳрвандӣ ё истиқомати доимии онҳо тобеъ аст. Дар робита ба ин, як қатор хусусиятҳои

мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқӣ қайд карда мешаванд.

Дар ҲБХ то ҳол нуқтаи ягона оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ муайян карда нашудааст. Муқаррароти ҳатмӣ ҳуқуқи маҳалли истиқомат, ҳуқуқи маҳалли будубош ба таври умум эътироф карда мешаванд. Мувофиқи қонуни Лихтенштейн нисбат ба пайдоиш ва мазмуни қобилияти ҳуқуқи шахсияти ҳуқуқии хориҷиён қонуни давлатӣ татбиқ хоҳад шуд. Дар қонуни Швейтсария қайд мегардад, ки ҳуқуқе, ки ба пайдоиш ва мазмуни қобилияти ҳуқуқӣ татбиқ мешавад, мувофиқи қонуне, ки ба мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии мавриди баррасӣ қарор дорад, татбиқ карда мешавад. Дар қонунгузории Чин, қобилияти ҳуқуқии шахси воқеӣ ба қонуни ҷойи истиқомати шахс вобаста аст. Қонунгузории Олмон мақоми шахсиро тибқи қонунҳои миллӣ муайян мекунад.

Дар давлатҳои муосир меъёри императивии ҳуқуқи моддӣ муайян карда шудааст, ки моҳияташ дар он ифода меёбад, ки шаҳрвандони хориҷӣ аз речаи миллӣ истифода мебаранд. Масъалаҳои вобаста ба қобилияти ҳуқуқӣ ба таври коллизионӣ бо қонунҳои шахсии фард танзим мешаванд, ки тавассути онҳо пайдоиш ва қатъ гардидани қобилияти ҳуқуқии мадании шахси воқеӣ муайян карда мешавад [194, с. 422]. Масалан дар м. 34 қонуни Швейтсария дар бораи ҲБХ, қобилияти ҳуқуқии маданӣ тибқи қонунгузории миллӣ муайян мегардад. Ба даст овардан ва аз даст додани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ бо ҳуқуқе танзим карда мешавад, ки нисбат ба муносибатҳои марбут ба татбиқи ҳуқуқҳои маданӣ татбиқ мегардад. Тибқи м. 51-и Кодекси ҲБХ Булғористон қобилияти ҳуқуқие, ки дар асоси қонуни миллӣ ба даст омадааст, ҳангоми тағйири шаҳрвандӣ тағйир намеёбад. Дар қонун дар бораи ҲБХ Украина қайд мегардад, ки шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави давлат баробари шаҳрвандони Украина қобилияти ҳуқуқӣ доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар кардаанд.

Ҷанбаи коллизионии қонунҳои танзимкунанди қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар ҲБХ барои илми ватанӣ ва махсусан амалияи татбиқи ҳуқуқ вобаста ба қабули меъёрҳои нав дар қонунгузории маданӣ аҳаммияти бештар пайдо намуда истодаанд. Вобаста ба ин фасли VIII Кодекси мадании ҶТ доираи меъёрҳои коллизионӣ на танҳо аз ҷиҳати миқдорӣ, балки, пеш аз ҳама, сифатан зиёд шудааст.

Дар давраи муосир васеъшавии пайвастаи доираи амали вобастагии коллизионии «ҳуқуқи шахсӣ» тавассути дигар ҷузъҳои муносибатҳои танзимшаванда ба назар мерасад. Ҳамин тавр, даҳсолаҳои охир зарурати танзим бо истифода аз ин принсипи коллизионии ҳуқуқӣ қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ ба вуҷуд омад, ки дар бештари меъёрҳои қонунгузории вобаста ба ҲБХ кишварҳои гуногун пешбинӣ гардидаанд. Масалан, «қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеиро қонуни шахсии онҳо муайян мекунад, ба истиснои ҳолатҳои маҳдудияти татбиқи он, ки Кодекси мазкур ё қонуни маҳаллӣ муқаррар кардааст» (м. 28 Кодекси Бустаманте).

Тибқи м. 1316 КМ ҶТ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун ё шартномаҳои байналмилалие, ки ҷумҳурӣ эътироф кардааст, баробари шаҳрвандони Тоҷикистон дорои қобилияти ҳуқуқӣ мебошанд. Қонунгузори Тоҷикистон роҳи муттаҳид кардани принсипҳои коллизиони нисбат ба ду категория, ки ба як тартиботи ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд, пеша намудааст, агар зарурати танзими қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунии шахс вуҷуд дошта бошад: «қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад» ва «қобилияти амалкунии шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад» (м. 1316 Кодекси мадании ҶТ).

Бояд қайд кард, ки тибқи м. 18 КМ ҶТ «қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории маданӣ нисбати тамоми шахсони воқеӣ баробар эътироф мешавад. Чунин қобилият аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми вафот қатъ мегардад. Қобилияти ҳуқуқорӣ маънои қобилияти доштани ҳуқуқ ва инчунин

қобилияти доштани уҳдадориро дорад. Доштани ҳуқуқ ҷанбаи мусбат мебошад, дар ҳоле ки доштани уҳдадорӣ ҷанбаи манфиро ифода мекунад» [197, с. 139-142].

Барои мавҷудияти шахсият дар замони муосир мавҷудияти қобилияти ҳуқуқии ӯ зарур аст. Ҳар як инсон бе ягон ирода ва рафтор қобилияти ҳуқуқиро дорад. Новобаста аз он ки шахс ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад ё не, ин мавҷудияти қобилияти ҳуқуқии ӯро тағйир намедиҳад.

Масъалаи лаҳзаи ба даст овардани қобилияти ҳуқуқдорӣ баҳснок буда, эътирофи баъзе ҳуқуқҳои тифли таввалуднашуда ҳанӯз дар Қонуни XII ҷадвал пешбинӣ гардида буд [130, с. 18]. Аз лаҳзаи таваллуд ба даст овардани қобилияти ҳуқуқдориро аксари муҳаққиқон ҷонибдорӣ мекунанд [222, с. 142]. Ҳамзамон ин масъала дар қонунгузории кишварҳои гуногун яксон нест. Масалан, Кодекси мадании Фаронса талаб менамояд, ки кӯдак қобилияти зинда монданро дошта бошад.

Тибқи қонунгузории Туркия ва Шветсария пайдоиши шахсият аз таваллуди кӯдаки солим ва зинда оғоз меёбад. Байни таваллуди табиӣ ва дахолати тиббӣ тафовут гузошта намешавад. Назари бартаридошта дар доктрина ин аст, ки кӯдаки комилу зинда ба дунё меояд, шахсият мебошад. Бо мақсади ҳифзи манфиатҳои кӯдаки дарбатнимодарбуда, қонунгузории мадании Тоҷикистон эътироф мекунад, ки кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодашавии мерос зинда таваллудшуда, сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун тааллуқ дошт, мерос мегиранд (ҳиссаи ҳатмӣ). Чунин қоида дар аксари қонунҳои мадании кишварҳои пасошуравӣ эътироф шудааст. Бо вуҷуди ин, баъзе истисноҳо ҷой доранд. Масалан қонунгузории Фаронса муқаррар кардааст, ки кӯдак бояд зинда монад ва ё тавре дар қонуни Испания муайян, гардидааст кӯдак пас аз бисту чаҳор соат зиндагӣ кардан қобилияти ҳуқуқдориро ба даст меорад. Ба андешаи мо Кодекси мадании ҶТ дар муқоиса бо дигар низомҳои ҳуқуқӣ қобилияти ҳукуқдориро равшантар баён менамояд, зеро он қобилияти

ҳуқуқдориро дар сурати зинда таваллуд шудан эътироф менамояд ва қобилияти зинда мондани кӯдакро талаб намекунад.

Ҳамин тавр, қонуни миллии шахс қонуни салоҳиятдор оид ба пайдоиш ва қатъ гардидани қобилияти ҳуқуқии ӯ мегардад. Имрӯз қобилияти ҳуқуқӣ ба ҳамаи шахсон пешниҳод мешавад. Тибқи қонунгузории қариб тамоми кишварҳои ҷаҳон, қобилияти ҳуқуқӣ аз лаҳзаи таваллуд оғоз мешавад.

Қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ бо марги шахс вобаста аст. Н.Ш. Қурбонализода қайд мекунад, ки «ҳамзамон дар баъзе муносибатҳои ҳуқуқӣ бо марги ҷисмонии инсон – ҳаёти ӯ ба маънои ҳуқуқӣ қатъ намегардад, чунки метавонад васиятнома мавҷуд бошад, метавонад шартнома мавҷуд бошад. Инчунин ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат бошад, ки бо қонун мустаҳкам гардидаанд» [222, с. 44].

Мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ дар м. 19 КМ ҶТ чунин ифода ёфтааст: «шахси воқеӣ метавонад ҳам дар ҳудуди Тоҷикистон ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқҳои гуногун бошад, аз ҷумла: молу мулк дошта бошад, мерос гирад, васият кунад, озодона ҳаракат карда, маҳалли истиқоматро интихоб намояд, озодона ҳудуди ҷумҳуриро тарк кунад, ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳар гуна фаъолияти манънакардаи қонунгузорӣ машғул шавад, ҳар гуна аҳди бо қонунгузорӣ манъашударо анҷом диҳад, дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бошад, ҷуброни зарари моддӣ ва товони зарари маънавиро талаб намояд, ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дошта бошад» [3].

Дар масъалаи фаҳмиши қобилияти ҳуқуқии шахси воқеӣ дар давлатҳои гуногун мавҷудияти коллизияҳо дар ташаккули масъала хос аст. Аз ҷумла, дар қонунҳои Русия (м. 17-и КМ) [44], Ҷопон (м. 1.3-и КМ) [48] ё Фаронса (м. 16-и КМ) [55; 120, с. 592-601] пайдоиш ва аз даст додани қобилияти ҳуқуқӣ тавассути фактҳои ҳуқуқии чун таваллуд ва марги шахс асос меёбад. Аммо тибқи м 30 КМ Испания дар сурати 24 соат зиндагӣ кардан қобилияти ҳуқуқӣ ба вуҷуд ояд [38].

Дар қонунгузории Тоҷикистон, Узбекистон, Қирғизистон ва ғайра дар баробари таваллуд шудан шахси воқеӣ чунин қобилиятро ба даст меорад,

ҳамзамон истисно низ ҷой дорад – масалан, дар муносибатҳои меросӣ шаҳрвандоне, ки «дар давоми ҳаёти меросгузор ҳомила шуда, баъди кушода шудани мерос зинда таваллуд шудаанд» метавонанд ба мерос даъват карда шаванд, «ҳангоми мавҷуд будани ҳамл, вале ҳанӯз таваллуд нашудани меросгир, тақсими мерос метавонад танҳо пас аз таваллуди чунин меросгир сурат гирад».

Дар баъзе кишварҳо таҳияи меъёрҳои коллизонии қонунгузорӣ усули дар доираи як модда муттаҳид кардани меъёри кобилияти ҳуқуқӣ ва кобилияти амалкунӣ ба назар мерасад. Масалан дар қонуни ҲБХ Австрия аз соли 1978 омадааст: «Қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахси воқеӣ мувофиқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад» (§ 12) [56]. Аз ҷумла, қонунгузории миллӣ низ дар як модда, моддаи 1316 КМ ҶТ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ пешбинӣ намудааст. Намунаи усули дуюми танзими ин масаъала Қонуни соли 1995, №218 «Ислоҳоти низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусии итолиёвӣ» мебошад, ки мутаносибан қобилияти амалкунӣ (м 23) ва ҳуқуқдориро (м 20) дар 2 моддаи гуногун муқаррар менамояд. Вобаста ба ин қайд намудани қонуни Украина аз 23 июни соли 2005 мувофиқи мақсад мебошад, ки аввалан, он қобилияти ҳуқуқии шахси воқеиро дар доираи танзими коллизионии қонун ҷойгир намуда, инро бевосита дар фасли II, ки «Меъёрҳои коллизионӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ном дорад, дар доираи м. 16 «Қонуни шахсии шахс» муайян намудааст. Тибқи он, «қонуни шахсии шахси воқеӣ қонуни давлате ҳисобида мешавад, ки ӯ шаҳрванди он аст» [58]. Дар ин замина қайд намудан муҷоз аст, ки ҳолати кунунии Украинаро дар назар надорем, бинобар вазъи сиёсии он, шояд дар амалӣ гардидани ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ таъсири манфӣ гузорад, вале қонунгузории қабулнамудаи Украина намунаи беҳтарин ба шумор мерафт. Дувум яке аз кодификатсияҳои охирини меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҷаҳон буда, табиист, ки таҷрибаи кишварҳои дигарро дар робита ба равандҳои қаблии коркард ва ба низом даровардани қонунгузорӣ дар соҳаи

ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, дар доираи ҳудуди муайян гирд оварда, кӯшиш менамояд, ки бо нишон додани баъзе мафҳумҳо аз формулаҳои умумӣ дур шавад.

Ҳамин тавр, дар робита ба қобилияти ҳуқуқӣ ин қонун принсипи умумии тобеияти онҳоро ба қонуни шахсӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, ҳолатҳои иловагӣ низ инъикос карда мешаванд: дар қаламрави Украина шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба истиснои муқаррарнамудаи қонун ё шартномаҳои байналмилалӣ ва қобилияти шаҳрвандии шахс ҳангоми анҷом додани муомилот ё ба миён омадани уҳдадориҳо аз тартиби миллӣ истифода мебаранд, натиҷаи расонидани зарарро, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, тибқи қонуни давлати маҳалли анҷом додани муомила ё расонидани зарар низ танзим кардан мумкин аст [101, с. 353-354].

Бояд қайд намуд, ки танзими коллизионии қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар ҷаҳони муосир танҳо ба воситаи ҳуқуқи миллӣ имконнопазир аст. Нисбат ба кишварҳои ИДМ, аз ҷумла ҶТ ҳалли масъалаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеии дар қаламрави онҳо зиндагикардаистода мубрам мебошад. Конвенсияи Минск (1993) оид ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ёрии ҳуқуқӣ дар парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, ки байни ин кишварҳо баста шудааст, инчунин қонуни шаҳрвандӣ ва ҷойи истиқомати доимии шахсро ҳамчун ду шакли ҳуқуқи шахсӣ, вобаста ба хусусияти асосии вазъи ҳуқуқии шахси хориҷӣ (доштан ё надоштани шаҳрвандии ягон давлат) муайян менамояд.

Меъёри коллизионии конвенсионӣ дар ин самт қоидае мебошад, ки «қобилияти амалкунии шахси воқеиро қонунгузории тарафи созишнома, ки ин шахс шаҳрванди он аст, муайян мекунад. Қобилияти амалкунии шахси бешаҳрвандро қонуни кишваре муайян мекунад, ки ӯ дар он ҷо истиқомати доимӣ дорад» (м. 23 Конвенсияи Минск) [29].

Ҳамин тавр, дар миқёси ҷаҳонӣ паҳншавии мунтазами муқаррароти меъёрии пайванди коллизонии «lex personalis» – ҳуқуқи шахсии шахси воқеӣ

ҳамчун категорияи махсуси ҲБХ, ки ба қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахси ҳуқуқӣ тааллуқ дорад, мушоҳида кардан мумкин аст. Эътироф кардани ҳама гуна қобилияти ҳуқуқӣ сарвати доимии тартиботи ҳуқуқии маданӣ мебошад» [103, с. 78]. Ба андешаи муҳаққиқони соҳа «шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави кишварҳои дигар дорои қобилияти ҳуқуқӣ мебошанд, ки бо тартиби ҳуқуқии маҳаллӣ муайян карда мешаванд. Дар аксари ҳолатҳо ин дар асоси принсипи реҷаи миллӣ амалӣ мегардад, ки он дар санади дохилидавлатӣ ва ё созишномаи байналмилалие, ки дар он давлатҳои дахлдор иштирок мекунанд, муқаррар мегардад [62, с. 2].

Ҳамзамон, баъзе изҳороти баҳсталаб низ ҷой доранд. Масалан, И.В. Гетман-Павлова қайд менамояд, ки «дар ҳуқуқи аксари давлатҳо меъёри императивии моддӣ муқаррар гардида, вобаста ба соҳибҳуқуқии хориҷиён реҷаи миллӣ татбиқ мегардад, ҳамзамон баъзе масъалаҳо вобаста ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ба таври коллизионӣ танзим гардида бо қонуни шахсии шахси воқеӣ муайян карда мешаванд» [76, с. 135].

Ба шахсияти шахси воқеӣ ҳамчунин қобилияти амалкунӣ алоқаманд аст, дар ҳоле ки қобилияти ҳуқуқӣ бо далели таваллуд ё фавти шахс вобаста аст. Дар ҲБХ қариб дар тамоми кишварҳо мавқеи асосиро принсипи реҷаи миллӣ ишғол менамояд, ки дар натиҷаи он хориҷиён (бо баъзе истисно) ба шаҳрвандони кишвар баробар карда мешаванд, аз ин ҷиҳат имкон барои муроҷиат кардан ба ҳуқуқи шахсӣ вобаста ба қобилияти ҳуқуқии онҳо аслан ҷой дошта наметавонад, зеро мазмуни воқеии қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ дар хориҷа бояд дар асоси меъёрҳои реҷаи ҳуқуқии «маҳаллӣ» (ҳудудӣ) муқаррар карда шавад.

Таҳлили танзими масъалаи баррасишаванда нишон медиҳад, ки дар ин самт тағйиротҳо бо санадҳои нав, аз ҷумла дар кодификатсияҳои охирин мушоҳида мешавад, ки дар онҳо на танҳо ҷанбаи коллизионии қобилияти ҳуқуқдорӣ, балки ҳамчунин қоидае пайдо гардидааст, ки тибқи он қобилияти соҳибҳуқуқии шахси воқеӣ ба қонуни шахсии ӯ вобаста аст.

Бо сабаби бартарияти қоидаҳои махсус нисбат ба қоидаҳои умумӣ дар соҳаҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ ва фаъолияти дигар, аз ҷумла кооператсияи истеҳсолӣ, фаъолият дар соҳаи мубодилаи байналмилалии мол, иттилоот, кор, хизматрасонӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ бо ҳуқуқи давлати хориҷие, ки онҳо шаҳрванди он мебошанд ва қобилияти ҳуқуқии шахсони бешаҳрванд тибқи ҳуқуқи давлати хориҷие, ки ин шахсон дар он иқомати доимӣ доранд, муайян карда мешавад.

Дар соҳаи татбиқи ҳуқуқҳои маданӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ, реҷаи миллӣ дар Тоҷикистон нисбат ба соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, меҳнатӣ ва дигар соҳаҳо васеътар аст. Ба ибораи дигар, маҳдудиятҳо танҳо дар ҳолатҳои алоҳида ба назар мерасанд. Масалан, дар Тоҷикистон ба шаҳрвандони Тоҷикистон замин танҳо бо ҳуқуқи истифода ва иҷора дода мешавад дар ин робита дар қонунгузории Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ маҳдудиятҳо пешбинӣ шудаанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд иштирокдорони ширкатҳои тиҷоратӣ бошанд. Онҳо – сармоягузорони ташкилотҳои тиҷоратӣ бо сармоягузории хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун буда метавонанд [117, с. 100].

Шахси бешаҳрванд, ки ба таври доимӣ берун аз ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, метавонад ҳамчун сармоягузори хориҷӣ баромад кунад. Қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунии ӯ, дар навбати худ, бо қонунгузории давлати истиқомати доимии ӯ муайян карда мешавад ва ӯ бояд тибқи қонунгузории давлати мазкур ҳуқуқ дошта бошад, ки дар қаламрави сармоягузорӣ кунад. Шароити ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ – шахсони воқеӣ бо назардошти принсипи реҷаи миллӣ, ба истисноӣ муқаррарнамудаи қонунҳо наметавонад нисбат ба низоми ҳуқуқии сармоягузорони Тоҷикистон камтар мусоид бошад. Шахсони хориҷӣ ҳуқуқ доранд соҳибкор бошанд, аз ҷумла бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аъзои кооперативҳои истеҳсолӣ, кооперативҳои матлуботи кишоварзӣ бошанд.

Ба манфиати таъмини амният, рушди саноат ва энергетика дар Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди мақомоти манфиатдори ҳокимияти иҷроия метавонад барои иштироки истифодабарандагони хориҷӣ дар озмунҳо (аукционҳо) оид ба кофтуков, иктишоф ва коркарди сарватҳои зеризаминии минтақаҳои алоҳида маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шаванд. Қоидаи мазкур ба ҳама шахсони воқеӣ тааллуқ дорад, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон ва хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони дорои душаҳрвандӣ.

Тавре дар дар адабиёт қайд мегардад, нисбати вазъи ҳуқуқии шахс берун аз қаламрави кишвараш «ҳадди ақал ду тартиботи ҳуқуқӣ амал мекунад: давлати миллӣ ва давлати хориҷии будубоши он» [62, с. 2].

Ҳамзамон тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: «Густариш додани муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ҳам дар соҳаи амволӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ бағоят фазои ҳуқуқиро васеъ намуд... Аммо таҳлили муқоисавии гузаронидашуда, имкон дод баъзе коллизияҳо ошкор карда шаванд, ки танзими ҳуқуқии онҳо бомуваффақият дар Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон муқаррар шуда буд. Сухан, аз ҷумла, оид ба чунин ҳуқуқи субъективии муҳим, ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвири шаҳрванд меравад» [222, с. 157].

Вобаста ба ин муносибат метавон мисолҳои гуногунро дар равишҳои қонунгузории кишварҳои мухталиф овардан мумкин аст. Аз ҷумла, тағйироти соли 1991, ки ба Кодекси мадании иёлоти Луизиана (ИМА) ворид карда шудаанд, аз ҷониби қонунгузор даст кашидан аз категорияи «қонуни шахсӣ» барои тавсифи вазъи ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Мувофиқи м. 3519 кодекси болозикр, «мақоми шахс ва хусусиятҳои ба он алоқаманд, инчунин оқибатҳои ин мақом тибқи қонуни давлате танзим карда мешавад, ки ба манфиатҳои он зарари ҷиддӣ расонида мешавад» [41]. Дар Кодекси мадании Португалия аз соли 1966 (б. 1 м. 26) боз ҳам мушаххастар аст: «Оғоз ва қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси воқеӣ бо қонуни шахсии ҳар як шахс баробар муқаррар карда мешавад» [42]. Масъалаи мазкур аз ҷониби қонунгузории Қазоқистон ба таври «анъанавӣ» ҳал гардидааст, ки категорияи

«ҳуқуқи шахсӣ»-ро ҳамчун умумӣ муқаррар намуда, қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеиро дар асоси низоми миллӣ ба қонуни Қазоқистон ва қобилияти амалкуниро бошад – ба ҳуқуқи шахсӣ тобеъ менамояд [43].

Тарзи дигар амалияи конунгузории Ҷумҳурии Узбекистон мебошад. Моддаи 1169 КМ ҶУ ба таври умум танзими ягонаро тавассути қонуни шахсӣ ҳам қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеиро пешбинӣ мекунад. Аммо муқаррар менамояд, ки «шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Узбекистон дар баробари шаҳрвандон аз қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандӣ истифода мебаранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Узбекистон муқаррар карда шудаанд» [46].

Дар робита ба ҳалли умумии масъала, таваҷҷуҳ ба асосноккунии равиши қонунгузории Эрон ба ҳалли масъалаи бамиёнгузошташуда ҷолиби диққат аст: «Тамоми онҳое, ки дар қаламрави Эрон зиндагӣ мекунанд, шаҳрвандони эронӣ ё хориҷӣ, тобеияти қонунҳои Эрон мебошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қонун муқаррар шудаанд» (м. 5-и КМ). «Хориҷиёне, ки дар Эрон иқомат доранд, аз рӯйи вазъи шахсӣ ва қобилияти ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқи мерос дар доираи қонунҳо ва қоидаҳои миллии худ дар доираи муқаррарнамудаи шартномаҳои байналмилалӣ тобеъ мебошанд» (м. 7) [37].

Баъзе давлатҳо бошанд муносибати комплексиро дар ин масъала интихоб намудаанд. Ҳамин тавр, санадҳои кодификатсишуда оид ба ҲБХ (Туркия, Венгрия, Италия, Полша, Ҷопон), фаслҳои дахлдори кодексҳои маданӣ (Қазоқистон, Русия, Молдова, Литва, Узбекистон ва ғайра) ва муқарраroти ҳуқуқии дигар кишварҳо муайян кардани қобилияти амалкунии шахсони воқеии хориҷиро бо шаҳрвандии онҳо вобаста менамоянд. Уругвай, Латвия, Канада, Хитой бо мақсади муайян кардани қобилияти амалкунии шахси воқеӣ аз принсипи lex domicilii (қонуни истиқомат) истифода намудаанд. Дар КМ Латвия муқаррар гардидааст, ки: «қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеиро қонуни маҳалли истиқомати ӯ муайян мекунад» (м. 8) [40]. Тибқи қонунгузории мадании Хитой «қобилияти

амалкунии мадании шаҳрвандони Хитой, ки дар хориҷа доимӣ истиқомат доранд, мумкин аст бо қонуни давлати истиқомати доимӣ муайян карда шавад» (м. 145) [39].

Ҳамин тавр, ҳангоми ворид кардани асосҳои коллизионии принсипи ҳуқуқи шахсӣ ба меъёри ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, қонунгузорро зарур буд, ки муқаррароти коллизионии қонунҳоеро, ки ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахси воқеӣ таъсир мерасонанд пурратар муайян намояд: пеш аз ҳама ҳадди танзимнамоии коллизионӣ вобаста ба масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ба қонуни шахсӣ тобеъ гардонидани на ҳама қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар маҷмуъ, балки танҳо он унсурҳое, ки воқеан бо шахс алоқаи ногусастанӣ доранд, яъне оғоз ва анҷоми он; дар робита ба мазмуни қобилияти ҳуқуқии шахси воқеие, ки нисбат ба Тоҷикистон ва юрисдиксияи он хориҷӣ аст ва дар қаламрави он қарор дорад, ба мақсад мувофиқ аст, ки он дар асоси принсипи реҷаи миллӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамзамон тавре муаллифон дар иртибот ба ин ҳолат қайд мекунанд: «Тамоюли ин гуна танзим ба самти маҳдуд кардани ҳуқуқи хориҷиён равона нагардидааст. Баръакс, хориҷие, ки аз рӯйи шароит то замони муайян бо кишвар робита надошт, тибқи қонунгузории он барои амалҳои бештар имконият пайдо мекунад» [157, с. 165]. Муҳаққиқон дар мавриди муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ қайд менамоянд, ки «меъёрҳои қонунгузорӣ (ба истиснои қоидаи умумӣ), ки танзими махсусро барои шаҳрвандони хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ муқаррар мекунанд, нисбатан каманд» [95, с. 364-365].

Конвенсия оид ба мақоми гурезаҳо аз 28 июли соли 1951, ин масъаларо баррасӣ намуда муқаррар мекунад, ки мақоми шахсии гуреза бо қонунҳои кишвари истиқомати ӯ муайян карда мешаванд. Конвенсия оид ба вазъи шахсони бешаҳрванд аз 28 сентябри соли 1954, айнан ҳамин чизро пешбинӣ мекунад (м. 12), танҳо нисбати шахси бешаҳрванд [17].

Шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба дар ҳоли ҳозир мавҷуданд, ки кишварҳои ИДМ-ро мепайвандад. Ҳамзамон онҳо қоидаҳои умумиеро дар

бар мегиранд, ки барои муайян кардани қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандони давлатҳои аҳдбаста дар асоси принсипи шаҳрвандӣ ва шахсони бешаҳрванд (шахсони бидуни шаҳрвандӣ) бахшида шудаанд ё шаҳрвандӣ – аз рӯйи принсипи истиқомати доимӣ (моддаи 23 Конвенсияи Минск). Дар ин санад категорияи «ҳуқуқи шахсӣ» зикр нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқии дигар давлатҳо қобилияти ҳуқуқӣ баъзан бо қобилияти амалкунӣ якҷоя мешавад. Ҳамин тариқ, дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ истилоҳи «қобилияти ҳуқуқӣ» ҳам қобилияти ҳуқуқӣ ва ҳам қобилияти амалкуниро дар бар мегирад. Аммо дар амалияи судӣ инчунин мафҳумҳои «passive capacity» (қобилияти ҳуқуқии пассивӣ – аз рӯйи мазмун ба қобилияти ҳуқуқии мо мувофиқ аст) ва «active capacity» (қобилияти ҳуқуқии фаъол - ба қобилияти амалкунии мо мувофиқ аст) низ ҷой доранд.

Низоми ҳуқуқии Фаронса байни қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунӣ фарқ намегузорад. Ин мафҳумҳоро бо истилоҳи «apacite» иваз мекунанд. Баръакси давлатҳои дар боло зикршуда, ҳуқуқи Олмон се категорияро дар бар мегирад: қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти амалкунӣ ва қобилияти деликтӣ (қобилияти ба уҳда гирифтани ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда).

Қобилияти ҳуқуқии шахс аз синну сол, ҷинс, инкишофи ҷисмонӣ ва руҳии ӯ вобаста нест. Он аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд меояд ва бо фарорасии марг қатъ мегардад. Қобилияти ҳуқуқии шахс дар муқоиса бо қобилияти амалкунӣ бевосита аз баҳодиҳии дурусти шахс ба воқеияти атроф, яъне ба ҳолати равонии ӯ вобаста аст.

Ҳамин тавр, дар қонунгузорӣ маҳдудияти синнусолӣ ҷой дорад, ки дар он шахс пурра қобили амал мегардад. Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон қобилияти ҳуқуқдорӣ аз 18-солагӣ оғоз меёбад, тибқи қонунҳои Фаронса, Олмон, Британияи Кабир, Русия аз 18-солагӣ, Швейтсария ва Ҷопон аз 20-солагӣ ва Аргентина аз 22-солагӣ оғоз мешавад. Дар иёлоти гуногуни ИМА ин синну сол аз 18 то 21-сола аст. Дар робита ба ин масъала Н.Ш. Қурбонализода

чунин изҳори назар дорад: «Тафовут дар равишҳои қонунгузорӣ ҳамзамон ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти пурраи амали noбoлиғон мушоҳида мешавад, зимнан, пеш аз ҳама, ин ҳолат бо он вобаста аст, ки дараҷаи тафриқасозии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои синнусолӣ алоқаманд аст» [222, с. 22].

Дар баробари ин, дар қонунгузории бисёр давлатҳо ҳолатҳое пешбинӣ шудаанд, ки дар он синну соли қобилияти ҳуқуқӣ метавонад кам карда шавад (масалан, бақайдгирии никоҳ). Синну соли қобилияти пурраи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон яксон нест. Ба сабаби ихтилофот дар қонунгузории давлатҳо оид ба танзими синну соли қобили амал, аз ҷумла коллизияҳо ба амал меоянд, ки онҳоро ба таври зерин ҳал кардан мумкин аст.

Дар аксари давлатҳои «ҳуқуқи континенталӣ» қобилияти ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ тибқи қонуни шаҳрвандии онҳо ва нисбат ба шахсони бешаҳрванд бо қонуни ҷойи истиқомати доимии онҳо муайян карда мешавад. Татбиқи қонуни истиқомат (кишвари қабулкунанда) барои давлатҳои «оилаи ҳуқуқи умумӣ» хос аст. Ин давлатҳо принсипҳои муайян кардани қобилияти ҳуқуқиро тибқи қонунгузории дигар низоми ҳуқуқӣ эътироф намекунанд.

Ҳамчунин, дар м. 23 Конвенсияи Минск пешбинӣ мешавад:

1. Қобилияти ҳуқуқии шахси воқеиро қонунгузории тарафи аҳдкунанда, ки ин шахс шаҳрванди он мебошад, муайян мекунад.

2. Қобилияти амали шахси бешаҳрвандро қонунгузории кишваре муайян мекунад, ки ӯ дар он ҷойи истиқомати доимӣ дорад» [29].

Кишварҳое, ки низоми ҳуқуқии умумӣ доранд, қобилияти тафриқавии муомилоти ҳуқуқӣ бо амволи ғайриманқул доранд ва принсипи мақоми шахсӣ қабул карда нашудааст. Дар давлатҳои низоми ҳуқуқии умумӣ, ба монанди Штатҳои Муттаҳида ва Англия, қонуни замин муомилоти амволи ғайриманқулро танзим мекунад. Дар муносибатхои ҳуқуқие, ки нисбат ба дигар кобилияти ҳуқуқӣ ба миён меоянд, ҳуқуқи маҳалли истиқомат нисбат ба қобилияти амали шахс салоҳиятнок эътироф мешавад. Дар кишварҳое, ки

қобилияти ҳуқуқӣ аз мақоми шахсӣ вобаста аст, қонуни миллӣ ё қонуни иқомат ҳамчун нуқтаи ҳатмӣ муайян карда мешавад. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусии Олмон ва Австрия қобилияти ҳуқуқӣ тибқи қонунҳои миллии шахс танзим карда мешавад.

Тибқи қонуни моддӣ, шарти қобилияти амали шахс ин аст, ки ӯ бояд ба балоғат расида бошад. Ҳарчанд синну соли камолот дар бисёр кишварҳо гуногун аст, аммо ба таври умум эътироф шудааст, ки шахс ҳангоми ба синни балоғат расидан ба камол мерасад. Дар замони муосир ҳалли масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи дохилӣ, қонунҳои давлатҳои хориҷӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ мегардад. Ба андешаи Б.Т Худоёрзода. ва Н.Ш. Қурбонализода «яке аз шаклҳои ҷой доштаи эмансипатсия дар шароити Тоҷикистон ин кам кардани синну соли никоҳ ба назар мерасад. Таҳлили беш аз 50 парванда ва аризаи шаҳрвандон ба суд оид ба кам кардани синни никоҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки қариб ҳамаи аризадиҳандагон занҳо мебошанд» [147, с. 48-49].

Қонуни вазъи шахсӣ муайян мекунад, ки шахс дорои қобилияти пурраи амалкунӣ ё қобилияти амалкунии маҳдуд дорад. Масалан, қонуне, ки қобилияти шахсро танзим мекунад, бояд шароитеро дар назар гирад, ки ба балоғати шахс мусоидат кунад ё тибқи бастани ақди никоҳ ва ё аз ҷониби судя метавонад қобилияти пурраи амалкуниро ба даст биёрад. Азбаски дар қонунгузории мурофиавӣ қобилияти даъво ба қобилияти амалкунӣ баробар аст, ин масъала ба вазъи шахсӣ низ вобаста аст.

Қобилияти амалкунии шахси воқеиро қонуни шахсии ӯ танзим мекунад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, агар дар қонунгузории миллӣ ё шартномаҳои байналмилалӣ тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, баробари шаҳрвандони ҶТқобилияти амалкунӣ доранд. Ҳангоми бастани аҳд ё ба миён омадани уҳдадориҳо аз расонидани зиён ҳуқуқи кишваре, ки дар он аҳд баста шудааст ё уҳдадории дахлдор ба миён омадааст, татбиқ мегардад. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ аз қонунгузории кишваре вобаста аст, ки дар он шахси воқеӣ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд

гирифта шудааст. Дар сурати мавҷуд набудани бақайдгирӣ қонуни давлате, ки дар он фаъолияти асосии соҳибкорӣ амалӣ мегардад, татбиқ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки тибқи м. 23 КМ ҶТ маҳдуд кардан ё маҳрум кардан аз қобилияти соҳибҳуқуқӣ танҳо дар асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонун имконпазир аст. Ҳама гуна қарорҳои мақомоти давлатӣ дар бораи чунин маҳдудиятҳо, ки бар хилофи қонун қабул шудаанд, беэътибор дониста мешаванд. Ихтиёран даст кашидан аз қобилияти ҳуқуқӣ ё салоҳияти ҳуқуқӣ, инчунин муомилаҳое, ки онҳоро маҳдуд мекунанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд, ба шарте ки қонун ба чунин амалҳо иҷозат надиҳад.

Қонунгузории мадании муосири аксари кишварҳо бо риояи принсипҳои ҳуқуқи хусусии римӣ қобилияти ҳуқуқиро аз лаҳзаи таваллуд эътироф мекунад. Ин ҳифзи ҳуқуқҳои меросии кӯдаки ба дунё омадаро таъмин мекунад, ба шарте ки вай зинда таваллуд шавад [45]. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қоидаҳои махсусеро муқаррар мекунад, ки ҳуқуқҳои меросии тифли дарбатнбуда тавассути васиёни махсус муҳофизат мекунанд. Ин таҷриба аз ҷониби Суди конститутсионии Фаронса низ дастгирӣ карда мешавад, ки он ҳам ба манфиати ҳомила хайрияро иҷозат медиҳад [65, с. 19]. Агар лаҳзаи таваллуд ҳамчун оғози қобилияти соҳибҳуқуқӣ аниқ муқаррар карда шуда бошад, он гоҳ муқаррар намудани қатъ (фавт)-и он номуфассалтар танзим карда мешавад. Истисно қонунгузории Озарбойҷон ва Гурҷистон аст, ки дар м. 25 (КМ Озарбойҷон) ва м. 11 (КМ Гурҷистон) қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳангоми муайян кардани марги мағзи сар, ки ба равишҳои илмии муосир мувофиқ аст, қатъ мегардад.

Ҳангоми муайян кардани ҳолатҳое, ки дар қонунгузорӣ зикр шудаанд, онҳо метавонад дар бораи маҳдуд кардани қобилияти амали шахс оварда расонанд ва дар ин ҳолатҳо бо сабабҳои дар боло зикршуда намоянда таъин карда мешавад. Вай метавонад ба воситаи намояндаи худ амалҳои ҳуқуқиро анҷом диҳад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

– қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ воситаи муайян кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ буда, барои муайян намудани доираи имкониятҳои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асос мебошад. Қобилияти соҳибҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо буда, метавонад тавассути амалҳои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба дӯш гирад ва ба мақоми шахсӣ вобаста аст;

– қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ низ дар қонунгузории Тоҷикистон ба қонунҳои миллӣ тобеъ аст. Ин масъала дар назарияи мақомҳо муддати тулонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, принсипи тобеияти мақоми шахсӣ қабул шудааст. Тобеияти қобилияти амалкунӣ ба мақоми шахсӣ дар низомҳои ҳуқуқии Аврупои континенталӣ қариб ба як қонуни байналмилалии ҳуқуқи хусусӣ табдил ёфтааст;

– қобилияти амалкунӣ бо қобилияти равонӣ ва ҳолати равонии шахс алоқаманд аст. Шартҳои қобилияти амалкунӣ дар якҷоягӣ қобилиятҳои равонӣ ва ҳолати равонии шахс мебошанд;

– вазъи ҳуқуқии шахсони хориҷӣ яке аз мушкилотҳо дар доктринаи ҲБХ мебошад. Ҳуқуқҳои хориҷиён бештар ба меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи конвенсионӣ асос ёфтаанд. Маҳз қоидаҳои қонунгузории дохилӣ ба хориҷиён ҳуқуқҳоро муқаррар мекунанд;

– муқаррар гардидани реҷаи миллӣ ба шахсони хориҷӣ дар Тоҷикистон хусусияти бечунучаро дорад. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти давлатӣ, аз ҷумла суд, аз хориҷие, ки барои эътирофи ҳуқуқ дар асоси қонуни Тоҷикистон муроҷиат мекунад, талаб намекунад, то исбот кунад, ки ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишвари шахси хориҷӣ ҳуқуқҳои шабеҳ дода шудааст;

– меъёрҳои коллизионии «lex personalis» (қонуни шахсии шахси воқеӣ) яке аз хусусиятҳои хоси ҲБХ муосир мебошад, зеро бо воситаҳои ҲБХ ҳамчун арзиши олии ҳифзшаванда танзим мегарданд. Дар аксари ҳолатҳо қонунгузор ба «lex personalis» оид ба ҳалли масъалаҳои коллизионии қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқдории муроҷиат менамояд.

# БОБИ 2. МАСОИЛИ ТАНЗИМИ КОЛЛИЗИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

## 2.1. Қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ

Ташаккулёбии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ маҳз вобаста ба муайянсозии «қонуни шахсии шахси воқеӣ» ҳамчун илм оғоз гардидааст [72, с. 37-38; 102, с. 106]. Меъёрҳои коллизионии қонуни шахсии шахси воқеӣ (шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, гуреза ва ғ.) яке аз қадимтарин пайвандҳои коллизионӣ мебошад.

Масъалаи муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ, чун қоида ба ҳолатҳое дахл доранд, ки ҳангоми ҳалли онҳо пайвастагӣ ба ҳуқуқи шахсии шахси воқеӣ (lex personalis) истифода мегардад [175, с. 26-33]. Тибқи андешаи Г.Б. Базаев «вазъи ҳуқуқии шахси воқеиро (қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ, салоҳияти ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои шахсӣ, оилавӣ ва меросӣ) пеш аз ҳама қонуни шахсӣ муайян мекунад» [218, с. 108].

Қонуни шахсии шахси воқеӣ (Lex personalis) – ҳамчун навъи пайвасти (алоқамандии) коллизионӣ дар қонунгузории кишварҳои гуногун истифода мешавад. Аслан қонуни шахсӣ ин чунин навъи меъёри коллизионӣ мебошад, ки ҳаҷм ё худ ҳадди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси воқеиро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муқаррар менамояд. Ин мазмуни онро дорад, ки «қонуни шахсӣ» барои тавсифи вазъи ҳуқуқии шаҳрванди хориҷӣ дар ин ё он кишвар ё шаҳрванди давлати муайян дар хориҷа аҳаммияти ҳалкунанда дорад [62, с. 1]. Дар назарияи илмӣ ду навъи он қайд мегардад: ҳамчун қонуни шаҳрвандӣ (lex patriae) ва ҳамчун қонуни истиқомат (lex domocilii) [182, с. 148].

Бояд иброз намуд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ худи мафҳуми қонуни шахсии шахси воқеӣ ҷой надорад, бинобар ин ба таври зерин муайян намудани он мувофиқи мақсад аст: «қонуни шахсии шахси воқеӣ – маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии давлате (ё давлатҳое) мебошад, ки масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси воқеӣ, муносибатҳои шахсии

ғайримолумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, меросӣ бо иштироки шахсони воқеиро танзим менамоянд».

Амали «ҳуқуқи шахсӣ» бо масъалаи «экстратерриториалӣ» дар қонун алоқамандии зич дорад. Ҳам дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ва ҳам хориҷӣ метавон аксар вақт ба ҳолатҳои якхела мураттабсозии масъала – дар бораи таъсири «беруниҳудудӣ» (ё «экстратерриторӣ»)-и қонунҳои давлати хориҷӣ дар хориҷа дучор шудан мумкин аст [167, с. 258-274; 214, с. 402-434].

Ш.М. Менглиев мафҳуми онро чунин баён менамояд: «Амали экстерриториявӣ – вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, ки аз таъсири қонунгузории маҳалӣ истисно нагардидаанд ва дар зери қонунгузории давлати худ (қисман ё пурра) дар қаламрави дигар кишвар боқӣ мемонанд» [123, с. 213].

Таъсири фавқулҳудудӣ (экстерриториявӣ) доштани меъёрҳои ҳуқуқии дигар кишварҳо дар ҲБХ маънои махсус дорад. «Маънои махсус» аз он иборат аст, ки чунин экстерриториавӣ на ба таври автоматӣ амал намудани ҳуқуқи хориҷиро дар қаламрави дигар кишвар дар назар дорад, балки таъсири ҳосилшудаи муқаррароти ҳуқуқи махсуси ҳам давлатҳои якум ва ҳам дуюм, асосан меъёрҳои коллизионӣ мебошад. Аз як тараф, ҳуқуқи хориҷӣ бо қоидаҳои коллизионии худи давлатҳо ба амал дароварда мешавад ва қонуни дигарон бошад «таҳаммулпазир» буда, ба татбиқи муқаррароти ҳуқуқии кишвари дигар имкон медиҳад [63, с. 303-319; 139, с. 75; 195, с. 147-205; 211, с. 67-79]. Аз тарафи дигар, категорияи «ҳуқуқи шахсӣ» аз рӯйи моҳияти худ дар асоси принсипи «экстратерриториалӣ» ташаккул ёфтааст.

Имрӯз, дар кишвари мо, қонуни шахсии мазкур чун пайвасти умумии коллизионӣ барои муайян кардани қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахси воқеӣ истифода гардид, ки дар амалияи ҲБХ ба таври умум қабул шудааст. Ба ибораи дигар, дар ҳуқуқи ватанӣ мафҳуми қонуни «ҳуқуқи шахсӣ» ба категорияи қонунан муқарраршуда табдил ёфтааст: «Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад» (б. 1 м. 1315 Кодекси мадании ҶТ) [3]. Мазмуни меъёри мазкур аз он иборат аст, ки

қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунаии шахси воқеӣ аз рӯйи ҳуқуқи давлате, ки он муайянкунандаи қонуни шахсии ин шахс мебошад, муқаррар карда мешавад.

Меъёр дар бораи қонуни шахсии шахси воқеӣ дар КМ намунавии давлатҳои ИДМ (м. 1204) ва як қатор кодексҳои мадании кишварҳои ИДМ (Россия, Беларус, Узбекистон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон), ҷойгир шудааст. Мафҳуми умумии қонуни шахсӣ дар кишварҳои ғарб низ хеле васеъ истифода мешавад (§ 9 Қонуни Австрия соли 1978, м. 20 Қонуни Италия соли 1995, § 10 Декрети Венгрия соли 1979, қонунҳои Бразилия, Олмон, Руминия, Португалия ва ғ.).

Чунин роҳи ҳалли ин масъала барои як қатор давлатҳое, ки модели Кодекси мадании ИДМ-ро қабул кардаанд, хос аст [35]. Дар ин кодекси моделӣ бори нахуст дар воқеияти пасошуравӣ ғояи ба таври қонунӣ муттаҳид кардани категорияи «қонуни шахсии шахси воқеӣ» пешниҳод ва таҷассум ёфтааст. Ҳатто он давлатҳое, ки аз ҷумлаи ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ аз қабули ин модел ё аз нигоҳи мафҳумҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ё умуман идеяи ба кодекси маданӣ дохил кардани бахш ба ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ даст кашиданд, натавонистанд масъалаи баррасишавандаи Кодекси мадании намунавии ИДМ-ро сарфи назар кунанд. Масалан, Украина аз модели Кодекси маданӣ дар робита ба усули кодификатсияи меъёрҳои ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ дур шуда, ҳамзамон моҳияти танзими дар он мавҷудбударо оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ риоя намуд. Қонуни Украина дар бораи ҲБХ соли 2005 нисбат ба модел дар шакли боз ҳам муфассалтар ва сохторӣ мафҳуми «қонуни шахсии шахси воқеӣ»-ро ба истифодаи ҳуқуқӣ ворид кардааст. Дар робита ба ин, 9 зерфасл, ки бо мавҷудияти мафҳуми «ҳуқуқи шахсии шахси воқеӣ» дар Қонуни Украина ба ин ё он тарз муттаҳид шудаанд. Дар муқоиса бо 7 бахше, ки дар Кодекси моделии ИДМ мавҷуд аст, кӯшишҳои қонунгузории Украинаро барои танзими мушаххаси ин самт хеле равшан нишон медиҳанд [58]. Қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ва мувофиқан қобилияти амалкунии мадании шахси

воқеиро қонуни Украина дар зерфаслҳои мустақил муайян мекунад (м.м. 17 ва 18). Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахс, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад (м. 19). Илова бар ин, қонунгузор ба масъалаи асосҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии ғайри қобили амал ё қобили амали маҳдуд эълон кардани шахс (м. 18) диққати махсус медиҳад. Ҳамзамон, агар Кодекси моделии маданӣ эътирофи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро ба қонунҳои кишвари суд тобеъ гардонад, пас қонуни Украина ба таври возеҳ тарафдори он аст, ки ин муносибатҳо ба қонуни шахсии шахси воқеӣ пайваст карда шаванд.

Дар шароити муосир принсипи пайвастаи «қонуни шахсии шахси воқеӣ» тадриҷан дар танзимнамоии коллизионии ҳуқуқҳои шахсии шахсони воқеӣ ҳамчун субъектҳои ҲБХ бештар татбиқ мегардад. Сабаби аввал афзудани аҳаммияти муайянсозии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандии хориҷӣ дар қаламрави ин ё он давлат, дуюм, бо сабаби тағйир додани доираи ин принсипи коллизионӣ мебошад.

Доктринаи ҳуқуқи байналмиллалӣ ду маҳакро барои муайян кардани қонуни шахсӣ муайян менамояд: ҳуқуқи миллӣ (lex nationalis) ва ҳуқуқи ҷой ё худ маҳалли истиқомат (lex domicilii). Модели дуюм дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ бартарӣ дорад гарчанде, ки мундариҷаи ҳуқуқии он бо фарқиятҳои назарраси байнидавлатӣ тавсиф карда мешавад. Дар баробари ин, афзоиши таъсири қонуни ҷой истиқомат дар берун аз ин кишварҳо низ қайд мегардад [86, с. 425-426]. Вобаста ба он, ки давлат ба кадом оилаи ҳуқуқӣ мансуб аст, ин принсип мутаносибан, вазъи ҳуқуқии шахси воқеиро дар асоси қонуни мадании қонунгузории давлате танзим мекунад, ки шахс шаҳрвандии онро дорад ва дар асоси қонуни иқомат бо қонунгузории давлате, ки дар қаламрави он шахс қарор дорад, ё зиндагӣ мекунад. Дар аксари низомҳои ҳуқуқи миллӣ ҳангоми муайян кардани қонуни шахсии шахс, чун қоида, дар маҷмуи таълимоти қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни истиқомат ё низоми омехтаи меъёрҳои муайянкунии ҳуқуқи шахсӣ истифода мешавад [170, с. 191].

Қонуни шаҳрвандӣ (Lex partial) – ё қонуни миллӣ мазмунаш дар он аст,

ки вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ бо унсури хориҷӣ бо ҳуқуқи кишваре муайян карда мешавад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, ки «қонуни шахсӣ гуфта намуди меъёри коллизиониро меноманд, ки муқарраркунандаи ҳаҷми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусус мебошад» [138, с. 198]. Асосан кодификатсияҳои муосири кишварҳои низоми ҳуқуқии континенталӣ, робитаро бо ҳуқуқи давлати шаҳрвандии шахс (lex patriae) муқаррар мекунанд.

Қонуни шаҳрвандӣ ҳамчун пайвасти коллизионӣ дар муқаррар кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ бо қабули Кодекси маданӣ (соли 1804) арзи вуҷуд намудааст, ки имрӯз дар як қатор кишварҳо, аз қабили Франсия, Белгия, Италия, Руминия, Ҳолландия, Лаҳистон, Шветсия, Туркия, Финляндия, Юнон, Ҷопон, Эрон, Чин ва ғайра истифода мешавад. Дар Тоҷикистон қонуни шахсии шахси воқеӣ дар Кодекси мадании ҶТ муайян шудааст. Аммо ҳангоми муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бо унсури хориҷӣ татбиқи қонуни ҷойи истиқомат, қонуни кишвари паноҳгоҳ ва дар ҳолатҳои ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ – қонуни кишвари бақайдгирифта ё маҳалли асосии фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ, ҳуқуқи кишвари маҳалли иҷрои аҳд ва уҳдадориҳои аз расонидани зазар ба вуқуъ меоянд, муқаррар карда мешавад [132, с. 81]. Бо муқаррар намудани пайваст бо қонуни шаҳрвандӣ, қонунгузор мақсад дорад, ки шаҳрвандони худро, ки берун аз ҳудуди он сафар мекунанд, дар таҳти таъсири худ нигоҳ дорад.

Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули низоми ҲБХ мақоми шахси воқеӣ ҳамчун сохтори воҳид танзим карда мешуд, ки тафовут байни принсипҳои қонуни шаҳрвандӣ (lex patriae) ва қонуни истиқомат (lex domicilii) пешбинӣ намешуд. Кодекси Бустаманте, ки соли 1928 дар Конференсияи VI умумиамерикоӣ қабул шуда буд, принсипи шаҳрвандӣ ва принсипи ҷойи истиқоматро баробар эътироф мекунад. Масалан, Аргентина, Бразилия, Никарагуа, Парагвай дар мавқеи қонуни ҷойи истиқомат, Куба, Панама,

Коста-Рика, Гаитӣ дар мавқеи қонуни шаҳрвандӣ қарор доранд. Тибқи м. 3 ин кодекс: «дар робита ба татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва истифодаи якхелаи кафолатҳои шахс, қонунҳо ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳар як давлати аҳдкунанда ба яке аз категорияҳои зерин дохил мешаванд: 1) тааллуқ дошта ба шахсон аз рӯйи ҷойи истиқомат ё шаҳрвандӣ, ҳатто ҳангоми иваз кардани кишвар ...» [120, с. 749]. Тавре дар адабиёт қайд мегардад, ин Кодекс ҳалли коллизияеро дар бар мегирад, ки дар м. 7 дарҷ гардидааст: «Дар ҳар як давлати аҳдкунанда ба сифати қонуни шахсӣ қонуни ҷой истиқомат ё қонуни шаҳрвандӣ ё қонунҳои қаблан қабулшуда истифода мешаванд» [113, с. 201].

Айни замон қонуни шахсии шахсони воқеӣ ҳамчун пайвасти коллизионӣ дар низомҳои ҳуқуқии кишварҳои гуногун истифода мешавад. Дар ин радиф як қатор давлатҳое ҳастанд, ки афзалиятро ё ба қонуни шаҳрвандӣ ҳамчун пайвасти коллизионӣ ва ё ба қонуни маҳал ё худ ҷойи истиқомат медиҳанд. Қонуни шахсии шаҳрванд дар бисёр давлатҳои аврупоӣ (Италия, Олмон, Белгия, Голландия, Шветсия ва ғайра) ва кишварҳои Арабӣ (Алҷазоир, Миср ва ғайра) кабул шудааст. Принсипи коллизионии маҳалли истиқомат, пеш аз ҳама, дар давлатҳое, ки шомили оилаи ҳуқуқи умумӣ мебошанд, ба мисли ИМА, Англия, Канада, Ҳиндустон ва ғайра истифода бурда мешавад. Принсипи мазкур ҳамчунин дар як қатор кишварҳои Аврупоӣ ба монанди Дания, Испания, Норвегия, инчунин дар бештари давлатҳои Америкаи Лотинӣ мисли Бразилия, Аргентина, Парагвай ва ғайра истифода мешавад. Як навъ «низоми омехта»-и пайвастаи коллизионӣ дар қонунгузории кишварҳо истифода мешавад. «Низоми омехта»–и принсипи коллизионии қонуни шахсӣ дар чунин давлатҳо ба мисли Швейтсария, Мексика, Эквадор ва ғайра қабул шудааст. Масалан, тибқи м. 20-и Қонуни Швейтсария дар бораи ҲБХ қонуни шахсии шахси воқеӣ бо тариқи зерин муайян карда мешавад:

а) қонуни ҷойи истиқомат дар давлате, ки ӯ дар он ҷо бо нияти истиқомати доимӣ зиндагӣ мекунад;

б) ҷойи истиқомат дар давлате, ки ӯ дар муддати муайян дар он зиндагӣ мекунад:

в) маҳалли ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар давлате, ки фаъолияти касбӣ ё тиҷоратии ӯ дар он мутамарказ шудааст.

Дар давлатҳои низоми ҳуқуқии ҳуқуқи умумӣ (Англия ва ИМА) қонуни шахсии шахсро қонуни ҷойи истиқомат (lex domicilii) муайян мекунад. Сабаб дар он аст, ки қисми зиёди чунин кишварҳо таърихан ҳамчун кишварҳои муҳоҷират тавсиф карда шуда, аҳолӣ асосан аз муҳоҷирон иборат мебошанд, бинобар ин комилан асоснок аст, ки қонунгузор кӯшиш мекунад хориҷиёнеро, ки дар қаламрави ин кишварҳо зиндагӣ мекунанд, ба қонунҳои худ тобеъ созад. Дар айни ҳол, ин кишварҳо дар масъалаи муайян кардани ҷойи истиқомат муносибати гуногун доранд. Аз ҷумла, Англия байни ҷойи истиқомати таваллуд ва истиқомати интихобшуда тафовут мегузорад, яъне дар мафҳуми истиқомат қонунгузории Англия ба пайвасти шаҳрвандӣ наздик мешавад. Шаҳрвандони Англия ва хориҷиён, ҳатто агар муддати тулонӣ дар хориҷа зиндагӣ кунанд ҳам маҳалли аслии истиқомати худро нигоҳ медоранд.

Ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисоб мешавад, ки шахс дар он бештар иқомат мекунад.

Қонуни шахсии шахси бешаҳрванд ҳуқуқи кишваре ҳисоб мешавад, ки дар он шахс бештар истиқомат мекунад. Ибораи мазкур ба мазмуни робитаи зич доштани ин шахс бо кишваре, ки дар он шахс бештар будубош ва фаъолият менамояд.

Принсипи коллизионии қонуни шаҳрвандӣ хусусияти экстерриториалӣ (фавқулҳудудӣ) дорад: давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки тамоми шаҳрвандони худро, сарфи назар аз маҳалли ҷойгиршавӣ ба қонунгузории худ тобеъ гардонанд [75, с. 79]. Бояд қайд кард, ки агар шахс дорои якчанд шаҳрвандӣ бошад, пайвастагӣ ба қонуни шаҳрвандӣ метавонад бесамар бошад. Дар ин

ҳолат барои ҷустуҷӯи низоми ҳуқуқие, ки бо он муносибатҳои ҳуқуқӣ бештар алоқаманданд, меъёри коллизонии субсидиарӣ истифода мешавад.

Чи хеле ки қайд намудем, қонуни шахсии шахси бешаҳрванд қонуни давлате ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар истиқомат намудааст Ин муқаррарот қонунгузории он юрисдиксияҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо принсипи бартаридошта ҳангоми муайян кардани қонуни шахсии шахс қонуни шаҳрвандӣ мебошад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар заминаи интернатсионализатсияи минбаъдаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва афзоиши равандҳои муҳоҷират, кодификатсияҳои муосири ҳуқуқи байналмилалӣ барои муайян кардани қонуни шахсии шахси воқеӣ бештар равиши омехтаро истифода мебаранд, яъне ҳам пайванди lex patriae ва ҳам истиноди lex domicilii истифода мешаванд. Низоми ба истилоҳ «омехта»-и муайян кардани қонуни шахсии шахси воқеӣ хеле баҳснок аст. Тезиси бештар мураттабшуда дар ин робита ин аст, ки «низоми омехта» ро истифодаи баробари ҳам принсипҳои шаҳрвандӣ ва ҳам принсипҳои истиқомат ташкил мекунанд. Ҳамзамон тавре М. Волф таъкид мекунад, «он ба вазифаи қонунгузор ҳамеша бо ҳадафи ноил шудан ба ҳамоҳангии байналмилалии қонунҳо номувофиқат намекунад» [72, с. 33, 119; 158, с. 115-120].

Ҳамин тавр, қонуни шахсии шахси воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ду навъ, қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни маҳалли ҷойи истиқомат ифода меёбанд. Қонуни шахсии шахси воқеӣ мазмунаш дар он ифода мегардад, ки муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусуси ҳуқуқи бо унсури хориҷӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар муносибатҳои фаромиллӣ вазъи ҳуқуқи шахсони воқеӣ дар қонуни шахсии шахси воқеӣ дар радифи навъҳои қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни маҳал бо навъҳои дигари пайванди коллизионӣ истифода мешавад. Чунончи, дар муносибатҳои оилавӣ бо қонуни ҷойи бастани никоҳ, дар муносибатҳои шартномавӣ бо қонуни мухторияти ирода ва қонуне, ки бо он муносибатҳои ҳуқуқӣ алоқамандии нисбатан зич доранд, дар муносибатҳои меҳнатӣ бо қонуни маҳалли иҷрои кор, дар муносибатҳои

хариду фурӯш қонуни кишвари фурӯшанда, инчунин қонуни парчам ва қонуни суд ва ғайра истифода мешаванд.

Дар ҶТ нисбат ба шахси воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ бо унсури хориҷӣ пайвасти коллизионии қонуни шахсӣ дар навъи омехта қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни маҳалли истиқомати доимӣ истифода мешавад. Чунончи, тибқи қ. 1 м. 1315 КМ ҶТ қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Аммо бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории ҶТ ҳар ду шакли қонуни шахсии шахси воқеӣ истифода мешаванд. Чунончи, дар КМ ҶТ пайвасти меъёрҳои коллизионӣ қонуни шаҳрвандӣ (м. 1315) ва қонуни охирин маҳалли истиқомати доимии меросгузор (м. 1346) истифода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки ин шаклҳои қонуни шахсӣ дар КО ҶТ (м.м. 167, 170, 174, 175 ва ғайра) низ истифода шудаанд. Ҳолатҳое низ ҷой дорад, ки бо ёрии як шакли қонуни шахсӣ мушкилот ҳалли худро намеёбад. Масалан, қобилияти ҳуқуқии шаҳрванди хориҷиро қонуни кишвари шаҳрвандии ӯ муқаррар мекунад, дар ҳоле ки барои шахси бешаҳрванд ин меъёр қобили татбиқ нест. Дар навбати худ, қобилияти ҳуқуқии шаҳрванди хориҷиро бо қонуни ҷойи истиқомати ӯ танзим кардан мумкин нест. Аз рӯйи ҳамин принсип қобилияти амалкунии шаҳрванд дар Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993 байни давлатҳои ИДМ, инчунин дар дигар шартномаҳои дутарафа муайян карда мешавад.

Дар баъзе давлатҳо нисбати шаҳрвандони хориҷӣ қонуни кишвари шаҳрвандии онҳо ва қонуни миллии кишвари иқомат нисбат ба бипатридҳо ва шахсони бешаҳрванд татбиқ мешавад. Ҳамин тавр, тибқи м. 24 Қонуни АМА дар бораи муомилоти мадании соли 1985: «Қонуни давлати Аморати Муттаҳидаи Араб дар мавриди надоштани шаҳрвандии шахс ё шахсе, ки ҳамзамон зиёда аз як шаҳрвандиро дорад, татбиқ мешавад». Дар баъзе кишварҳо нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ қонуни шахсии онҳо татбиқ намегардад. Масалан, дар Алҷазоир ҳеҷ вақт қонуни хориҷӣ доираи

ҳуқуқҳоеро, ки шаҳрванди хориҷӣ дорад, муайян намекунад. Вазъи ҳуқуқии хориҷиён танҳо аз ҷониби қонуни Алҷазоир муайян карда мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки принсипи коллизионии «қонуни шаҳрвандӣ» нисбат ба «қонуни ҷойи истиқомат» барои татбиқи амали соддатар мебошад. Ин аз он сабаб аст, тақрибан дар ҳама давлатҳо «қонуни ҷойи истиқомат»-ро суд муайян менамояд. Масалан, дар робита ба шаҳрванди бритониёие, ки аз волидон дар Англия ба дунё омадаанд, тахмини раднашаванда ҷой дорад, ки чунин шахс сарфи назар аз иқомати тӯлонӣ дар хориҷа ҳамеша «домисилияи бритониёӣ»-ро нигоҳ медорад [102, с. 19].

Вобаста ба ин саволе ба миён меояд, ки дар қаламрави ҶТ қоидаҳои ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ ҳангоми муқаррар намудани мақоми шаҳрвандони хориҷӣ чӣ тавр бояд татбиқ шаванд? Мавриди зикр аст, ки қоидаҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ дар танзими вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дохил мешаванд» [126, с. 7]. Ду шакли асосии иштироки меъёрҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ дар механизми муайян кардани вазъи ҳуқуқии хориҷиёни дар давлати будубош мавҷуд аст [225, с. 98]. Якум ин «тартиби меъёрҳои ҳуқуқии хориҷӣ ва ҳаволаи меъёри қонунгузории ватанӣ ба онҳо» мебошад, ки дар КҶ ҶТ чунин меъёрҳо зиёд мебошанд. Сониян, ин «истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии хориҷӣ мебошад, ки натиҷаи на танҳо ҳавола ба ҳуқуқи миллӣ, балки меъёри коллизионии шартномаи байналмилалӣ низ мебошад» [126, с. 7].

Дар ҶТ дар радифи қонуни шахсии шахси воқеӣ дар муайян кардани мақоми ҳуқуқии шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ татбиқи қонуни маҳалли бештари истиқомат, қонуни кишвари паноҳгоҳ ва дар ҳолатҳои ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ – қонуни кишвари ба қайд гирифта ё маҳалли асосии фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ, ҳуқуқи кишвари маҳалли иҷрои аҳд ва уҳдадориҳои аз расонидани зарар ба вуқуъ меоянд, муқаррар карда мешавад.

Ҳамзамон тибқи қ. 1 м. 1315 Кодекси мадании ҶТ «ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсии шахс ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида

мешавад, ки шахс дар он бештар зиндагӣ мекунад» [3]. Агар шахс шаҳрвандии ҶТ ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи ҶТ мебошад. Ин мазмуни онро дорад, ки дар ҳолати душаҳрвандии шахси воқеӣ қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи ҳамон давлате эътироф карда мешавад, ки ин шахс дар он кишвар бештар зиндагӣ менамояд.

Ба андешаи Ф.С. Сулаймонов ибораи «бештар зиндагӣ кардан», бояд дар маънои васеъ фаҳмида мешавад. Ӯ иброз менамояд, ки «ибораи мазкур на ба маънои ҳисоби рӯзҳои истиқомати шахс дар ин ё он кишвар, балки ба маънои робитаи зич доштани ин шахс бо яке аз кишварҳо муқаррар карда шавад. Масалан, агар дар асоси шартномаи байналмилалии байни ду давлат басташуда, шаҳрвандони ин давлатҳо шаҳрвандии якдигарро соҳиб шуда бошанд, вале новобаста аз душаҳрвандӣ дар як давлат кору фаъолият дошта бошанд, яъне робитаи зичро маҳз бо давлати худ давом дода бошанд, пас қонуни шахсии ин шахс ҳуқуқи кишвари худ ба ҳисоб меравад» [138, с. 198].

Ҳамин тавр, мувофиқи қ. 1 м. 1315 Кодекси мадании ҶТ агар шахс шаҳрвандии ҶТ ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин сохтор ё худ меъёри қонунгузорӣ омили шахсони дорои ду ва ё бисёршаҳрвандиро дар назар дорад. Асоси онро меъёри конститутсионӣ, аз ҷумла б. 2 м. 15 Конститутсияи ҶТ ташкил медиҳад, ки тибқи он шаҳрванди ҶТ шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди ҶТ буд, ё тибқи қонунгузорӣ Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалӣ шаҳрвандии Тоҷикистонро соҳиб шудааст.

Мусаллам аст, ки имрӯз дар асоси шартномаи байналмилалии байни Тоҷикистон ва Россия оид ба масъалаи душаҳрвандӣ, як қатор шаҳрвандони давлати мо шаҳрвандии Россияро ба даст даровularанд. Дар ин ҳолат, қонуни шахсии шахсони мазкур мутобиқи меъёри мазкур ҳуқуқи Тоҷикистон эътироф карда мешавад. Дар ин ҳошия, бояд як хусусияти ин меъёр ба назар гирифта шавад. Ин хусусият дар он мебошад, ки меъёри мазкур танҳо нисбати он шаҳрвандони Тоҷикистон, ки тибқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби ҶТ эътирофгардида шаҳрвандии дигар кишварро

ба даст овардаанд, татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ, меъёри фавқуззикр нисбати шаҳрвандони кишвари хориҷӣ, ки дар баробари шаҳрвандии худ мутобиқи шартномаи байналмилалӣ шаҳрвандии ҶТ-ро ба даст овардаанд, паҳн карда намешавад.

Ҳангоми муайян кардани вазъи ҳуқуқии гуреза дар Тоҷикистон муқаррароти Конвенсияи СММ дар бораи мақоми гуреза аз соли 1951, ки 21 июли соли 1994 аз ҷониби Тоҷикистон тасдиқ шудааст [17], Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» [10] ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии махсус дар ин самт бояд дар назар гирифт. Дар ин асно қ. 3 м. 1315 Кодекси мадании ҶТ пешбинӣ менамояд, ки қонуни шахсии гуреза ҳуқуқи ҳамон кишваре ҳисобида мешавад, ки ба ӯ паноҳгоҳ додааст. Ин мазмуни онро дорад, ки қонуни шахсии гурезагон қонуни давлате эътироф мешавад, ки ин шахс тибқи тартиби муқарраргардидаи қонун ба ҳайси гуреза дониста шудааст. Инчунин, дар қонунгузории Тоҷикистон ба монанди қонунгузории дигар кишварҳо меъёре, ки ба ҳуқуқи кишвари муносибати ҳуқуқӣ ба он робитаи нисбатан зичтар дорад ҳамчун қоидаи коллизионие пешбарӣ мегардад, ки ба ҳайси принсипи муайянкунандаи мазмун ва татбиқнамоии меъёрҳои коллизионӣ мебошад. Ҳалли масъалаҳои коллизионии муайянсозии мақоми шахсии шахси воқеӣ дар ҳолате, ки агар шахс дорои якчанд шаҳрвандӣ бошад мушкил мегардад, зеро дар чунин ҳолат алоқамандкунӣ ба қонуни шаҳрвандӣ метавонад самаранок набошад. Бинобар ин, дар ин маврид меъёри коллизионии субсидиарӣ истифода мешавад, ки он имкон медиҳад ҳуқуқи давлате татбиқ шавад, ки муносибатҳои ҳуқуқии бо он алоқаи зич доранд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили масъалаи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ дорои унсури хориҷӣ чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

– ташакулёбии ҲБХ маҳз вобаста ба муайянсозии «қонуни шахсии шахси воқеӣ» ҳамчун илм оғоз гардидааст. «Қонуни шахсӣ» (lex personalis)-и шахси воқеӣ (шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, гуреза ва ғ.) яке аз қадимтарин формулаҳои коллизионӣ мебошад. Баҳри муайян кардани ҳуқуқи

татбиқшаванда ҳангоми танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ мураккабгардида «қонуни шахсӣ» (lex personalis)-и шахси воқеӣ (шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, гуреза ва ғ.) қонуни шахсии шахси воқеӣ истифода мешавад, ки ба қадимтарин қоидаи коллизионии ҲБХ тааллуқ дорад;

– ҷаҳонишавии босуръати ҳаёти ҷамъиятӣ ва афзоиши равандҳои муҳоҷират боиси тағйироти тартиби муайян намудани ҳуқуқи шахсии шахсони воқеӣ мегардад. Қонунгузории амалкунандаи коллизионии Тоҷикистонро таҳлил намуда, метавон қайд намуд, ки ҳам қонуни шаҳрвандӣ (lex patriae) ва ҳам қонуни маҳалли истиқомат (lex domicilii) истифода карда мешаванд.

– қонунии шахсии шахси воқеӣ ба таврҳои зерин фаҳмида мешавад:

1. Ҳамчун навъи пайвасти коллизионӣ, ки дар як меъёри коллизионии дуҷониба мавҷуд буда, дар қонунгузории кишварҳои гуногун истифода мешавад;

2. Ҳамчун маҷмуи меъёрҳои моддии коллизионии қонунгузории давлати муайян, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро муайян менамоянд;

3. Мазмуни қонуни шахсии шахси воқеиро унсурҳои он ташкил медиҳад: асос ва шакли пайваста, шахсият ва хусусияти «шахсӣ», моҳияти ин муносибатҳо, робитаи шахс бо давлати муайян, ки дар шакли меъёри коллизонӣ ифода мегарданд. Дар баробари ин, ин унсурҳо ба таври меъёрӣ – дар шакли қоидаи мустақили меъёри коллизионӣ, ки ба тартиби ҳуқуқии салоҳиятдор ишора мекунанд, ифода карда мешаванд. Ба таври меъёрӣ муқаррар гардидани принсипи «lex personalis» – ҳуқуқи шахсии шахси воқеӣ, ки ба қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии онҳо тааллуқ дорад, яке аз хусусиятҳои хоси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад;

4. Ҳалли масъалаҳои коллизионии муайянсозии мақоми шахсии шахси воқеӣ дар ҳолате, ки агар шахс дорои якчанд шаҳрвандӣ бошад, мушкил мегардад, зеро дар чунин ҳолат пайваст ба қонуни шаҳрвандӣ метавонад самаранок набошад. Дар ин маврид меъёри коллизионии «робитаи

бештардошта» истифода мешавад, ва он имкон медиҳад ҳуқуқи давлате татбиқ шавад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ бо он алоқаи зич доранд.

## 2.2. Масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ

Бударак ғоибшуда ва вафтокарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳо ва устувориву пойдории муомилоти ҳуқуқӣ аз аҳаммияти бузурги назарӣ, илмӣ ва амалӣ бархурдор аст. Бударак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ яке аз падидаҳои муҳимми ҳуқуқи хусусӣ маҳсуб мешавад, ки ба ҳаёти воқеии инсон алоқаи ногусастанӣ дошта, баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои хусусӣ ва манфиатҳои шахсӣ ва оилавӣ мусоидат менамояд. Дар робита ба ин масъала Б.Т. Худоёрзода ва Ҳ.М. Саидзода чунин мепиндоранд, ки «шахси воқеӣ – иштирокдори муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошад. Масалан, дар мавриди ҷой доштани шартномаҳои қарз, хизматрасонӣ, иҷора ва монанди он тарафҳо бояд талаботи дар аҳдҳо мавҷудбударо иҷро намоянд. Дар мавриди набудани шахси воқеӣ дар маҳали истиқоматӣ ё маълумот дар ин хусус қонунгузории маданӣ ҳалли масъалаҳои дар боло зикргардидаро бо бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон кардани шахси воқеӣ ҳал менамояд» [148, с. 98].

Масъалаи бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар қонунгузории асрҳои миёна ташаккул ёфтааст. Дар ҳуқуқи хусусии Рим чунин падида мавҷуд набуд. Бедарак ғоиб шудани шахси воқеӣ сарфи назар аз он, ки он чанд сол давом мекунад, барои фарзия дар бораи фавти чунин шаҳрванд асос намегардид. Нисбати молу мулки ӯ васоят (опека) муқаррар карда мешуд, масъалаи мероси баъди то замони марги воқеӣ ё исбот нагардидани ин ҳолат умуман мавриди баррасӣ қарор намегирифт.

Судҳои римӣ озодона далелҳоро баҳогузорӣ мекарданд ва муайян кардани муддати бадарак ғоиб будани шахси воқеӣ низ ба эътиқоди онҳо вобаста буд. Шахсони манфиатдор ба суд бо хоҳиши гирифтани мерос аз молумулки шахси бедарак гумшуда муроҷиат мекарданд. Суд бо салоҳдиди

худ ва дар асоси ҳолатҳои муайянгардида шахсро бедарак гумшуда эътироф менамуд. Ҳамин тавр, румиён оид ба бедарак ғоиб будани шахс меъёрҳои махсус надоштанд. Зарурати ин гуна меъёрҳо дар ибтидои асри XIV ба миён омад. Ин меъёрҳои низоми далелҳои судиро тағйир дода: ба ҷойи озодона баҳо додан ба далелҳо бо салоҳдиди худ, қоидаҳое пайдо мешаванд, ки барои суд ҳатмӣ гардиданд.

Дар асрҳои миёна глоссаторҳо як фарзияеро таҳия карданд, ки тибқи он: шахс то сад сол зинда эътироф мегардад, агар марги ӯ исбот нашавад. Таҷрибаи судӣ ин фарзияро дар бештар ҳолатҳо истифода менамуд. Дар Олмон баъди ретсепсияи ҳуқуқи Римӣ дар асрҳои XVI-XVIII фарзияи глосаторҳо рад гардид. Шахсони воқеӣ аллакай баъд аз 70-80 сол фавтида эътироф мегардиданд [73, с. 127]. Дар ин вақт тахмине ба вуҷуд омад, ки шахси бедарак гумшуда фавтида бояд эътироф карда шавад. Дар ҳуқуқи Фаронса, Голандия ва Англия қоидаи умумие татбиқ карда мешуд, ки агар шахс солҳои муайян ба кор наояд ва дар бораи ӯ маълумот набошад, бевосита фавтида хисоб карда мешуд ва молу мулки ӯ ба ворисонаш мегузашт [55]. Дар Англия – даҳ сол, Фаронса – ҳафт, Голландия – шонздаҳ сол. Тибқи қонунҳои кишварҳои соҳили Балтика шахс танҳо бо мақсади танзими муносибатҳои меросӣ фавтида эълон карда мешуд. Дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ яке аз ҳамсарон далел барои бедарак ғайб задани зану шавҳар аҳаммият надорад, зеро барои бекор гардидани ақди никоҳ дар давоми як сол номаълум набудани шахси воқеӣ асос мебошад, ки ин чунин қоида оқибатҳои молумулкӣ надорад. Дар сурати фавтида эълон кардани шахси воқеӣ аз рӯзи таваллуди ӯ ҳафтод сол бояд мегузашт. Молу мулки ӯ ба хешовандони наздиктарин, ки ҳуқуқи меросӣ доштанд, дода мешуд [50].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар шароити таърихӣ бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ ё фавтида эълон кардани ӯ роҳи душвори инкишофро паси сар намудааст. Омӯзиши вижагиҳои ташаккули ин ниҳод дар кишварҳои мухталиф чунин мавқеъро асоснок мекунад, ки бо мақсади пешгирӣ аз номуайянии ҳуқуқии шахси воқеие, ки муддати тулонӣ ҳузур

надоштааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои гуногун барои чунин шахсон таъсиси мақоми махсусро пешбинӣ кардаанд. Бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудан, ки дар суд тасдиқ мешавад, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Дар замони муосир падидаҳои бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар қонунгузории маданӣ ҳамчун чораи танзими муносибатҳое пайдо шудааст, ки бинобар сабаби бедарак шудани шахси воқеӣ норавшан гаштаанд [68, с. 2; 165, с. 14; 193, с. 135]. Фавтида эълон намудани шахрванд ба рафъи номуайянии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ (оила, маданӣ, манзил ва гайра), ки ин шахс дар он иштирок кардааст, нигаронида шудааст [224, с. 6]. Бояд ба назар гирифт, ки шахсони воқеӣ новобаста аз мансубияти шаҳрвандӣ дар чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ иштирок карда метавонанд.

Дар Тоҷикистон ғайри қобили амал ё маҳдуд намудани қобилияти амалкунии шаҳрвандро қонун танзим мекунад. Суд метавонад шахсро ғайри қобили амал эълон кунад, ки агар вай бинобар беморӣи равонӣ рафтори худро дарк карда натавонад ва аз номи ӯ васӣ таъйин кунад. Инчунин, суд ҳуқуқ дорад, қобилияти ҳуқуқии шахсро маҳдуд кунад, агар бо суиистеъмоли машрубот ё маводи мухаддир вазъи молиявии оилаи худро бад кунад. Шаҳрванди дорои қобилияти ҳуқуқии махдуд метавонад муомилоти хурди рӯзмарра анҷом диҳад, аммо барои амалҳои муҳимтар (ихтиёрдории даромад, муомилоти калон) розигии васӣ лозим аст. Дар айни замон вай барои кирдораш ва зарари расондааш танҳо ҷавобгар аст.

Масъалаи матраҳшаванда дар шартномаҳои байналмилалӣ низ танзим карда шудааст. Яке аз шартномаҳои муҳим дар ин самт Конвенсияи Минск дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ дар масъалаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, аз 22 январи соли 1993 мебошад.

Дар асоси талаботи қисми 1-и моддаи 23 Конвенсияи мазкур кобилияти амалкунии шахсони воқеӣ тавассути қонуни давлати аъзо, ки ин шахс шаҳрванди он мебошад, муқаррар карда мешавад [29].

Мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 25-и Конвенсияи болозикр дар парвандаҳои вобаста ба эътироф гирифтани шахс ҳамчун бедаракшуда ё фавтида ва дар парвандаҳо муайян кардани воқеияти вафоти шахсе, ки аз рӯйи маълумоти охирин зинда будани он шаҳрванди давлати аҳдкунанда буд, мақомоти адлияи тарафи аҳдкунанда ваколатдор мебошанд ва ҳангоми муайян намудани дигар шахсон мақомоти адлияи ҳамон давлате, ки маҳали истиқомати охирини ин шахс ба ҳисоб меравад.

Дар асоси муқаррароти қисми 2-и ҳамин модда мақомоти адлияи ҳар яке аз тарафҳои аҳдкунанда метавонанд шаҳрвандони тарафи дигари аҳдкунанда ва шахсони дигареро, ки дар қаламрави он иқомат доштанд, бо дархости шахсони манфиатдоре, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд ва ҳуқуқу манфиатҳои онҳо бар асоси қонунгузории ҳамин давлат қарор доранд, бедаракшуда ё фавтида эътироф намоянд, инчунин ҳолати марги онҳоро муайян кунанд.

Мавҷудияти институти бедарак ғоибшуда ва фавтида эътироф кардани шахс асоси ҳуқуқии бартараф кардани муҳлати номуайян дар қонунгузорӣ мебошад. Бо ёрии институти мазкур шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд оид ба бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шахс муроҷиат кунад ва манфиати шахси воқеиву ҳуқуқӣ ва давлатро химоя кунад.

Н.Ш. Қурбонализода давлатҳои хориҷиро вобаста ба тамоюлҳои гуногуни ҳалли ин мушкилии муҳим ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамояд:

«1) давлатҳое, ки ниҳоди бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шахс дар фаҳмиши тартиби ҳуқуқи миллии анъанавӣ пешбинӣ нашудаанд (Британияи Кабир, ШМА);

2) давлатҳое, ки ниҳоди фавтида эътироф намудани шахс мавҷуд нест ва қонунгузор бо танзими расмиёти эътирофи бедарак ғоибшуда маҳдуд мегардад (Фаронса, Люксембург);

3) давлатҳое, ки расмиёти пешакии эътирофи бедарак ғоиб шудани шахс пешбинӣ нагардидааст, аммо падидаи фавтида эълон намудани шаҳрванд мустаҳкам шудааст (Чехия, Чили);

4) давлатҳое, ки дар он ҳарду ниҳоди нишон додашуда пешбинӣ гардидааст (Италия, Украина, Филипин, Россия ва диг.)» [222, с. 40].

Дар низоми ҳуқуқии ИМА ва Британияи Кабир институти бедарак ғоиб эътироф намудан ва фавтида эълон кардани шахс мавҷуд намебошад. Дар Австрия, Олмон ва Италия доир ба ин масоил қонуни махсус қабул шудааст, дар як қатор кишварҳо, аз қабили Полша, Русия, Маҷористон, Чехия, Муғулистон дар меъёрҳои ҷудогонаи қонунгузории маданӣ ҷой дода шудааст. Масоили асосии коллизионие, ки бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардан қонуни шахс ҳисоб мешавад, ки ба қонуни шаҳрвандӣ ва қонуни ҷойи истиқомати доимӣ баромад мекунад. Чунин вазъ дар қонунгузории Чехия ва Олмон пешбинӣ шудааст. Дар Полша бошад бедарак ғоиб ва фавтида эълон кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар асоси қонуни суд ҳал карда мешавад. Муқаррар намудани ғоибии шаҳрванд дар Фаронса дар ду марҳила сурат мегирад: эътирофи пешакии ҳолати бедарак шудан (м.м. 112-121 КМФ). Бедарак ғоиб донистани шахс танҳо баъди 10 соли қабули қарори аввал имконпазир аст (м. 122-132 КМФ). Дар сурати сари вақт ба суд муроҷиат накардан, чунин статус танҳо пас аз гузаштани 20 соли охирини маълумоти маълум дар бораи шахси гумшуда таъин карда мешавад). Агар шахсони манфиатдор ба суд барои эътирофи презумпсияи мазкур муроҷиат накарда бошанд, дар ин сурат қарор оид ба эълони бедарак ғоибшавӣ метавонад баъди 20 сол аз рӯзи охирин хабар аз шахси бедарак ғоибшуда ё ягон маълумот оид ба ӯ бароварда мешавад [222, с. 41].

Хусусият, мақом ва аҳаммияти институти бедарак ғоибшуда эътироф кардани шахс дар меъёрҳои коллизионии миллӣ ва байналмилалӣ меафзояд. Махсусан чунин вазъ дар солҳои ҷанг, ки сабабгори ҷудошавии миллионҳо оила гардид, зуҳур ёфт. Мисол, шаҳрванди ҶТ соли 1990 ба шаҳрванди Афғонистон ба шавҳар баромад. Дар соли 1993 шавҳар ба ватанаш – Афғонистон баргашт ва бедарак ғоиб шуд. Дар шаҳри Душанбе, оила, моликият, аз ҷумла манзили истиқоматӣ бо номи хеш монд. Соли 1998 ҳамсари вай ҳамчун меросхӯр дар бахши бедарак ғоибшуда эътироф кардани

шаҳрванд муроҷиат кард. Суд талаботи шаҳрванди ҶТ қонеъ кард. Бедарак ғоибшуда эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванди хориҷӣ дар ҶТ ба маҷмӯи фактҳои ҳуқуқӣ, ба мисли муҳлати дурудароз бедарак шудан дар ҷойи истиқомати доимӣ, мавҷуд набудани ахборот оид ба ҷойи иқомат, инчунин гузаштани муҳлати қонун муқаррар намуда аз лаҳзаи дастрас шудани маълумоти охир оид ба ҷойи иқомати ӯ вобаста аст. Дар асоси чунин фактҳо бо аризаи шахси манфиатдор суд метавонад шаҳрванди хориҷиро бедарак ғоибшуда эътироф кунад ё фавтида эълон намояд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки қонунгузории кишвар шахси манфиатдорро дар бахши ҷустуҷӯ кардани шахси бедарак ғоибшуда уҳдадор накардааст.

Оқибати ҳуқуқии бедарак ғоибшуда эътироф кардани шаҳрванди хориҷӣ инҳоянд: ба моликияти ин шахс таъин кардани васоят; шахси дар таъминот буда ҳуқуқ пайдо мекунад ба нафақа; ҳамсари шаҳрванди бедарак ғоибшуда ҳуқуқ ба даст меорад дар бахши бекор кардани никоҳ тибқи тартиботи мақомоти САҲШ (б. 2 м. 19 Кодекси оилаи ҶТ); қатъ гаштани ваколатнома, ки аз номи шахси бедарак ғоибшуда эътироф гардидани ӯ дода шудааст; қатъ гаштани амали ваколатномаи шахси ғайри қобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ (қ. 1 моддаи 205 КМ ҶТ) ва ғайра.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наҳваи бедарак ғоибшуда эътироф намудан ва фавтида эълон намудани шаҳрванди хориҷӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Дар ин асно, факти бедарак ғоибшуда ва фавтида эътироф кардан дар баробар бо факти марг асоси қатъ гаштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Ҳолати бедарак ғоиб шудани шахс зарурати таъмини ҳифзи ҳуқуқи шахси бедарак гумшударо ба миён меорад. Барои чунин ҳолатҳо, қонунгузории кишварҳои гуногун аз ҷумла Тоҷикистон институти бедарак ғоибшуда эътироф кардани шахсро муқаррар намудааст. Тибқи м. 43 Кодекси мадании ҶТ агар шаҳрвандро суд метавонад бо аризаи шахсони манфиатдор бедарак ғоиб эълон кунад, дар давоми 1 сол дар бораи ҷойи будубоши ӯ дар

ҷойи истиқоматаш маълумот мавҷуд набошад. Агар санаи дақиқи гирифтани маълумоти охирин маълум набошад: муҳлат аз рӯзи 1-уми моҳи баъди маълумоти охирин маълум ҳисоб карда мешавад; агар моҳро муайян кардан имконнопазир бошад, аз 1 январи соли оянда.

Ба аризадиҳанда лозим нест, ки ба дигар мақомоти ваколатдор муроҷиат намояд, зеро суд пеш аз оғози баррасии парванда хешовандон, кормандон, ҳамсояҳо ва дигар шахсонеро, ки метавонанд дар бораи шахси воқеие, ки ҷойгиршавӣ ва иқомати ӯ маълум нест маълумот дода метавонанд, муайян намуда, инчунин ба аризаи дахлдор ирсол менамояд.

Барои гирифтани маълумот дар бораи ӯ ҳатман ба ҷойи кори охирини ин шахс дархост бояд фиристода шаванд. Дар айни замон суд ба воситаи макомоти васояту парасторӣ барои муқаррар намудани васоят нисбати молу мулки шахси воқеие, ки ҷойгиршавии он номаълум аст, чораҳо мебинад. Бояд қайд намуд, ки дар бештари қонунгузории мадании кишварҳои дунё муқаррар гардидани институти бедарак ғоибшуда дар оқибатҳои зерини ҳуқуқии он мебошад:

– аз болои молу мулк идораи ба боварӣ асосёфта муайян мегардид. Аз ин амвол, таъминот ба шаҳрвандоне дода мешавад, ки ба шахсе, ки мувофиқи қонун барои таъминоти онҳо вазифадор буд.

– фарзандони ноболиғ ва болиғи маъюб, падару модар, зан (ҳамсар), нововбаста аз синну сол ва қобилияти меҳнатӣ, агар онҳо фарзандони шахси бедарак гумшударо, ки ба синни ҳаштсолагӣ нарасидаанд, нигоҳубин мекунанд, ҳуқуқ доранд ба муносибати бедарак ғоиб дониста шудани саробон нафақа гиранд;

– зани (шавҳари) шахси бедарак гумшуда ҳуқуқи бо тартиби соддакардашуда бекор намудани ақди никоҳро пайдо менамояд;

– ба қатъ гардидани уҳдадорӣ оварда мерасонад (масалан, ваколатнома, шартномаи кафолат);

– кредиторон ҳуқуқ пайдо мекунанд аз ҳисоби молу мулки шахси бедарак гумшуда қонеъгардонӣ талаб намоянд.

Тавре дар м. 1317 КМҶТ муқаррар гардидааст, бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба ҳуқуқи ҶТ тобеъ аст.

Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи бедарак ғоиб ё фавтида эътироф намудани шахсе, ки дорои унсури хориҷӣ мебошад, суд бояд аввалан қонуни татбиқшавандаро бинобар фарқиятҳои қонунгузории миллӣ муайян намояд.

Мафҳумҳои асосии ҳуқуқии истифодашаванда инҳоянд: «эълони марг», «фарзияи (презумпсияи) марг» (моҳияти ин институти ҳуқуқиро дақиқтар инъикос мекунад). Муҳлати фавтида эълон кардани шахс гуногун аст: 3 сол – Украина, Беларус, Қазоқистон, 5 сол – Булғористон, Эстония, 7 сол – Филиппин, 10 сол – Италия, Полша [222, с. 43].

Шаҳрвандро дар сурате фавтида эълон кардан мумкин аст, ки дар давоми 3 сол дар бораи ӯ дар ҷойи истиқоматаш маълумот мавҷуд набошад. Агар ӯ дар ҳолатҳои ба ҳаёт хавфнок (масалан, садама) бедаракшуда бошад, муҳлат 6 моҳ кам карда мешавад.

Барои хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар шахсоне, ки дар рафти амалиёти ҷангӣ бедарак ғоиб шудаанд, муҳлат 1 сол пас аз анҷоми онҳо мебошад. Санаи вафот санаи эътибори қонуни пайдо кардани қарори суд ба ҳисоб меравад, аммо дар ҳолатҳои махсус суд метавонад санаи тахминии маргро муқаррар намояд. Фавтида эълон намудан ба мисли марги воқеӣ оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад [98, с. 81].

Бояд гуфт, ки дар кишварҳои ИДМ институти бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шаҳрванди хориҷӣ як хел баррасӣ шудааст. Мисол, дар Қазоқистон (м. 1096 КМ), Қирғизистон (м. 1179 КМ), Узбекистон (м. 1170 КМ) ва дар Ҷумҳурии Озарбойҷон дар вақти бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шаҳрванди хориҷӣ қонуни кишвари суд татбиқ мешавад. Дар кишварҳои зикршуда институти мазкур тибқи Кодекси мадании Моделии ИДМ таҳия шудааст. Оқибати институти бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар Россия (м. 1200 КГ) тибқи ҳуқуқи Россия муқаррар карда мешавад. Дар ин ҷо меъёри

коллизионӣ аз нигоҳи сохтор яктарафа ва аз нигоҳи характер императивӣ мебошад. Мақомоти судӣ дар Ҷумҳурии Молдова (м. 1593 КГ) дар вақти бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд қонуни миллии шахсро татбиқ менамояд. Агар муқаррар кардани қонуни миллӣ номумкин бошад, он гоҳ қонунгузории Молдоваро амалӣ мекунанд. Ҳамин меъёрҳои коллизионии он «бедарак ғоибшуда» ва «фавтида» эълон кадани хориҷиён баромад мекунад. Ва дар он ду пайвасти меъёрии коллизионӣ пешбини шудааст: якум «қонуни миллӣ», яъне қонуни шахс, дуюм «қонунгузории Ҷумҳурии Молдова». Пайвасти меъёри коллизионии моддаи мазкур диспозитивӣ ва дутарафа аст. Вале меъёри коллизионии дутарафа аз нигоҳи сохтор мураккаб аст, яъне татбиқшавии низоми ҳуқуқии ду кишварро пешбинӣ мекунад [200, с. 40-45].

Суд танҳо дар ҳолатҳои дар шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон пешбинигардида, метавонад аз ин қоида берун барояд ва аз рӯйи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ амал кунад, ҳамзамон бояд қайд намуд, ки қонунгузории коллизионии ватанӣ бо такя ба ҳуқуқи байналмилалӣ рушд ёфта истодааст. Тавре таҳлили шартномаҳо нишон медиҳад қонунгузории татбиқшаванда муқаррар мекунанд, ки охирин дар ҳама ҳолат «қонунгузории давлати худро» ифода мекунад. Чунин созишномаҳо дар солҳои 1992-1995 байни Тоҷикистон ва Россия, Озарбойҷон, Қирғизистон, Латвия ва ғайра баста шудаанд.

Дар аксари мавридҳо масъалаи татбиқи меъёрҳои колизионии дохилӣ оид ба бедарак ғоиб шуда донистани шахс ва фавтида эълон кардани шахс ба қонунгузории Тоҷикистон тааллуқ дорад. Ин қоидаи коллизионии қонун дар шакли якҷониба пешниҳод шуда, хусусияти мурофиавӣ дорад. Аммо дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи созишӣ низ ҷой дорад, ки тибқи он «институти бедарак ғоибшуда эътироф намудани шахси воқеӣ табиати мураккаб дорад» [189, с. 176]. Мавриди зикр аст, ки М. Волф дар ибтидои инкишофи ҲБХ таъкид намуда буд, ки «тамоми низомҳои континенталӣ бар он назаранд, ки ин масъалаи фарзияи марг ба соҳаи ҳуқуқи моддӣ мансуб аст, дар ҳоле ки

ҳуқуқи англисӣ, онро масъалаи мурофиавӣ мешуморад. Аз ин рӯ, судҳои Англия, инчунин судҳои Амрико, танҳо қонуни судро татбиқ мекунанд» [72, с. 304-305].

Муқаррароти м. 1317 КМ ҶТ бо меъёри ҳуқуқи мурофиавӣ дастгирӣ карда мешавад. Тибқи б. 3 қ. 2 м. 392 КММ ҶТ ба тобеияти истисноии судӣ дар судҳои ҶТ парвандаҳои мурофиаи махсусро дар бар мегирад, «шахс ё шаҳрванде, ки нисбат ба ӯ оид ба бедарак ғоибшуда эътироф намудан ё вафоткарда эълон карданаш ариза пешниҳод шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли охирини маълуми истиқомат дошта бошад ва ҳамзамон ҳалли ин масъала ба барқарор намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрванде, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли истиқомат доранд ё ташкилотҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд, вобаста бошад» [4].

Дар низомҳои ҳуқуқии Британияи Кабир ва ИМА масъалаи бедарак гумшуда эътироф кардани шахс ё фавтида эълон кардани шахс ба соҳаи ҳуқуқи мурофиавӣ тааллуқ дорад. Дар мавридҳое, ки ҳангоми баррасии парванда масъалаи ҳуқуқи моликият ба молу мулк ё уҳдадориҳо ба миён меояд, суд тахмини фавти шахсро ба роҳбарӣ мегирад, агар дар давоми ҳафт сол оид ба шахс маълумот мавҷуд набошад. Қонунгузории хориҷӣ инчунин масъалаҳои бедарак ғоиб эътироф намудани шахс ё фавтида эълон кардани ӯро (аз ҷумла хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандро) ба салоҳияти истисноии судҳои миллӣ мегузорад. Дар сурати мавҷуд набудани шартномаҳои байналмилалӣ, ин метавонад боиси ихтилофи юрисдиксия гардад. Шартҳои баррасии чунин парвандаҳо дар кишварҳои гуногун яксонанд: истиқомати доимӣ дар кишвар (б. 1 § 12 Қонуни Олмон «Дар бораи фавтида эълон намудан»); манфиати давлат (Олмон, § 12); мавҷудияти моликият дар кишвар (Австрия, § 12 «Дар бораи фавтида эълон намудан»); шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқомати доимии муроҷиаткунанда дар кишвар.

Мавриди зикр аст, ки дар Олмон, Австрия, Италия ва баъзе дигар давлатҳо тартиб ва оқибатҳои бедарак ғоиб эътироф намудани шахс ва

фавтида эълон кардани ӯро қонунҳои махсус танзим мекунанд. Дар баробари ин, дар қонунҳои баъзе давлатҳо институти фавтида эътироф кардани шахси гумшуда ҳатто пешбинӣ нагардидааст. Дар қонунгузории Британияи Кабир ва ИМА ягон институти эътирофи бедарак ғоибшуда вуҷуд надорад: танҳо барои парвандаи мушаххас эҳтимолияти марги шахсро муқаррар кардан мумкин аст, агар дар бораи ӯ дар тули ҳафт сол ягон маълумот вуҷуд надошта бошад.

Тибқи Кодекси мадании Муғулистон дар ҳама гуна ҳолат ба масъалаи бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардан, агар дар қаламрави он ба вуқуъ ояд он гоҳ тобеи ҳуқуқи Муғулистон мебошад (б. 6 модда 428) [54]. Дар Аморати Муттаҳидаи Араб ва кишвари Сурия масалан, масоили бедарак ғоибшуда тибқи қонунгузории маданӣ пурра тобеи қонуни миллӣ мебошад. Чунин тарзи ҳалли масъала дар қонунгузории Тайланд ҷой ёфтааст. Дар Ҷопон муқаррарот оид ба бедарак ғоибшуда эътироф кардани хориҷиён танҳо дар асоси қонуни Ҷопон сурат мегирад. Бояд қайд кард, ки қонунгузории Юнон бедарак ғоибшуда эътироф кардани шахсро дар асоси қонуни миллӣ муқаррар кардаст, вале тафовут аз қонунҳои дигар кишварҳо дар он аст, ки судҳои Юнон метавонад бедарак ғоибшуда эътироф кардани хориҷиёнро, ки ҷойи иқомати доимӣ ё моликияташон дар Юнон ҷойгир бошад, баррасӣ кунад. Дар минтақаи Амрико, Кодекси Бустамант амал мекунад, ки ба он бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шахсро ҷой надодааст. Танҳо дар моддаи 30 Кодекси Бустамант [51] гуфта мешавад, ки «ҳар як давлат қонунгузории хешро дар фавтида эълон кардани шахси ҷисмонӣ дар ҳолати вобаста ба марги табиӣ татбиқ намояд».

Ҳамин тавр, дар ҲБХ барои муайян кардани қонуни татбиқшаванла якчанд равиш мавҷуд аст:

– татбиқи ҳуқуқи давлате, ки шахс шаҳрванди он мебошад;

– татбиқи қонуни ҷойи иқомат;

– татбиқи қонуни давлате, ки дар он шахс доимӣ ё бештар истиқомат мекунад.

Аз таҳлили масъалаи мазкур ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар сурати агар шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ба таври доимӣ ё асосан дар қаламрави Тоҷикистон иқомат дошта бошад ва бедарак ғоибшуда бошад, бедарак ғоиб донистани онҳо ё фавтида эълон кардани онҳо дар қаламрави Тоҷикистон тибқи қонунгузории миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Шахс метавонад аз ҷониби суд бедарак ғоиб эътироф карда шавад. Шахси воқеӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи модда фавтида эътироф карда мешавад.

Молу мулки шахси бедарак ғоибшуда дар асоси қарори суд ба идораи боваринок мегузарад. Мақомоти васояту парасторӣ шахсро таъин мекунад, ки шартномаи идоракунии боваринокро мебандад; қарзи шахси дар ғоиб набударо аз ҳисоби молу мулкаш мепардозад; таъминоти шахсони вобастаашро таъмин мекунад. Мақоми васояту парасторӣ ҳуқуқ дорад чунин шахсро ҳатто то гузаштани муҳлати яксола, агар ин барои ҳифзи амвол зарур бошад, таъин намояд. Оқибатҳои дигари ҳуқуқии бедарак гумшуда эътироф шудани шахсро қонун танзим мекунад. Масъалаи баррасишаванда дар шартномаҳои байналмилалӣ низ танзим шудааст. Асосан созишномаи дуҷониба, ки муқаррароти танзими масъалаи бедарак гумшуда ё фавтида эълон кардани шахсро муайян мекунад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда, суд метавонанд парвандаи онҳоро қабул карда, парвандаи бедарак ғоибшуда эълон кардани шахси хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ё фавтида эълон кардани ӯро баррасӣ кунанд, агар ин шахс охирин ҷойи истиқомати худро дар қаламрав дошта бошад. Қонунҳо чаҳорчӯби бедарак эълон кардани хориҷиёнро фароҳам меоранд, аммо ин раванд бо сабаби набудани ҳамкорӣ бо ҳукуматҳои хориҷӣ ва печида будани мунокиша метавонад печида шавад. Нисбат ба хориҷиён пайвасти коллизионии «lex personalis» истифода мешавад.

Тибқи қонунгузории мадании ҶТ ҳангоми муқаррар карда натавонистани рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда, оғози ҳисоби муҳлат барои эътирофи бедарак ғоибшуда санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоибшуда фаро мерасад ва дар сурати муқаррар карда натавонистани ин моҳ, якуми январи соли минбаъда ҳисоб мешавад. Дар ҳолати ҳозир шудани шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида ё муайян гардидани ҷойи истиқомати ӯ суд қарорро дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудан бекор мекунад. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқҳои шахси бедарак ғоибшуда пурра барқарор мегарданд, ба истиснои барқарор намудани ақди никоҳ, зеро ақди никоҳ бо аризаи ҳамсарон дар САҲШ аз нав барқар карда мешавад.

Тавре ишора намудем, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 1317 КМ ҶТ масъалаи бедарак ғоибшуда ё вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ ба ҳуқуқи ҶТ тобеъ аст. Ин мазмуни он дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон намудани шаҳрвандони хориҷӣ – тибқи қонунгузории Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар чунин ҳолат масъалаи бедарак ғоибшуда эътироф кардан ва фавтида эълон намудани шаҳрванди хориҷӣ дар ҶТ вобаста аст ба маҷмуи ҳолатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди муҳлати дуру дароз, яъне дар давоми як сол бедарак шудан дар маҳалли истиқомати доимӣ, мавҷуд набудани маълумот дар хусуси маҳалли иқомат қарор доштани вай, инчунин гузаштани муҳлати қонун муқаррар намуда аз лаҳзаи дастрас шудани маълумоти охир оид ба ҷойи истиқомати ӯ. Дар асоси чунин фактҳо бо аризаи шахси манфиатдор суд метавонад шаҳрванди хориҷиро бедарак ғоибшуда эътироф кунад ё фавтида эълон намояд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки қонунгузории кишвар шахси манфиатдорро дар бахши ҷустуҷӯ кардани шахси бедарак ғоибшуда уҳдадор накардааст. Яке аз проблемаҳое, ки ба андешаи мо ҳалли худро талаб

менамояд, ин набудани тавзеҳот дар категорияи шаҳрвандони хориҷӣ мебошад.

Мавҷуд будани институти бедарак ғоибшуда ва фавтида эътироф кардани шахси воқеӣ асоси ҳуқуқии бартараф кардани муҳлати номуайян дар қонунгузорӣ мебошад. Зеро бо ёрии ин институт шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд оид ба бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон кардани шахс муроҷиат кунад ва манфиати шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ ва давлатро ҳимоя кунад.

Оқибати ҳуқуқии бедарак ғоибшуда эътироф кардани шаҳрванди хориҷӣ инҳоянд: ба моликияти ин шахс таъйин кардани васоят; шахси дар таъминот буда ҳуқуқ пайдо мекунад ба нафақа; ҳамсари шаҳрванди бедарак ғоибшуда ҳуқуқ ба даст меорад дар бахши бекор кардани ақди никоҳ тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ; қатъ гаштани ваколатнома, ки аз номи шахси бедарак ғоибшуда дода шудааст (б. е моддаи 213 КМ ҶТ) ва ғайра.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили масъалаи бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои фаромиллӣ чунин хулосаҳоро манзур намудан зарур аст:

1. Масъалаи ба сифати бедарак эълон намудан ва ё фавтида эълон кардани шахси воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ тибқи қонунгузории ҶТ баррасӣ карда шаванд.

2. Нисбати шахси бедарак ғоибшуда оқибатҳои ҳуқуқии зерин ба миён меоянд: қобилияти ҳуқуқии мадании чунин шахс маҳдуд карда намешавад; ба молу мулк ва фарзандони чунин шахс тибқи қонунгузории маданӣ парасторӣ муқаррар карда мешавад; вазъи оилавии чунин шахс то лаҳзаи бекор кардани ақди никоҳ бо хоҳиши зан ё аз нав ба шавҳар баромадан бетағйир мемонад; ҳуқуқу уҳдадориҳои меҳнатӣ то эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори дахлдори суд ва аз ҷониби корфармо гирифта шудани он нигоҳ дошта мешавад.

3. Тартиби фавтида эълон намудани шаҳрванди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории Тоҷикистон танзим мегардад ва ҳолати фавтида эътироф гардидан ҳамчун асоси қатъ гаштани қобилияти ҳуқуқдории хориҷиён ва шахсони бешаҳрвандӣ дар Тоҷикистон баромад мекунад.

4. Меъёри колизионии қонунгузории хориҷӣ нисбати бедарак ғоиб эътироф намудани шахс, ё фавтида эътироф намудан дар бештари давлатҳо ҷой дорад, вале вобаста шарту муҳлатҳои бедарак ғоибшуда эътироф кардани шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии фавтида эълон кардани шахси воқеӣ аз якдигар тафовут доранд. Дар баъзе давлатҳо ин тартиб бо қонунгузории маданӣ ва дар дигар кишварҳо бо қонунҳои махсус ё қонунҳои мурофиавӣ муайян ва танзим мегарданд.

# БОБИ 3. МАХСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ КОЛЛИЗИОНӢ-ҲУҚУҚИИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ МУРАККАБГАШТА

## 3.1. Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ

Мазмуни вазъи ҳуқуқии шахси воқеиро дар ҲБХ маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо ин шахсони воқеӣ иштирок мекунанд. Ҳамзамон дар муайян кардани мақоми шахси воқеӣ якчанд гурӯҳҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ муттаҳид гардидаанд, ки аз аҳаммияти муҳим бархӯрдор мебошанд. Шахсони воқеӣ асосан субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ, меросӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ буда, вазъи ҳуқуқии онҳоро ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам шартномаҳои байналмилалӣ муайян мекунанд [16].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин шарҳ дода мешавад, ки ҳуқуқи байналмилалии мерос аз маҷмуи меъёрҳое иборат мебошад, ки муносибатҳои меросӣ, ки ба тартиботи ҳуқуқии ду ва зиёда давлатҳо вобаста мебошад, ба танзим медарорад [74, с. 651].

Ҳуқуқи мерос (Droit siiccessoral, Erbrecht, law of succession) ҳамчун падидаи ҳуқуқи маданӣ фарогири меъёрҳое мебошад, ки тартиби аз ҷониби шахс ихтиёрдорӣ намудани амволи ӯ дар ҳолати вафоташ ва тартиби гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меросгузор ба дигар шахсонро танзим менамояд [78, с. 357-358].

Дар заминаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки ҳуқуқи мерос дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуми меъёрҳое иборат аст, ки муносибатҳоро вобаста ба гузариши ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз шахси фавтида ба дигар шахсон, дар заминаи тобеияти ин муносибатҳо ба низоми ҳуқуқии ду ва зиёда давлатро танзим менамояд.

Чун қоида агар ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликиятро ба якуминдараҷа ва дуюминдараҷа ҷудо намоем, ҳуқуқи меросро ҳамчун яке аз воситаҳои асосии дуюминдараҷаи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият баҳо додан

мумкин аст. Дар ин хусус И.С. Тараришкина чунин хулосаронӣ менамояд, ки дар сурати ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликиятӣ аз рӯйи воситаҳои дуюминдараҷа ба шахсе, ки ҳуқуқи моликият мегузарад, ҳаҷм ва андозаи ҳуқуқи гузаранада аз ҳаҷм ва андозае, ки ба молики пештараи он тааллуқ дошт, зиёд буда наметавонад [227, с. 47].

Дар ин замина ба хулоса омадан мумкин аст, ки миёни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи мерос алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад ва ҳуқуқи мерос таркиби худро аз ҳуқуқи моликият мегирад. Дар баъзе таҳлилҳои ҳуқуқӣ дар масъалаи мазкур чунин ақидаронӣ карда мешавад, ки предмети ҳуқуқи мерос танҳо он чизе буда метавонад, ки предмети ҳуқуқи моликият бошад [176, с. 234-237].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ хусусияти ҳуқуқи мерос дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар он шарҳ дода мешавад, ки муносибатҳои мазкур бо истифода аз методикаи коллизионӣ танзим карда мешаванд [124, с. 536]. Дар низоми ҳуқуқии кишварҳо меъёрҳое вуҷуд доранд, ки барои муайян намудани мақоми ҳуқуқии меросгирӣ умумият надошта, зери мафҳуми мақоми ҳуқуқии меросгирӣ ҳуқуқи тибқи меъёри коллизионнӣ муқаррашуда, ки нисбати тамоми муносибаҳои меросии бо унсури хориҷӣ мураккабгашта, дар маҷмуъ татбиқ мешавад, паҳн мегардад [116, с. 444].

Зери мафҳуми муносибатҳои меросӣ дар ҲБХ муносибатҳои меросии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида фаҳмида мешаванд [168, с. 25-31; 178, с. 42-47]. Дар ин росто бояд зикр намуд, ки бо рушди муносибатҳои хусусии байналмилалӣ шумораи масъалаҳо оид ба мерос дар ин муносибатҳо аз ҳисоби афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ, бастани ақди никоҳ бо хориҷиён, ба даст овардани моликият ё ҳуқуқи моликият дар хориҷа афзоиш ёфтааст. Ташаккул ва ривоҷи шумораи парвандаҳо оид ба мерос дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, ки дорои хусусияти коллизионӣ мебошанд, сабаби пайдоиши бархе мушкилот дар таҷрибаи амалии ҳуқуқи нотариусҳо, судҳо ва адвокатҳо гардидааст. Дар ин замина, зарурати танзими дурусти ҳуқуқии

масъалаҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ ҳам тавассути қонунгузории миллии давлатҳо ва ҳам шартномаҳои байналмилалӣ ба миён меорад.

Дар Тоҷикистон баҳри инкишоф ва ташаккули масъалаҳои меросӣ, аз ҷумла бо унсури хориҷӣ заминаи ҳуқуқӣ муҳайё шудааст. Баргирифта аз моддаи 32 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба моликият ва ҳуқуқ ба мерос доштани ҳар шахс таъйид шудааст. Имрӯз дар амалияи Тоҷикистон масъалаҳои қабул, тартиби ба расмият даровардан, ҳимояи ҳуқуқҳои меросӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои меросӣ муҳим арзёбӣ мешавад, ки таҷрибаи судии кишвар далолат аз ин гуфтаҳо мекунад.

Масъалаҳои марбут ба мерос дар ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар Тоҷикистон Кодекси маданӣ ва дигар қонунҳо танзим мекунанд. Бо вуҷуди ин, вазъи кунунии танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ дар Тоҷикистон ба ҷанбаҳои ҳуқуқии меросӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра ҷавобгӯ нест. Масъалаҳои коллизионии мерос яке аз самтҳои мушкилтарин дар ҳуқуқи байналмилалии хусусии Тоҷикистон буданд ва боқӣ мемонанд. Ҳалли баҳсҳои гуногуни меросӣ, чун қоида сабаби ба вуҷуд омадани муносибатҳои молумулкӣ мегардад, ки ба низомҳои ҳуқуқии муносибатҳои моликияти ду давлат дохил мешаванд.

Дар муносибатҳои меросӣ унсури хориҷӣ як қатор ҳолатҳои коллизиониро ба миён овардааст, ки муҳимтарини онҳо коллизияҳо вобаста ба мерос аз рӯйи қонун, мерос аз рӯйи васиятнома, ё татбиқи ин намудҳои мероси молу мулки манқул ва ғайриманқул мебошанд. Сарфи назар аз мушаххас будани навъҳои мерос дар низомҳои ҳуқуқии давлатҳо, ки аз ҷиҳати мазмун, ба анъанаҳои миллӣ, тарзи муқарраршудаи зиндагӣ ва дигар омилҳо вобаста мебошанд, аз ҳамдигар хеле тафовут доранд. Дар натиҷа молу мулке, ки дар қаламрави кишварҳои гуногун ҷойгир аст, таҳти низомҳои ҳуқуқие қарор мегирад, ки тамоман ба ҳам мувофиқ нестанд, ин дар таъмини мерос мушкилоти ҷиддӣ ба миён меорад [216, с. 3].

Яке аз ҳадафҳои ҲБХ ҳал намудани мушкилиҳои танзими махсуси муносибатҳо ё ҳолатҳое мебошад, ки дар онҳо ягон унсури хориҷӣ мавҷуд

аст. Новобаста аз он ки ба шаҳрванди хориҷӣ барои додани мероси худ иҷозат дода бошад ҳам, саволе ба миён меояд, ки ин меросро кадом қонун бояд танзим кунад.

Сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи мероси байналмилалӣ қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ аз ҷумла шартномаҳои дуҷониба ва шартномаҳои универсалӣ мебошанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

– Конвенсияи Гаага аз соли 1973 дар бораи идоракунии молу мулки шахсони фавтида [33];

– Конвенсияи Гаага аз соли 1989 дар бораи қонуне, ки ба мерос бинобар сабаби вафот татбиқ мешавад [110, с. 203-211];

– Конвенсияи Гаага аз соли 1961 дар бораи коллизияи қонунҳое, ки ба шакли васиятномаҳо алоқамандaнд [26];

– Конвенсияи Базел аз соли 1972 оди ба низоми бақайдгирии васиятномаҳо [22];

– Конвенсияи Вашингтон аз соли 1973, ки қонуни ягона дар бораи шакли иродаи байналмилалиро пешбинӣ мекунад [180, с. 88-92].

Меъёрҳои асосии коллизионии дар соҳаи мерос дар Тоҷикистон дар қонунгузории маданӣ муқаррар карда шудаанд, ки тибқи он муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор охирин маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад. Меросгирии молу мулки ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷойгир шудааст ва молу мулке, ки ба феҳристи давлатии ҶТ дохил карда шуда бошад, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс оид ба тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома муайян карда мешаванд, агар молу мулки мазкур васият карда шавад.

Дар доктрина ва амалияи ҳуқуқии ҷаҳонӣ ду равиши асосии маъмул барои муайян кардани моҳияти мерос вуҷуд дорад:

1) Дар кишварҳои ҳуқуқи континенталӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, мерос ҳамчун як навъи мероси универсалӣ фаҳмида мешавад. Чунин қоида ба ҳуқуқи классикии Римӣ тааллуқ дорад, ки дар он ворисон ҳамчун идомаи шахсияти ҳуқуқии меросдиҳанда ҳисоб мешуд;

2) Дар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ мерос тақсими молу мулки фавтида байни шахсони дар қонун ва (ё) дар васиятнома зикргардида фаҳмида мешавад.

Ҳамзамон, дар адабиёти ватанӣ низ вобаста ба муносибати кишварҳо ба масъалаи меросхӯрӣ (ворисӣ) назарпардозӣ шуда, онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: «1) Давлатҳое, ки дар онҳо меросхӯрӣ (ворисӣ) ҳамчун намуди универсалии аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба шумор меравад. Чунин муайянкунии меросхӯрӣ (ворисӣ) аз ҳуқуқи класикии римӣ бармеояд, ки дар он ба сифати меросхӯр идомаи шахсияти ҳуқуқии меросдиҳандаро медиданд. Ба ин гурӯҳ қариб ҳамаи давлатҳои низоми ҳуқуқии континенталӣ шомиланд. 2) Давлатҳое, ки дар он меросхӯрӣ (ворисӣ) ҳамчун тақсим намудани моликияти шахси вафоткарда байни шахсони дар қонун ва ё васиятнома нишондодашуда фаҳмида мешавад. Чунин муносибат ба давлатҳои «низоми ҳуқуқии умумидошта» хос аст» [152, с. 164].

Меъёрҳои коллизионии вобаста ба ҳуқуқи мерос асосан ё дар кодексҳои мадании ин давлатҳо (Фаронса, Эстония, Португалия, Испания, Юнон, Қазоқистон, Узбекистон ва ғайра) ё дар қонунҳои махсус оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (Полша, Маҷористон, Чехия, Швейтсария, Австрия, Гурҷистон, Италия, Чин, Украина ва ғайра) мутамарказ гардидаанд. Аммо, сарфи назар аз ин, ҳар як давлат ба коллизияи қонунҳо ҳамчун меъёри интихоби ҳуқуқи давлат ба масъалаҳои мерос бо унсури хориҷӣ муносибати мустақили худро дорад.

Принсипи ягонагии қоидаи мерос дар қонунгузории Венгрия, Олмон, Юнон, Испания, Италия, Полша, Португалия, Словакия, Ҷумҳурии Чех, Ҷопон ва дигар давлатҳо ифода ёфтааст. Дар Британияи Кабир, ИМА, як қатор дигар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ, аз ҷумла Руминия, Тайланд, Фаронса

принсипи дигари қонунгузории меросро риоя мекунанд. Бо дарназардошти ин, бо истифода аз мисоли танзими ҳуқуқии муносибатҳои меросӣ дар қонунгузории давлатҳои алоҳида муқоиса кардани ду равиш барои муайян кардани қонуни мерос ҷолиб аст. Тибқи Кодекси граждании Испания, мерос тибқи қонуни шаҳрвандии меросгузор, ки дар лаҳзаи марги ӯ муайян карда мешавад, новобаста аз хусусияти молу мулк ва дар давлате, ки онҳо ҷойгиранд, танзим карда мешаванд.

Кодекси мадании Квебек масъалаи меросро бо чунин тарз ҳал мекунад: мероси молу мулки манқул тибқи қонуни маҳалли истиқомати охирини васияткунанда (ҷойи охирини истиқомати доимӣ) ва мероси молу мулки ғайриманқул бо роҳи дигар ҳал карда мешавад – қонуни маҳалли ҷойгиршавии он. Дар қонунҳои баъзе кишварҳо барои тақсим кардани мерос асосҳои иловагӣ муқаррар карда мешаванд [53]. Ҳамзамон, сархати дуюми моддаи 3098 Кодекси мадании Квебек пешбинӣ менамояд, ки шахс метавонад дар васияти худ ҳуқуқеро, ки ба мероси амволи ӯ татбиқ мешавад, муайян намояд, ба шарте ки он ҳуқуқи кишвари шаҳрвандии ӯ ё ҷойи зисти доимии ӯ дар лаҳзаи интихоби ҳуқуқ ё дар лаҳзаи вафоташ бошад, ё ҳуқуқи кишвари мавҷудияти амволи ғайриманқули ба ӯ тааллуқдошта бошад – аммо танҳо нисбат ба мероси ҳамин амволи ғайриманқул [53].

Масалан, агар молу мулке, ки ба шаҳрвандони Чин ба мерос монда шудааст, берун аз худуди давлат воқеъ бошад ё моликияти хориҷӣ дар ҳудуди Чин воқеъ бошад, пас қонуни ҷойи истиқомати меросгузор ба молу мулки манқул ва қонуни ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул татбиқ мегардад. Агар шаҳрванди хориҷӣ ба мерос гирифтани молу мулки дар ҳудуди Чин ҷойгиршуда ё моликияти шаҳрванди Чин, ки берун аз ҳудуди Чин ҷойгир аст, мерос гирифта шавад, дар он сурат қонуни ҷойи истиқомати меросгузор нисбат ба молу мулки манқул татбиқ мегардад ва ҳамчунин қонуни ҷойгиршавии он нисбат ба молу мулки ғайриманқул низ татбиқ мегардад.

Дар ин асно, м. 46 фасли VII. қонуни Италия аз соли 1995, №218 «Ислоҳоти низоми ҳуқуқи байналмилалии хусусии итолиёвӣ» масъалаи меросро танзим менамояд. Аз ҷумла, мерос ҳангоми марг тибқи қонунгузории миллии меросгузор ҳангоми маргаш танзим карда мешавад. Васияткунанда ҳуқуқ дорад тавассути аризаи дар шакли васиятнома пешниҳодшуда тамоми молу мулкеро, ки предмети мерос мебошад, ба ҳуқуқи давлате гузорад, ки он дар ҳудуди он қарор дорад. Интихоби ин қонун, агар дар лаҳзаи марг – шахс чунин изҳорот намояду дар қаламрави давлати дахлдор набошад, беэътибор мебошад.

Ҳамзамон, қонуни нави Полша аз соли 2011 «Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» дар масъалаҳои мерос пайвасти коллизионии «ҳуқуқи давлати шаҳрвандии меросгузор»-ро (қ. 2 м. 64) нигоҳ дошта бошад ҳам, аммо дар баъзе ҳолатҳои (қ. 1 м. 64) қонун имкон медиҳад, ки интихоби ҳуқуқ маҳдуд карда шавад. Аммо, бо мақсади мутобиқгардонии меъёрҳои қонунгузории Полша ба стандартҳои ягонаи Иттиҳоди Аврупо, моддаҳои 64-66-и Қонуни Полша дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ хориҷ карда шуда, моддаи 66 (а) бо мазмуни зерин ворид карда шуд: ҳуқуқе, ки нисбати масъалаҳои мерос татбиқ мегардад, тибқи Регламенти Парлумони Аврупо ва Шурои Иттиҳоди Аврупо аз 4 июли соли 2012, №650/201 оид ба юрисдиксия, ҳуқуқи татбиқшаванда, эътироф ва иҷрои қарорҳо, қабул ва иҷрои ҳуҷҷатҳои расмӣ оид ба масъалаҳои мерос, инчунин таъсиси Шаҳодатномаи аврупоӣ оид ба мерос муқаррар карда мешавад (таҳрири соли 2015) [235].

Ҳангоми таҳлили масъалаи додани Шаҳодатномаи аврупоии мерос, ки дар Регламент пешбинӣ шудааст, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Он имкон медиҳад, ки қарорҳо ва санадҳои нотариалӣ дар соҳаи мерос эътироф шаванд ва таъсиси Шаҳодатномаи аврупоии меросро пешбинӣ мекунад.

Аз ҷумла, Шаҳодатномаи аврупоии мерос, ки тибқи Регламенти мазкур тартиб дода шудааст, бояд санади ҳуқуқии амалкунанда барои ба қайд гирифтани ҳуқуқ ба молу мулке, ки ба мерос мегузарад, дар феҳристи ҳуқуқи як кишвари узви Иттиҳоди Аврупо ба қайд гирифта шуда бошад. Ин набояд

ба бақайдгиранда монеа шавад, ки аз шахсе, ки барои бақайдгирӣ мурочиат мекунад, маълумоти иловагӣ ё ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб намояд, ки тибқи ҳуқуқи кишвари узви Иттиҳоди Аврупо заруранд, масалан, маълумот ё ҳуҷҷатҳое, ки пардохти бочи гумрукиро тасдиқ мекунанд. Мақоми салоҳиятдор метавонад ба чунин шахс шарҳ диҳад, ки чӣ гуна маълумот ё ҳуҷҷатҳои нокифоя метавонанд пешниҳод шаванд. Шаҳодатнома барои истифода аз ҷониби ворисони тибқи қонун, ворисони тибқи васиятнома, ки ҳуқуқи бевосита ба мерос доранд, инчунин иҷрокунандагони васият ва мудирони молу мулки мерос пешбинӣ шудааст, ки бояд мақоми худро дар кишвари дигаре, ки дар доираи Иттиҳоди Аврупо қарор дорад, тасдиқ намоянд ё ҳуқуқи худро ҳамчун ворис тибқи қонун ё васият, ё ваколатҳои худро ҳамчун иҷрокунандаи васият ё мудири мерос амалӣ намоянд [232].

Ҳуқуқи давлате, ки меросгузор шаҳрванди он буд, ҳамчун қонуни шахсӣ барои танзими муносибатҳои меросӣ бештари давлатҳо истифода мебаранд, аз ҷумла Юнон, Олмон, Ҷопон, Италия, Полша, Австрия, Маҷористон, Шветсия, Чехия, Словакия, Финляндия ва ғайра. Аммо, баъзе давлатҳо барои муайян кардани ҳуқуқи давлати шаҳрвандӣ сохторҳои мураккабро истифода мебаранд, масалан агар васияткунанда шаҳрвандии ду ё зиёда давлатро дошта бошад. Дар ин маврид барои танзими муносибатхои меросӣ ҳуқуқи давлате, ки васияткунанда дар он маҳалли истиқомати доимӣ дошт, татбиқ карда мешавад. Агар муайян кардани чунин ҳолат имконнопазир бошад, ҳуқуқи давлате татбиқ мегардад, ки васияткунанда бо он робитаи наздиктар дошта бошад. Аммо агар яке аз шаҳрвандони меросгузор шаҳрванди давлате бошад, ки дар он мерос кушода шудааст, он гоҳ қонуни татбиқшаванда қонуни он давлат мебошад.

Қонуни Швейтсария дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ қонуни меросро дар асоси ҷойи истиқомати васияткунанда дар вақти марг муайян мекунад. Масалан, агар васияткунандаи фавтида дар Швейтсария ҷойи истиқомати доимӣ дошта бошад, он гоҳ тартиби меросро қонунгузории Швейтсария муайян мекунад (б. 1 м. 90). Дар ҳолате, ки васияткунанда танҳо

шаҳрванди хориҷӣ бошад, ӯ метавонад мувофиқи қонунҳои давлати шаҳрвандии худ тартиби меросро муқаррар намояд (қ. 2 м. 90). Агар шаҳрванди Швейтсария дар қаламрави давлати хориҷӣ фавтида бошад, он гоҳ ҳуқуқии коллизионии давлати ҷойи истиқомати охирин татбиқ мешавад (қ. 1 м. 91). Инчунин, «қонуни ҷойи истиқомати охирин» низ ба қонунгузории Перу хос аст. Кодекси мадании ин кишвар пешбинӣ мекунад, ки ворисии ҳуқуқи меросӣ дар асоси қонуни кишваре сурат мегирад, ки меросгузор дар қаламрави он қарор дошт. Маҳалли ҷойгиршавии моликият аҳаммият надорад. Дар мавриди «қонуни шаҳрвандӣ» (масалан, дар қонунгузории Кореяи Ҷанубӣ ва Олмон татбиқ карда мешавад) дар ин ҷо мушкилот вуҷуд дошта метавонад. Шахс метавонад бешаҳрванд бошад, шаҳрвандиро иваз кунад ё душаҳрвандӣ дошта бошад. Дар Ҷопон, дар ин мавридҳо, масъала бо қонуни давлате, ки дар он шахс ҷойи истиқомат дорад татбиқ карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани ин ҳолат ҳуқуқи давлате, ки шахс бо он бештар алоқаманд аст, татбиқ мегардад [216, с. 15].

Танзими коллизионии масъалаҳои мерос дар кишварҳои пасошуравӣ одатан ба татбиқи «қонуни давлати маҳалли иқомати охирини меросгузор» вобаста аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар васияткунанда қонуни давлати шаҳрвандии худро интихоб накарда бошад. Масалан, пайвасти коллизионӣ бо «ҳуқуқи давлати маҳалли истиқомати охирини меросгузор» дар Кодекси мадании Арманистон (м. 1292) пешбинӣ шудааст, марбут ба «ҳуқуқи давлати охирини ҷойи истиқомати доимии меросгузор» ҳамчунин дар кодексҳои мадании Тоҷикистон (м. 1346), Қазоқистон (м. 1121), Узбекистон (м. 1197), Қирғизистон (м. 1206) пешбинӣ шудааст. Масалан, тибқи м. 1346 Кодекси мадании ҶТ «Муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он меросгузор охирин маҳалли истиқомати доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад» [3].

Меросро ҳамчун ҳуқуққабулкунии универсалӣ (successio in universum), ки ҳангоми мерос моликияти шахси вафоткарда (меросгузор) ба шахс

(шахсон)-и дигар – меросгир (меросгирон) бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ дар намуди бетағйир ҳамчун як маҷмуи том ва дар ҳамон як лаҳза мебошад, эътироф мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ, мо метавонем ду намуди пайвасти коллизиониро муайян кунем, ки онҳоро ба масъалаҳои мерос татбиқ кардан мумкин аст, аз ҷумла: «ҳуқуқи давлати шаҳрвандӣ» (lex patriae) ва «қонуни давлати истиқомат» (lex domicilii). Дар баробари ин баъзе давлатҳо низоми омехтаи қонуни шахсӣ доранд (Австрия, Венгрия ва ғ.).

**Маҳалли кушодани мерос** – маҳалли охирини зисти меросгузор мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи умумии коллизиониро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он муносибатҳои меросӣ тибқи қонуни давлате, ки маҳалли охирини зисти меросгузор мебошад, ба танзим дароварда шаванд [124, с. 550].

Агар маҳалли зисти охирини меросгузор номаълум бошад, пас маҳалли кушодани мерос маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқули ба меросгузор дахлдошта ё қисмати асосии он ва ҳангоми набудани молу мулки ғайриманқул – маҳалли воқеъ гардидани қисми асосии молу мулки манқул эътироф карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор вобаста ба ҷойи истиқомат одатан ду истилоҳро истифода мебарад: «ҷойи истиқомат» ва «ҷойи зисти доимӣ». Маҳалли истиқомат ҷое эътироф мегардад, ки шахси воқеӣ доимӣ ё бештар дар он зиндагӣ мекунад. Бояд ҷойи кушодани мерос ҷойи охирини истиқомати доимии меросгузор бошад. Ҳамзамон бояд ҳисоб карда шавад, ки ҷойи иқомати шахси воқеӣ, агар дар қонун тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, суроғаи бақайдгирии ӯ мебошад. Мафҳуми истилоҳи «ҷойи истиқомати доимӣ» дар м. 53 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» [8] ва дар б. 25. м. 10 Кодекси гумруки ҶТ [7] истифода гардидааст.

Маҳалли истиқомати доимӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф мешавад: истиқомати шахси воқеӣ на камтар аз як сол дар қаламрави ягон давлат;

набудани иқомат дар қаламрави дигар давлатҳо; нияти шахси воқеӣ барои иқомат дар қаламрави ин давлат ба муддати номаҳдуд; истиқомати шахси воқеиро бо мақсади муайян маҳдуд кардан мумкин нест; иқомати шахси воқеӣ натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё уҳдадориҳои тибқи шартнома (қарордод) намебошад.

Дар ин замина мо чунин андеша дорем, ки чунин таърифро нисбат ба масъалаҳои мерос бо унсури хориҷӣ татбиқ кардан мумкин нест, зеро он асосҳо ва меъёрҳои асосиеро дар бар намегирад, ки мазмуни мафҳуми «маҳалли истиқомати охирини васияткунанда»-ро ифода намояд. Чун қоида, ин масъала дар соҳаи фаъолияти иқтисоди берунӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Қоидаҳои коллизионии ягона дар соҳаи мерос дар шартномаҳои байналмилалии дуҷониба оид ба ёрии ҳуқуқӣ, ки Тоҷикистон бо бисёр давлатҳои хориҷӣ бастааст, мавҷуд мебошанд.

Конвенсияи Гаага аз соли 1989 оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба мероси шахсони вафоткарда, ки аз тибқи он қонуне, ки нисбат ба мероси шахсони фавтида татбиқ мешавад, ки ба муайян кардани муҳлат марбут аст, ки васияткунанда дар кишвари хориҷӣ ҷойи истиқомати доимӣ дорад, дониста мешавад. Аз ҷумла, тибқи Конвенсияи мазкур, масъалаи мерос тибқи қонуни давлате ҳал карда мешавад, ки васияткунанда ҳангоми маргаш дар он ҷойи истиқомати доимӣ дошт, ба шарте ки ӯ дар ин давлат на камтар аз 5 сол бевосита пеш аз марг истиқомат дошта бошад [18].

Ба ақидаи мо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудани мафҳуми «маҳалли охирини истиқомати доимии меросгузор» комилан асоснок ва қобили қабул мебошад. Сараввал, мафҳуми мазкур бевосита дар Конвенсия аз 1 августи соли 1989 оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба мероси шахсони вафоткарда истифода шуда, он мафҳум ва моҳияти маҳалли истиокмати доимии меросгузорро ба шарт ва хусусиятҳои хос муқаррар менамояд.

Ба андешаи мо, маҳалли истиқомати охирини доимии меросгузор бояд бо аломатҳои зерин хос бошад: иқомати доимии шахси воқеӣ (васияткунанда) дар қаламрави давлати хориҷӣ дар давоми на камтар аз панҷ соли бевосита то фавташ; мавҷуд будани робитаи оилавӣ ва (ё) иҷтимоии шахси воқеӣ (васияткунанда) бо ин давлат; мавҷудияти асосҳо барои истиқомати доимии шахси воқеӣ (васияткунанда) дар қаламрави ин давлат (шаҳодатнома дар бораи истиқомати доимӣ дар давлати хориҷӣ).

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши масъалаи болозикр пешниҳод менамоем, ки дар м. 1346 КМ ҶТ ба мафҳумҳои: «ҷойи истиқомат», «ҷойи истиқомати доимии охирин» тағйирот илова карда, дар таҳрири зайл таҳия шавад: «маҳалли истиқомат – ин ҷойи истиқомати шахси воқеӣ дар қаламрави давлати хориҷӣ, ҳангоми дар ҳудуди давлати дигар доштани ҷойи истиқомати доимӣ»; «охирин маҳалли истиқомати доимӣ – ҷойи истиқомати шахс дар ҳудуди давлат на камтар аз панҷ сол бо шартҳои зерин мебошад: набудани истиқомати доимӣ дар кишварҳои дигар; мавҷудияти асосҳои қонунӣ барои истиқомати доимӣ дар ин давлат, доштани робитаҳои устувори оилавӣ ва иҷтимоӣ; ҷой надоштани маҳдудияти чунин истиқомат бо мақсади муайян; чунин иқомат натиҷаи аз ҷониби ин шахс иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё уҳдадориҳои тибқи шартнома (қарордод) гирифташуда набудан». Маҳз таърифи ҳуқуқии мафҳумҳои охирин барои пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофҳои муайяне, ки дар амалия дар натиҷаи татбиқи қоидаҳои коллизонии қонунӣ ба вуҷуд меоянд, мусоидат мекунад.

Дар муносибатҳои меросии байналмилалӣ меросгузор шахси асосие мебошад, ки қонунгузории кишварҳо дар соҳаи ҲБХ ва шартномахои байналмилалӣ халли мушкилоти танзими коллизионии масъалаҳои мерос ва муайян кардани ҳуқуқи татбиқшавандаро бо он алоқаманд мекунанд. Меъёрҳои асосии муайян кардани қонуне, ки нисбат ба мерос бо унсури хориҷӣ татбиқ мегардад, шаҳрвандии меросгузор (дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории давлат ё ҳангоми интихоби чунин ҳуқуқ аз

ҷониби меросгузор дар васиятнома) мебошад ва маҳали истиқомати доимии охирин.

Бояд тазаккур намуд, ки бо интихоби ҳуқуқ дар асоси меъёрҳои марбут ба шахсияти меросгузор танзими коллизионӣ ба анҷом мерасад. Масъалаҳои вобаста ба навъҳои мерос, шахсоне, ки ба мерос ҳуқуқ доранд ва онҳо ҳуқуқи меросиро амалӣ менамоянд, тибқи қонуни кишвари интихобшуда ҳал карда мешаванд. Мерос аз рӯйи усули мероси универсалӣ тибқи қонунгузории тамоми давлатҳо аз меросгузор ба ворисон мегузарад. Ворисҳо шахсони асосӣ мебошанд, ки аз лаҳзаи кушода шудани мерос ба онхо ҳуқуқи мерос дода мешавад. Бо вуҷуди ин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳам ба таснифи ворисон ва ҳам вазъи ҳуқуқии онҳо таъсир расонанд. Ворисҳо аз рӯйи намудҳои мерос ба инҳо тақсим мешаванд: ворисон тибқи қонун ва ворисон тибқи васиятнома. Танҳо шахсони воқеӣ ворисй қонунӣ буда метавонанд. Доираи ворисон тибқи қонун ва тартиби қабули мерос бо қонуни давлати маҳалли кушода шудани мерос муайян карда мешавад. Ворисони қонунӣ ҳам шаҳрвандони давлате, ки дар он мерос кушода шудааст, инчунин хориҷиён, шахсони бешаҳрванд ва шахсони дорои душаҳрвандӣ буда метавонанд. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун ворисон тибқи қонунгузории миллии давлате, ки дар он мерос кушода шудааст, муайян карда мешавад.

Зери принсипи реҷаи миллӣ баробар донистани шаҳрвандони хориҷӣ, ашхоси бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии дохилӣ аз лиҳози ҳуқуқу уҳдадориҳо фаҳмида мешавад. Азбаски ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ҳамон ҳуқуқҳо ва имтиёзҳо татбиқ мешаванд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии маҳаллӣ дар он кишвар аз онҳо бархӯрдор ҳастанд, ҳамаи онҳо дар мавқеи баробар қарор мегиранд [204, с. 71-73]. Принсипи реҷаи миллӣ метавонад ҳам дар қонунгузории дохилӣ ва ҳам дар созишномаҳои байналмилалӣ муқаррар карда шавад.

Моҳияти принсипи реҷаи миллӣ дар қисми 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» оварда шудааст [9].

Принсипи «реҷаи миллии ҳуқуқӣ» бо принсипи баробарӣ, ки дар ҳамаи шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, принсипи баробарӣ, ки дар шартномаҳои байналмилалӣ оид ба кумаки ҳуқуқӣ муқаррар шудааст, чунин маъно дорад, ки ворисоне, ки ба шаҳрванди давлати хориҷӣ дар муносибатҳои меросӣ ҳастанд, баробари шаҳрвандони худ ҳуқуқ доранд. Аммо дар баъзе шартномаҳои байналмиллалӣ оид ба ёрии ҳуқуқӣ татбиқ намудани принсипи реҷаи миллӣ нисбат ба муносибатҳои меросӣ пешбинӣ шудааст. Ба ин муносибат ба муносибати байни «принсипи баробарии ҳуқуқҳо дар муносибатҳои меросӣ» ва «принсипи реҷаи миллӣ дар мерос» диққат додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки шартномаҳои байналмилалӣ принсипи баробарӣ дар соҳаи меросро бо тарзҳои гуногун ошкор мекунанд, аз ҷумла:

– бо роҳи баробари шаҳрвандон ба хориҷиён додани ҳуқуқҳои якхела дар соҳаи мерос (баробаркунӣ дар мерос);

– бо пешниҳод намудани «реҷаи миллӣ» ба хориҷиён дар ин маврид қобилияти меросгирии онҳо дар асоси меъёрҳои қонунгузории миллии меросгузор муайян карда мешавад;

– бо роҳи дар шартномаи байналмилалӣ муқаррар намудани маҳдудиятҳои муайян дар соҳаи амалисозии қобилияти ҳуқуқии меросӣ, яъне муқаррар намудани истисноҳо ба принсипи умумии баробарӣ дар муносибатҳои меросӣ.

Доираи ворисон аз рӯйи қонун дар қонунгузории ҳам Тоҷикистон ва ҳам давлатҳои хориҷӣ ба таври возеҳ муайян карда шудааст. Ҳар як давлат мустақилона чунин меъёрҳоро муайян мекунад ва доираи ворисонро тибқи қонун муқаррар мекунад, инчунин шумораи навбатҳоеро, ки барои мерос

даъват карда мешаванд, муайян мекунад. Аксарияти давлатҳои Аврупо меъёри муносибатҳои хешутаборӣ, яъне дараҷаи равобити хунии байни васияткунанда ва ворисонро ҳамчун асос қабул карданд. Мувофиқи ин яке аз зану шавҳаре, ки аз меросгузор зинда мондааст, дар баробари ворисони тартиби дахлдор, ки ҳуқуқи меросро доранд, мерос мегирад.

Мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон, қонуни кишваре, ки васияткунанда ҳангоми таҳияи васиятнома истиқомат дошт, қобилияти ӯ барои иҷро ё бозхонди ҳуҷҷат ва шакли онро танзим мекунад. Истисно ин аст, ки агар васияткунанда қонуни кишвари шаҳрвандии худро мустақиман интихоб карда бошад. Васиятнома ё бекор кардани он аз рӯйи шакли он беэътибор дониста намешавад, агар он ба шартҳои зерин мувофиқат кунад: қонуни маҳалли тартибдиҳӣ, ё қонунгузории Тоҷикистон (м. 1347 КМ ҶТ ).

Мероси молу мулки ғайриманқул тибқи ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷойгир аст ва молу мулк аз феҳристи давлатии Тоҷикистон тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳамин қонун қобилияти васияткунанда ва шакли васиятномаро барои чунин амвол танзим мекунад. Мутобиқи Конвенсияи Минск, қобилияти шахс барои тартиб додан ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва бекор кардани он тибқи қонунгузории кишваре муайян карда мешавад, ки васияткунанда ҳангоми тартиб додани васият дар он ҷо истиқомат менамуд. Аммо васиятнома ё бекор кардани он бинобар риоя накардани шакл беэътибор дониста шуданаш мумкин нест, агар он ба талаботи қонуни маҳалли тартибдодашуда ҷавобгӯ бошад (м. 1347).

Дар натиҷаи таҳлили санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ватанӣ ва давлатҳои алоҳида ба чунин натиҷа расидан муҷоз мебошад, ки фароянди ҳуқуқии меросро се марҳила ташкил менамояд. Марҳилаи якум бо пайдоиши худи ҳуқуқи мерос аз рӯйи қонун алоқаманд аст. Ҳуқуқи мерос аз рӯйи қонун дар рӯзи кушода шудани мерос, аз ҷумла дар натиҷаи фавти шахс ё эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи фавтида эълон шудани ӯ ба вуҷуд меояд. Марҳилаи дуюм бевосита бо имконияти амалӣ намудани

ҳуқуқи мерос аз рӯйи қонун алоқаманд аст. Марҳилаи сеюм пас аз ба охир расидани муҳлати қабули мерос оғоз гардида, бо ҳуқуқи ворисӣ гирифтани шаҳодатномаи мерос алоқаманд аст.

Тибқи м. 1279-и Кодекси мадании ҶТ фарзандониноболиғ ё корношоями меросгузор, ҳамчунин падару модарон, ҳамсари корношоями ӯ, инчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодашавии мерос зинда таваллудшуда, сарфи назар аз мазмуни васиятнома на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми меросгирӣ тибқи қонун тааллуқ дошт, мерос мегиранд. Ин ҳуқуқ ба шахсони маъюб низ дахл дорад (м. 1278). Саҳми ҳатмӣ аввал аз молумулки мероснашуда ва дар сурати кам будани он аз молумулки меросӣ, ҳатто агар ин ба манфиати ворисони дигар халал расонад, ҷудо карда мешавад. Ба ҳисоби ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки ворисон аз мерос гирифтаанд, аз ҷумла арзиши васиятномаҳо ба фоидаи ӯ ворид мешаванд. Маҳдудиятҳои дар васиятнома зикргардида танҳо ба қисми меросе, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд аст, татбиқ мешаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмӣ дар меросро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла тибқи муқаррароти банди 19 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2009, №29 Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба татбиқи қонунгузории ҳуқуқ ба мерос (бо тағйироте, ки бо қарори Пленум аз 14 июни соли 2018, №35 ворид гардидааст) новобаста аз мазмуни васиятнома, фарзандони бабалоғатнарасида ва ғайриқобили меҳнати васиятгар ва ҳамчунин падару модар (падархонду модархонд), ҳамсари ғайри қобили меҳнат сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми мероси қонунӣ (ҳиссаи ҳатмӣ) тааллуқ дошт, мерос мегиранд. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки номгӯи шахсоне, ки ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ доранд ва дар моддаи 1171-и КГ қайд гардидаанд, қатъӣ мебошад [240, с. 74].

Дар сурати вайрон гардидани ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ доштани ворисон, суд метавонад васиятномаро дар қисми ҳиссаи ҳатмӣ беэътибор эътироф

намояд. Набера ва аберахо новобаста аз он ки аз рӯйи ҳуқуқи пешниҳод меросгир мебошанд, дар сурати ғайриқобили меҳнат буданашон ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи ҳатмиро надоранд, зеро гирифтани ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмиро танҳо ворисони навбати якум доранд. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки андозаи ҳиссаи ҳатмиро қонун муқаррар намудааст. Аз ин лиҳоз, васиятгар ҳуқуқ надорад онро тағйир диҳад ё ба тариқи дигар ба ҳуқуқҳои меросгирии ворисон нисбати ҳиссаи мазкур таъсир расонад. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки ҳангоми ҳисобӣ намудани ҳиссаи ҳатмӣ дар сурати мавҷуд набудани васиятнома ҳамаи ворисони қонунии ҳамон навбат, ки ба меросгирӣ пешниҳод гардидаанд, ба инобат гиранд. Ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки ворис ба чунин ҳисса ҳуқуқдошта дар ин ё он асос мегирад, аз ҷумла арзиши молу мулк, ки аз ашёю анҷоми хона ва асбоби рӯзгор иборат аст ва арзише, ки ба фоидаи чунин ворис супориши васияткунандаи мерос муқаррар карда буд, ҳисоб карда мешавад. Ҳама гуна маҳдудкунӣ ва вазнинкунӣ, ки дар васиятнома барои ворисӣ ба ҳиссаи ҳатмии мерос ҳуқуқдошта муқаррар гардидааст, танҳо ба он ҳиссаи меросӣ ба ҳисоби ӯ гузаранда дахл дорад, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд мебошад. Агар ворис ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳуқуқдошта молу мулки меросиро дар муҳлати муқарраргардида қабул накунад ё аз мерос даст кашад, он гоҳ молу мулк ба ворисон аз рӯйи васиятнома мегузарад. Ҳангоми вайрон гардидани ҳуқуқи ворисони ҳиссаи ҳатмидошта, суд масъалаи беэътибор донистани васиятномаро танҳо дар ҳамон қисме, ки ҳиссаи ҳатмиро ташкил медиҳад, баррасӣ менамояд [240, с. 74].

Таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи тақсими мерос миёни ворисон, ки шаҳрвандии давлати хориҷиро доранд, ҷолиби диққат аст. Масалан, Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе парвандаи оилавӣ бо даъвои Р.Р.Ж., Ф.Мав.М. ва Ф.Маф.М. дар намояндагии Х.Н.А. бо ҷавобгарии Ф.Мақ.М. ва ворис ҳуқуқии Ф.Т.М. – Ф.Мақ.М., ҳамҷавобгарии Д.Ш.Я. ва шахси сеюм муассисаи давлатии «МБ ва ИФМ»-и МИҲД ш. Душанбе дар бораи ворид намудани ислоҳот ба манзилнома, моликияти

умумӣ эътироф намудани манзили истиқоматӣ, муайян намудани ҳиссаи моликӣ ва меросӣ, тариқи пулӣ рӯёнидани он, кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ бидуни додани дигар манзили истиқоматӣ ва талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳои аслии манзили истиқоматӣ ва аризаи даъвогии муқобили даъвои Ф.Мақ.М. ва ворисӣ ҳуқуқӣ (васӣ)-и Ф.Т.М. – Ф.Мақ.М. бо ҷавобгарии Р.Р.Ж., Ф.Мав.М., Ф.Маф.М. ва шуъба-хонаи ақди никоҳи ш. Душанбе дар бораи рад намудани аризаи даъвогӣ, беэътибор эътироф намудани ақди никоҳ, қисман беэътибор эътироф намудани манзилнома (ордер), моликияти умумӣ эътироф намудани манзили истиқоматӣ ва тақсими амволи меросиро баррасӣ намуда, бо ҳалномаи Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе аризаи даъвогии Р.Р.Ж., Ф.Мав.М. ва Ф.Маф.М. дар намояндагии Х.Н.А. бо ҷавобгарии Ф.Мақ.М. ва ворисӣ ҳуқуқии Ф.Т.М. – Ф.Мақ.М., ҳамҷавобгарии Д.Ш.Я. ва шахси сеюм муассисаи давлатии «МБ ва ИФМ»-и МИҲД ш. Душанбе дар бораи ворид намудани ислоҳот ба манзилнома, моликияти умумӣ эътироф намудани манзили истиқоматӣ, муайян намудани ҳиссаи моликӣ ва меросӣ, тариқи пулӣ рӯёнидани он, кӯчонидан аз манзили истикоматӣ бидуни додани дигар манзили истиқоматӣ ва талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳои аслии манзили истиқоматӣ қонеъ карда шуда, ба манзилномаи №018357, аз 02 июни соли 2009 вобаста ба манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/2, ҳуҷраи 13 тағйирот ворид карда шуда, дар паси он дар қисмати ҳайати оила дар сархати якум истилоҳи «Рӯзиева Л.Ш.» ба «Рӯзиева Р.Ж.» ва дар сархати панҷум истилоҳи «писар» ба «духтар», «Файзиев М.» ба «Файзиева М.» ва соли таваллуд аз «1997» ба «1998» ислоҳ карда шуда, манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/2, ҳуҷраи 13 бо ҳиссаҳои баробар 1/5 ҳисса моликияти умумии марҳум Ф.Маҳ.А, Р.Р.Ж., фарзандонаш Ф.Мав.М., Ф.Маф.М. ва марҳум Ф.Т.М. эътироф карда шуда, ҳиссаи меросӣ ва моликии Р.Р.Ж., Ф.Мав.М., Ф.Маф.М. дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/2, ҳуҷраи 13 ба ҳиссаҳои баробар 6/25 ҳисса аз ҳар

кадомаш (тариқи пулӣ 157 200 (яксаду панҷову ҳафт ҳазору дусад) сомонӣ аз ҳар кадомаш ҷамъ 471 600 сомонӣ) ва ҳиссаи меросии Ф.Мақ.М. 7/25 ҳисса ва тариқи пуллӣ 183 400 (яксаду ҳаштоду се ҳазору чорсад) сомонӣ муайян карда шуда, аз ҳисоби Р.Р.Ж., Ф.Мав.М. ва Ф.Маф.М. ба фоидаи Ф.Мақ.М. ҳиссаи меросиаш тариқи пулӣ ба андозаи 183 400 сомонӣ тариқи муштарак рӯёнида шуда, Ф.Мақ.М. ва Д.Ш.Я.бо ҳамроҳии аъзои оилааш аз манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/2, ҳуҷраи 13 бидуни додани дигар манзили истиқоматӣ кӯчонида шуда, ҳуҷҷатҳои аслии манзили истиқоматии воқеъ дар ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 13/2, хучраи 13, ки аз дасти Ф.Мақ.М. гирифта шудаанд, ба Р.Р.Ж., Ф.Мав.М. ё Ф.Маф.М. баргардонида шудаанд. Аризаи даъвогии муқобили даъвои Ф.Мақ.М. ва вориси ҳуқуқӣ (васӣ)-и Ф.Т.М. – Ф.Мақ.М. бо ҷавобгарии Р.Р.Ж., Ф.Мав.М., Ф.Маф.М. ва шуъба-хонаи ақди никоҳи ш. Душанбе дар бораи рад намудани аризаи даъвогӣ, беэътибор эътироф намудани ақди никоҳ, қисман беэътибор эътироф намудани манзилнома (ордер), моликияти умумӣ эътироф намудани манзили истиқоматӣ ва тақсими амволи меросӣ бинобар сабаби беасос буданаш рад карда шудааст [246].

Ҳиссаи ҳатмӣ аз нисфи ҳиссае иборат аст, ки дар ҳолати мерос аз рӯйи қонун ба ҳар кадоми онҳо тааллуқ дорад. Ҳуқуқи меросии давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки дар мундариҷаи васиятнома на танҳо ихтиёрдории амвол, балки эътирофи кӯдаки ғайриқонунӣ, таъини васӣ ба ноболиғ ё иҷрокунандаи васиятнома пешбинӣ карда шавад.

Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос дар қонунгузории Италия низ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи моддаи 536 ва моддаҳои минбаъдаи Кодекси граждании Италия, гурӯҳи муайяни шахсон ҳуқуқи тағйирнопазир барои гирифтани ҳиссае аз мерос доранд, ҳатто агар дар васият зикр нашуда бошанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: ҳамсар; падару модар, фарзандон, наберагон; шахсони фарзандхондшуда ва фарзандхондкунанда [52].

Дар мавриди мерос аз рӯйи қонун бошад, дар қонунҳои давлатҳои гуногун дар муайян кардани доираи ашхосе, ки ҳуқуқи гирифтани мерос доранд, гуногунрангии зиёд дорад. Умуман дар ду низоми асосии ҳуқуқи меросӣ ҷой дорад:

1. Низоми римӣ – дар асоси тақсимоти ворисон ба сатрҳои пастшаванда, болоравӣ ва паҳлуӣ, синфҳо, навбатҳо ва мартабаҳо асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар Фаронса чаҳор категорияи ворисон аз рӯйи қонун вуҷуд доранд: якум – хешовандони авлоди васияткунанда (фарзандон, наберагон ва ғ.); дуюм – падару модари васияткунанда – бародарон, хоҳарон ва авлоди онҳо; сеюм – тамоми дигар хешовандони болоравии васияткунанда (бобо, бибӣ, бобои бузург ва ғ.); чорум – дигар хешовандон (амак, амакбача, хоҳар, амма ва ғайра).

Тибқи қонунгузории Италия тақсими молу мулки шахси фавтида ба ҳиссаҳо байни ворисони қонунии ӯ анҷом дода мешавад: ҳам дар ҳолати мавҷуд будани васият; ҳам дар ҳолати набудани он.

Ҳамсари зиндамонда ҳатто агар дар васият зикр нашуда бошад, ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи ҳатмӣ дорад. Ҳамсар метавонад дар хонае, ки ҳамчун манзили оилавӣ истифода мешуд, зиндагӣ кунад ва аз тамоми ошёи он истифода барад, новобаста аз он, ки хона ба номи кӣ буд.

Гурӯҳҳои асосии ворисони қонунӣ дар Италия: ҳамсар; фарзандон; агар фарзандон набошанд – падару модар ва бобову модаркалонҳо [52].

Мувофиқи қонуни Руминия агар шахс фарзанд надошта бошад, падару модар, бародарон, хоҳарони фавтида мерос мегиранд; дар сурати набудани онҳо – бобо, бибӣ ва ғайра. Ҳамсари дар ҳаётбуда танҳо дар сурати мавҷуд набудани хешовандони ба дараҷаи чорум наздиктар мустақилона ва алоҳида мерос мегирад [231].

Кодекси мадании ҶТ рӯйхати ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсонеро, ки ба таркиби мерос дохил намешаванд муайян мекунад. Маблағҳое, ки барои мерос ба ворисони хориҷӣ пардохта мешаванд, бе монеа аз Тоҷикистон интиқол дода мешаванд. Интиқоли молу мулки меросӣ аз сарҳад бо

назардошти маҳдудиятҳои воридот ва содироти ашё аз сарҳади гумрукӣ, ки қонунгузории ҷорӣ муқаррар кардааст, сурат мегирад. Суд дар Тоҷикистон қонунҳои хориҷиро татбиқ мекунад, ҳатто агар дар чунин вазъият давлати хориҷӣ қонунҳои Тоҷикистонро татбиқ накунад. Истисно ҳолатҳое мебошанд, ки қонунгузории Тоҷикистон амали мутақобиларо талаб мекунад. Агар татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мутақобил бошад, он то собит нашудани тартиби дигаре тахмин карда мешавад.

Агар ворисони хориҷӣ дар маҳалли ҷойгиршавии мерос ҳузур надошта бошанд, онҳо барои қабули мерос ба сафорат ё консулгарии хориҷа ариза пешниҳод мекунанд. Ворисоне, ки дар муҳлати муқарраргардида ба нотариус дар бораи қабули мерос ариза пешниход накардаанд, онро қабул накарда эътироф мегардад. Аммо бо хоҳиши ворисе, ки муҳлати қабули меросро бо сабабҳои узрнок (гузаштан, беморӣ) гузаронидааст, бо ризоияти ворисони дигар, ё бо тартиби судӣ муҳлати пешниҳоди ариза ба идораи нотариалӣ мумкин аст, дароз карда шавад. То қабули мерос аз ҷониби ворисон ҳифзи молу мулки меросӣ аз ҷониби нотариуси маҳали кушода шудани мерос амалӣ карда мешавад.

Ҳуқуқҳои меросии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа дар робита ба марги шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар, кушодани мерос ва мавҷудияти амволи меросӣ дар хориҷа муносибатҳои меросиро ба вуҷуд меорад, ки дар асоси меъёрҳои коллизионии қонунгузории дохилии Тоҷикистон ё қоидаҳои шартномаҳои байналмиллалӣ танзим карда мешаванд.

Нисбат ба молу мулки ғайриманқул қонуни ҷойгиршавии амвол ва нисбат ба молу мулки манқул қонуни шаҳрвандии васияткунанда (ё қонуни ҷойи истиқомат) татбиқ мегардад. Агар, масалан, шаҳрванди ҶТ дар қаламрави давлати хориҷӣ фавтида бошад, амволи манқули ӯ ба консули ҶТ дода мешавад, то ки ӯ мувофиқи қонуни давлати худ муносибат намояд. Амволи ғайриманқул ба ҳуқуқи давлате тобеъ мебошад, ки он дар ҳудуди он ҷойгир аст. Аммо ҳангоми мерос гирифтани моликият дар баъзе кишварҳо ин

принсип риоя карда намешавад. Ҳамин тавр, тибқи Кодекси мадании Испания, мерос бо қонуни шаҳрвандии меросгузор, ки дар лаҳзаи марги ӯ муайян карда мешавад, новобаста аз хусусияти амвол ва давлате, ки дар он ҷойгир аст.

Ворисони хориҷӣ дар Тоҷикистон метавонанд моликиятро тибқи қонун ва васиятнома мерос гиранд, ё аз қабули мерос даст кашанд, аз рӯйи навбат ба мерос даъват карда шаванд. Принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон ва хориҷиён инчунин ба бастани созишномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба оид ба ёрии ҳуқуқӣ оварда мерасонад, ки шаҳрвандони ҳар як тарафҳои аҳдкунанда метавонанд дар қаламрави тарафҳои дигари аҳдкунанда моликият ё ҳуқукро тибқи қонун ё васиятнома дар шароити баробар бо шаҳрвандони тарафи аҳдкунанда мерос гиранд [20].

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи интихоби озоди маҳалли зист дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудааст ва мазмунаш дар ҳуқуқи шаҳрванд ҷиҳати озодона интихоб намудани маҳалли зист ифода меёбад, вале он дар доира ва бо риояи қонунгузории амалкунанда татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлил ва баррасии зербоби мазур ба хулосаи зайл расидан имконпазир мебошад:

– ҳамчун пайванди коллизионӣ татбиқ кардани «ҳуқуқи давлате, ки васияткунанда дар вақти вафот охирин ҷойи истиқомати худро дар он дошт» муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин пешбинӣ намудани имконияти татбиқи ҳуқуқи васияткунанда оид ба интихоби қонуни давлати шаҳрвандӣ, ки ба масъалаҳои мерос тааллуқ дорад, аз ҷумла ба васияткунанда имкон медиҳад, ки ҳамчун ҳуқуқи татбиқшавандаи мерос метавонад қонуни давлате, ки ӯ ҳангоми тартиб додани васиятнома шаҳрванди он аст, интихоб намояд;

– иштирокдорони муносибатҳои меросӣ бо унсури хориҷӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: иштирокдорони бевоситаи мероси байналмилалӣ; иштирокдорон (шахсоне), ки дар амалисозии ҳуқуқи мерос аз ҷониби ворисон дар соҳаи мероси байналмилалӣ саҳмгузоранд. Ба иштирокдорони

бевосита шахсоне дохил мешаванд, ки тибқи васиятнома ва ё қонун ворисон мебошанд.

## 3.2. Танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ

Дар асри XXI дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омада, дар ин замина ҳуқуқи байналмилалии оилавӣ пайдо шуд, ки он як соҳаи ҲБХ буда, «аз маҷмуи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалӣ иборат аст, ки муносибатҳои байналмилалии оилавиро танзим мекунанд, яъне танзимгари муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ мебошад» [105, с. 192-193; 154, с. 234-235; 156, с. 481-482; 162, с. 67-76].

Дар робита ба ин масъала академик М.А. Маҳмудзода нуқтаи назари ҷолибро баён менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки «Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, пайваст гардидан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи он эътироф гардидани Тоҷикистон, зери таъсири омилҳои ҷаҳонишавӣ қарор гирифтан ва воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони шаҳрвандӣ надошта ба Тоҷикистон, фароҳам овардани фазои ягонаи ҳуқуқӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон боиси он гардид, ки дар Тоҷикистон муносибатҳои нави ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ ташаккул ёбанд, ки ин омил ба ташаккули муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ низ бетаъсир намонд [107, с. 481].

Муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ – дар чунин ҳолатҳо ифода меёбад: яке аз иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад; бастани никоҳ дар муассисаҳои консулӣ байни шаҳрвандони як кишвар; иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ дар хориҷа иқомат намоянд; объекти ҳуқуқ дар хориҷа ҷойгир бошад (мисол, дар хориҷа ҷойгир будани молу мулки ғайриманқул, ки ба яке аз ҳамсарон тааллуқ дорад); ба вуқӯъ омадани факти ҳуқуқӣ дар хориҷа (дар мисоли бастани акди никоҳ дар хориҷа) ва ғайра [228, с. 146].

Ҳамасола пайдоиши муносибатҳои оилавӣ бо унсури хориҷӣ пайваста афзоиш меёбад. Ҳамин тавр, дар давраи аз соли 2017 то 2022 дар ҶТ зиёда аз 1008 чунин ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст [241]. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ дар муносибатҳои байни ҳамсарон, муносибат байни волидайн ва фарзандон зоҳир мегардад. Мазмуни муносибатҳои оилавиро муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии байни аъзоёни оила ва муносибатҳои молумулкӣ ташкил медиҳанд.

Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеии хориҷӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ дар фасли VIII Кодекси оилаи ҶТ танзим мегардад. Ин гурӯҳи қоидаҳои коллизионӣ ба доираи васеи муносибатҳои оилавӣ тааллуқ доранд. Аз ҷумла, бастани ақди никоҳ дар ҳудуди ҶТ (м. 167), ақди никоҳ дар намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ баста шудаанд (168), эътирофи никоҳе, ки берун аз ҳудуди ҶТ баста шудаанд (169), беэътибор донистан ва бекор кардани ақди никоҳ (170-171), ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиву молумулкӣ ва уҳдадориҳои зану шавҳар (172), муқаррар намудан ва рад кардани падархондӣ ва модархондӣ (173), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои волидон ва фарзандон (174), уҳдадориҳои алиментдиҳии фарзандони болиғ ва аъзои дигари оила (175), муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ (176).

Фасли VIII Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикитон номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд»–ро дорад, вале муқаррароти бисёри моддаҳои ин фасл ба вазъи ҳуқуқии оилавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 167-169), падидаи муқаррар кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ (м. 176), тартиботи оммавӣ (м. 177) дахл дорад, ки бо чунин назардошт ба фасли VIII Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои фаромилии оилавӣ» гузошта шавад, дар ин ҳол фарогирии моҳияту мазмуни фасли мазкур мебошад. Баъдан номи моддаи 177 Кодекси оилаи ҶТ «Маҳдудиятҳои истифодаи ҳуқуқи оилавии хориҷӣ»-ро дорад, вале мазмуни меъёрҳои моддаи мазкур

танҳо ба падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ тааллуқ дорад, зеро падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ на маҳдуд, балки татбиқи ҳуқуқи хориҷиро манъ менамояд. Бо чунин назардошт моддаи 177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ» ном гузоштан мувофиқи муқаррароти он аст, Масалан, «Кодекси оилаи ҶТ синну соли никоҳӣ ва ҳолатҳоеро, ки монеаи ақди никоҳ мегарданд, пешбинӣ кардааст. Аз ин рӯ, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти САҲШ, новобаста ба ягон ҳолат, набояд ақди никоҳи шахсони хориҷии ба синни никоҳӣ нарасидаро ба расмият дарорад» [107, с. 487].

Ё мисоли дигар дар бисёр кишварҳои Аврупо, аз ҷумла дар Дания, Норвегия, Шветсия, Голандия, Олмон, Фаронса [64, с. 29] ва баъзе штатҳои ШМА ақди никоҳ байни шахсони мутааллиқ ба як ҷинс раво медонанд, ки чунин ақди никоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ дар куҷо баста шуда бошанд ҳам, новобаста берун аз ҳудуди ҶТ баста шудаанду қонунгузории ҷойи бастани никоҳро риоя кардаанд дар ҳудуди ҶТ беэътибор дониста мешаванд, зеро чунин ақди никоҳ ба тартиботи оммавии ҶТ мухолиф аст [152, с. 213-222].

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони давлатҳои дигар дар қаламрави Тоҷикистон мувофиқи қонунгузории Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалӣ ақди никоҳ мебанданд ва ё онро бекор мекунанд. Мазмуни м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар менамояд, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Тоҷикистон баробари шаҳрвандони Тоҷикистон дар муносибатҳои оилавӣ аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд ва дорои уҳдадориҳои баробар мебошанд [9]. Дар баробари ин байни қонунгузории оилавии ҶТ ва қонунгузори оилавии давлатҳои хориҷа ихтилофҳои зиёд вуҷуд доранд, зеро меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон аз якдигар тафовут дошта, муттаҳидсозии онҳо хело душвор аст. Одатан

қоидаҳои дар як давлат қабул гардида, дар давлати дигар татбиқ намегарданд.

Мавриди зикр аст, ки бастани ақди никоҳ бо хориҷиён ҳанӯз аз замонҳои қадим ба назар мерасид. Никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ маҷмуи муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ буда, аз як тараф, ба хешутаборӣ асос ёфта ва ё ба эҷоди чунин хешутаборӣ нигаронида шуда бошанд, аз тарафи дигар хусусияти молумулкӣ доранд. Ислоҳоти санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои оилавиро танзим мекунанд, дар аксари кишварҳои пешрафта дар нимаи дуюми асри XX сурат гирифт. Дар ин давра принсипи баробарҳуқуқии зану шавҳар мустаҳкам гардид ва ба муносибатҳои молумулкии аъзоёни оила тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуд. Гузашта аз ин, тартиби бекор кардани ақди никоҳ сода гардида, ҳолати фарзандон беҳтар карда шуд. Ҳуқуқи оилавӣ дар ҳар кишвар ба таври назаррас аз якдигар тафовут доранд. Асосан чунин тафовутҳо ҳангоме ба назар мерасанд, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ шумораи зиёди масъалаҳои коллизионии қонунҳоро ба вуҷуд меоранд, ки бо истифода аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳал карда мешаванд.

Риоя накардани талаботи моддӣ боиси беэътибор донистани ақди никоҳ мегардад. Дар баробари ин, дар ҳар як давлат мавҷудияти талаботи моддии худ нисбати шахсони ба ақди никоҳ воридшаванда ба пайдоиши «муносибатҳои ноустувор (ланг)», ки дар ҳуқуқи давлатҳои гуногун баҳои гуногун гирифтаанд, мусоидат мекунад. Яъне дар як давлат эътиборнок дониста мешаванд, аммо дар давлати дигар беэътибор дониста мешаванд.

Ҳамин тавр, шартҳои моддии бастани ақди никоҳ мутобиқи моддаҳои 12-15 Кодекси оилаи ҶТ расидан ба синни никоҳӣ (барои занон ва мардон – 18 сол аст), розигии ихтиёрӣ, якникоҳӣ, ҷинсҳои гуногуни тарафҳо, инчунин мавҷуд набудани монеаҳои ақди никоҳ (масалан, мавҷудияти хешутабории бевоситаи шахсони ба ақди никоҳшаванда ва ғ.), муоинаи тиббии ҳатмии шахсони никоҳшаванда мебошанд. Дар қонунгузории давлатҳои вобаста ба

синну соли ақди никоҳи шахсоне, ки ақди никоҳ мекунанд, фарқияти зиёд ба назар мерасад.

Тибқи қонунгузории аксари давлатҳо синну сол метавонад дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрнок аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори дахлдор кам карда шавад (масалан, тибқи қонунгузории Италия, дар ҳолатҳои истисноӣ, синни никоҳӣ метавонад тибқи муқаррароти қонун ду сол кам карда шавад) [52].

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон (Фаронса, Британияи Кабир, ИМА, Россия, Узбекистон ва ғ.) ва бавижа дар Тоҷикистон ризоияти тарафҳои ақди никоҳ ҳатмӣ мебошад. Дар қонунгузории давлатҳои исломӣ ризогии тарафҳо (иқрор ва ризоият) дар бастани ақди никоҳ низ асоси воқеӣ ва сеҳеҳии ақди никоҳ мебошад. Масалан, дар Миср ва Урдун розигии ошкоро (дар шакли шифоҳӣ ва ё хаттӣ)-и издивоҷкунандагон зурур мебошад. Дар сурати маҷбурӣ ё зуроварӣ бастани ақди никоҳ беэътибор дониста мешавад. Дар давлатҳои Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Судон ва ғайра дар баробари ризоияти зан, ҳузури валӣ (падар ё шахси наздик) низ шарти никоҳ мебошад.

Талабот ба расмиёти никоҳ (талаботи расмӣ) низ тибқи қонунгузории давлатҳои гуногун комилан фарқ мекунанд:

а) танҳо шакли мадании бақайдгирии ақди никоҳ аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлат (Тоҷикистон, Украина, Россия, Олмон, Фаронса, Ҷопон ва ғайра) эътироф карда мешавад; ҳам шаклҳои шаҳрвандӣ ва динии ақди никоҳ дар кишварҳое мисли Британияи Кабир, Италия, Бразилия ва ғайра роиҷ мебошанд.

б) танҳо шакли динии ақди никоҳ қонунӣ мебошад, дар аксари давлатҳои мусулмонӣ (Ироқ, Эрон) ва инчунин дар Юнон, Лихтенштейн;

в) никоҳҳои аз рӯйи қонун бақайдгирифтанашуда иҷозат дода мешаванд. Дар ин ҳолат мавҷудияти баёни ихтиёрии ирода барои зану шавҳар шудан кофӣ аст. Барои муқоиса, бар асоси қонуни Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳамсароне, ки бе никоҳ якҷоя зиндагӣ мекунанд ба зиндон муҷозот мешаванд. Қоидаи умумӣ тибқи қонунгузории аксари давлатҳо ҳузури

ҳатмии шахсии ҳарду тараф дар вақти издивоҷ мебошад. Танҳо дар баъзе давлатҳо издивоҷ тавассути намоянда иҷозат дода мешавад (Перу, Испания, Мексика) талабот барои ҳузури шоҳидони болиғ (аз ду то шаш дар Олмон ва Шветсия; се шоҳиди мусалмон тибқи қонуни Ироқ). Қонунгузории баъзе давлатҳо зарурати гирифтани иҷозати пешакӣ аз мақомоти салоҳиятдори давлатӣ барои издивоҷ бо хориҷиён (Ироқ, Ҳиндустон, Норвегия, Шветсия) муқаррар мекунад.

Шартҳои бастан ва бекор кардани ақди никоҳ тибқи қонунҳои кишварҳои гуногун, чун қоида, якхелаанд. Тафовутҳо аз сабаби хусусиятҳои баъзе низомҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Мувофиқи моддаи 167-и Кодекси оилаи Тоҷикистон шакл ва тартиби бастани шартномаи ақди никоҳро қонунгузории миллӣ танзим мекунад. Шартҳои бастани ақди никоҳ дар ҳудуди Тоҷикистон барои ҳар як шахс тибқи қонунгузории кишвари шаҳрвандии ӯ ҳангоми издивоҷ бо назардошти талаботи қ. 3 м. 12 ва м. 14 КО ҶТ муайян карда мешавад. Агар шахс шаҳрванди Тоҷикистон ва давлати дигар бошад, меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон татбиқ мешаванд.

Дар адабиёти соҳавӣ зикр мешавад, ки «қонунгузории оилавӣ дар баробари ақди никоҳи муқаррарӣ ҳамчунин ақди никоҳи консулиро пешбинӣ менамояд. Ақди никоҳи мазкур байни шаҳрвандони Тоҷикистон дар намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои хориҷӣ фаъолият мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар асоси риояи шартҳои пешбининамудаи Кодекси оила баста мешавад» [107, с. 485].

Барои шахсони бешаҳрванд, шартҳои ақди никоҳ дар Тоҷикистон тибқи қонунҳои кишвари истиқомати доимии онҳо муайян карда мешавад. Эътироф шудани ақди никоҳ дар Тоҷикистон ба шаҳрвандии ҳамсарон бастагӣ дорад. Никоҳҳои шаҳрвандони Тоҷикистон (аз ҷумла ақди никоҳ бо хориҷиён ё шахсони бешаҳрванд), ки тибқи қонунҳои маҳаллӣ дар хориҷи кишвар баста

шудаанд, агар онҳо талаботи қонунгузории оилавиро вайрон накунанд, дар Тоҷикистон эътиборнок ҳисобида мешаванд. Имконияти бастани ақди никоҳи консулӣ вақте ба миён меояд, ки ҳарду шахс шаҳрвандии давлате, ки сафир ё консулро таъйин кардааст, дошта бошанд.

Тибқи м. 168 КО ҶТ шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷа зиндагӣ мекунанд, метавонанд дар намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Тоҷикистон издивоҷ кунанд. Издивоҷ байни шаҳрвандони хориҷие, ки дар Тоҷикистон дар намояндагиҳои дипломатии кишварҳои худ ба қайд гирифта шудаанд, дар Тоҷикистон дар асоси муносибатҳои мутақобила эътиборнок эътироф карда мешаванд, агар онҳо ҳангоми издивоҷ шаҳрвандони давлате бошанд, ки дипломат ё консули онро Тоҷикистон аккредитатсия кардааст.

Шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар метавонанд барои ба расмият даровардани ақди никоҳашон ҳангоми набудани намояндагони дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ ба мақомоти салоҳиятдори давлатии давлати хориҷии муқими худ муроҷиат намояд. Ақди никоҳи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ба расмият дароварда шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешавад, агар онҳо ҳангоми бастани ақди никоҳ муқаррароти қонунгузории оилавии давлати муқими худро риоя намуда бошанд ва дар ақди никоҳи онҳо монеаҳои ақди никоҳи бо қонунгузории оилавии Тоҷикистон пешбинӣ гардида ҷой надошта бошанд.

Муносибатҳои оилавӣ ҳамчун предмети ҳуқуқи оила сину сол, шартҳо, тартиби бастан, бекор намудан ва донистани ақди никоҳ, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкию молумулкии байни аъзоёни оила, шакл ва тартиби дар оилаҳо ҷойгир намудани кӯдакони ятим ва дигар масъалаҳоро ташкил медиҳанд [150, с. 186], ки бо назардошти анъанаҳои миллӣ дар кишварҳо ба таври гуногун муайян гардидаанд.

Дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ягонаи моддии ҳуқуқӣ усули коллизионии қонунҳо механизми асосии танзими муносибатҳои байналмилалии оилавӣ дар Тоҷикистон мегардад. Ба ғайр аз ин шартномаҳои

байналмилалӣ низ хислати коллизионии танзимӣ доранд, аз ҷумла Конвенсия дар бораи ситонидани алимент дар хориҷа аз 20 июни соли 1956 [23, с. 659-664], Конвенсия дар бораи ризоият ба ақди никоҳ, синну соли ақди никоҳ ва бақайдгирии ақди никоҳ аз 10 декабри соли 1962 [66, с. 667-668], Конвенсия дар бораи салоҳият, қонуни татбиқшаванда ва эътирофи қарорҳои фарзандхондӣ аз 15 ноябри соли 1965 [32], Конвенсия оид ба ҳифзи кӯдакон ва ҳамкорӣ дар мавриди фарзандхондӣ байни кишварҳо [25], Конвенсия дар бораи эътирофи талоқ ва истиқомати алоҳидаи ҳамсарон [30] аз 6 январи соли 1970, Конвенсия дар бораи қонуне, ки нисбати уҳдадориҳои алимент татбиқ мешавад аз 10 феврали соли 1973 [27]. Конвенсия дар бораи бастан ва эътибори ақди никоҳ 14 марти соли 1978 [24], Конвенсия дар бораи қонунҳое, ки ба низомҳои моликияти ақди никоҳ татбиқ мешаванд аз 14 марти соли 1978 [28]. Як қатор масъалаҳоро шартномаҳои минтақавӣ танзим мекунанд, аз ҷумла, моддаҳои 26-37 Конвенсияи Минск 1993 [29].

Вобаста ба ҳуқуқи татбиқшаванда кишварҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст.

Гурӯҳи якум кишварҳое мебошанд, ки дар онҳо принсипи коллизионии қонуни маҳалли ақди никоҳ (lex loci celebrationis) бартарият дорад ИМА, Америкои Лотинӣ, Аргентина, Гватемала, Мексика, Олмон, Фаронса) [50; 51; 53; 55]. Дар Чин никоҳ бо шаҳрвандони хориҷиро қонуни маҳалли ақди никоҳ ва дар сурати бекор кардани ақди никоҳ қонуни маҳалли ҷойгиршавии суде, ки парвандаро барои баррасӣ қабул кардааст, татбиқ карда мешавад [135, с. 65]. Ҳамин тавр, ҳангоми танзими онҳо якрангии муайян ба даст меояд. Ҳамзамон ин усул як қатор норасоиҳо низ дорад. Пеш аз ҳама, ҳангоми татбиқи принсипи lex loci celebrationis тарафҳо имкон доранд, ки танҳо тавассути убури сарҳад тамоми монеаҳои издивоҷро дар давлате, ки зану шавҳар ба он тааллуқ доранд, бартараф кунанд. Масалан, дар ИМА чунин таҷриба ҷой дорад, ки тибқи он шахсоне, ки хохиши бастани ақди никоҳ доранд ва ба синни никоҳ нарасидаанд ба дигар штат рафта ақди никоҳ

мебанданд. Пас аз баргаштан ба ҷойи истиқомати доимӣ ин ақди никоҳи онҳо эътиборнок эътироф карда мешавад [230, с. 71].

Инчунин принсипи қайдгардидаи коллизияи қонунҳо ба пайдоиши ба истилоҳ никоҳҳои «ланганда» низ мусоидат мекунад, зеро ақди никоҳе, ки ба талаботи lex loci celebrationis мувофиқат мекунад, на ҳамеша эътиборнок эътироф карда мешавад, агар он хилофи қонунгузории кишвари ҷойи истиқомат ё шаҳрвандии тарафҳо баста шуда бошад [111, с. 205].

Гурӯҳи дуюми кишварҳо принсипи коллизионии (lex personalis)-ро татбиқ менамоянд, масалан дар Англия принсипи шаҳрвандӣ эътибор дорад. Дар баъзе кишварҳо, масалан Бразилия, ба қонуни иқомат бартарӣ медиҳанд, ҳамон равиш дар қонунгузории оилавии Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон, Узбекистон ва дигар кишварҳои собиқ шуравӣ муқаррар карда шудааст. Истифодаи lex personalis аввалан, имкони саркашӣ намудан аз қонунро маҳдуд менамояд. Дувум қонуни давлате, ки бо шахс бештар алоқаманд аст, татбиқ мегардад. Сеюм, шумораи издивоҷҳои «ланганда» кам карда мешаванд [162, с. 69].

Гурӯҳи сеюми кишварҳо дар баробари татбиқи принсипи қонуни ҷойи ақди никоҳ (lex loci celebrationis) онҳо инчунин меъёри коллизионии пайвасти lex personalis-ро истифода мебаранд, масалан дар Фаронса ва Булғория. Дар ҳолати доштани якчанд шаҳрвандӣ, бо интихоби шахс қонунгузории яке аз ин давлатҳо истифода бурда мешавад. Шартҳои ақди никоҳи шахси бешаҳрвандӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар асоси қонунҳои давлате муайян карда мешаванд, ки ин шахс дар он ҷойи истиқомати доимӣ дорад.

Ҳамин тавр, барои ақди никоҳ розигии ҳамдигарии шахсони воқеие, ки ҳатман ҷинсҳои муқобил мебошанд, яъне марду зани никоҳшаванда ва ба синни никоҳӣ расидан (18-солагӣ) мебошанд. Дар баробари тибқи қисми 3 моддаи 12 Кодекси оилаи ҶТ агар яке аз тарафҳои никоҳшаванда шахси хориҷӣ, яъне шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад. шартҳои иловагии зерин пешбинӣ гардидаанд:

– истиқомат дар ҳудуди ҶТ на камтар аз як соли охир;

– бастани аҳдномаи никоҳ ба таври ҳатмӣ.

Инчунин тавре дар боло зикр намудем дар ҶТ шахсони воқеӣ ҳангоми бастани акди никоҳ ҳолатҳои монеаи бастани акди никоҳ, ки дар моддаи 14 Кодекси оилаи ҶТ муқаррар карда шудаанд, бояд риоя кунанд. Дар баробари шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ вазифадоранд, ки то бастани акди никоҳ дар муассисаҳои давлатии тиббии маҳалли истиқоматашон ройгон аз муоинаи тиббӣ гузаранд. Онҳо инчунин бояд бо натиҷаҳои муоинаи якдигар шинос бошанд. Ин талаботро қонунгузор муқаррар кардааст.

Акди никоҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 167 ва 169 Кодекси оилаи ҶТ беэътибор дониста мешавад.

Бекор кардани никоҳи байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд, инчунин байни шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Тоҷикистон тибқи қонунгузории миллӣ сурат мегирад. Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар муқиманд, метавонанд никоҳро бо ҳамсар (новобаста аз шаҳрвандии ӯ) тавассути додгоҳ дар Тоҷикистон бекор кунанд. Агар қонун бекор кардани никоҳро тавассути идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ иҷозат диҳад, ин тартиб дар муассисаҳои дипломатӣ ё консулгарии Тоҷикистон сурат мегирад.

Бекор кардани акди никоҳ байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ (шахсони бешаҳрванд), ки дар хориҷи кишвар истиқомат доранд, агар он тибқи қонунгузории давлати хориҷӣ, ки салоҳияти қарор дар бораи бекор кардани акди никоҳро дорад ва бо назардошти меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда анҷом дода шуда бошад, дар Тоҷикистон эътиборнок дониста мешавад. Дар Тоҷикистон бекор кардани акди никоҳ эътироф карда мешавад, ба шарте ки он ба қонунҳои давлати бекоршавӣ, салоҳияти мақомоти ваколатдор ва қоидаҳои беэътибор донистани акди никоҳ мувофиқ бошад.

Мутобиқи Конвенсияи Минск, шартҳои ақди никоҳ тибқи қонунгузории тарафҳои аҳдкунанда, ки шаҳрванди он мебошанд ва барои шахсони бешаҳрванд – қонунгузории тарафи аҳдкунанда, ки ҷойи доимии иқомати онҳост, муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, дар мавриди монеаҳои никоҳ он бояд тибқи талаботи қонунгузории тарафи аҳдкунанда, ки дар қаламрави он никоҳ сурат мегирад, сурат бигирад (м. 26). Дар ҳолатҳои бекор кардани ақди никоҳ қонунгузории тарафҳои аҳдкунанда, ки шаҳрвандонаш зану шавҳар мебошанд, ҳангоми додани ариза татбиқ карда мешавад. Агар зану шавҳар шаҳрвандони тарафҳои гуногуни аҳдкунанда бошанд, қонунгузории шахсе татбиқ мегардад, ки мақомоти он парванда оид ба бекор кардани никоҳро баррасӣ менамояд (м. 28).

Агар зану шавҳар шаҳрвандии як кишварро дошта бошанд, мақомоти тарафҳои аҳдкунанда, ки зану шавҳар дар лаҳзаи пешниҳоди ариза шаҳрвандони он мебошанд, салоҳияти баррасии парвандаҳои бекор кардани никоҳро доранд. Агар дар вақти пешниҳоди ариза ҳар ду зану шавҳар дар қаламрави тарафи дигари аҳдкунанда иқомат дошта бошанд, муассисаҳои ин тарафи аҳдкунанда салоҳият доранд. Агар зану шавҳар шаҳрвандии гуногун дошта бошанд, мақомоти тарафҳои шартнома, ки дар он ҳар ду зану шавҳар зиндагӣ мекунанд, салоҳияти баррасии парвандаҳои ақди никоҳро доранд. Агар зану шавҳар дар қаламрави тарафҳои гуногуни аҳдкунанда истиқомат кунанд, мақомоти ҳар ду тарафи аҳдкунанда, ки зану шавҳар дар ҳудуди онҳо зиндагӣ мекунанд, дар масъалаҳои бекор кардани никоҳ салоҳият доранд (м. 29). Ҳангоми беэътибор донистани ақди никоҳ қонунгузории тарафҳои аҳдкунанда, ки ақди никоҳ бастааст, татбиқ мегардад. Салоҳияти мақомот дар ҳолатҳои беэътибор донистани ақди никоҳ тибқи тартиби дар боло зикршуда муайян карда мешавад [183, с. 19-37].

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки ду намунаи қонуни шахсӣ ҷой дорад:

а) қонуни шаҳрвандӣ (lex nationalis ва lex patriae) маънои онро дорад, ки тамоми масъалаҳои марбут ба никоҳ (аз баста шудан то қатъ гаштан) ба ҳуқуқи давлате, ки зану шавҳар шаҳрванди онҳо мебошанд, вобаста аст.

б) қонуни истиқомат (lex domicilii) маънои онро дорад, ки тамоми масъалаҳои никоҳ ва оила мувофиқи қонуни маҳалли истиқомати зану шавҳар баррасӣ мешаванд.

Дар баробари ин қонунгузории Олмон дар робита ба ақди никоҳҳое, ки бо «унсури хориҷӣ» мураккаб шудаанд, ба коллизияи ҳуқуқии lex fori (қонуни кишвари суд) риоя мекунад, агар дар қонунгузории Олмон асосҳо ҷой дошта бошанд. Дар баробари ин қоидаи зиддиқонунӣ, lex patriaei (қонуни миллии шавҳар) низ амал мекунад.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли масъалаҳои коллизионии муносибатҳои оилавӣ баъзе кишварҳо ба принсипи ҳудудӣ афзалият медиҳанд, дар ҳоле ки давлатҳои дигар ба принсипи реҷаи миллӣ, яъне ба қонуни шаҳрвандии зану шавҳар афзалият медиҳанд. Дар сурати набудани шаҳрвандии умумии зану шавҳар, татбиқи қонуни истиқомати доимӣ (lex domicilii), ё ҷойи истиқомати доимӣ ё иқомати муштараки зану шавҳар ва танҳо дар сурати мавҷуд набудани ҷойи истиқомати зану шавҳар қонуни маҳалли пешниҳоди даъво ба қонуни кишвари суд (lex fori) тобеъ аст [201, с. 82].

Тибқи талаботи моддаи 172 Кодекси оилаи ҶТ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молу мулкӣ ва уҳдадориҳои зану шавҳар тибқи қонунҳои давлате, ки онҳо дар ҳудуди он иқоматгоҳи муштарак доранд ва дар сурати надоштани иқоматгоҳи муштарак бошад, тибқи қонунҳои давлате муайян карда мешаванд, ки онҳо дар ҳудуди он иқоматгоҳи охирини муштарак доштанд. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молу мулкӣ ва уҳдадориҳои зану шавҳаре, ки иқоматгоҳи муштарак надоранд, дар ҶТ мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Зану шавҳаре, ки шаҳрвандии умумӣ ё иқоматгоҳи муштарак надоранд, ҳангоми бастани аҳдномаи никоҳ ё созишнома дар бораи пардохти алимент ба ҳамдигар метавонанд қонунҳоеро интихоб намоянд, ки барои муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳояшон дар хусуси пардохти алимент аз рӯйи ин аҳднома ё созишномаи пардохти алимент мавриди истифода қарор мегиранд. Агар зану шавҳар дар мавриди интихоби қонунҳо нисбати аҳдномаи никоҳ ё

созишномаи зану шавҳар дар бораи пардохти алимент ба якдигар ба мувофиқа наоянд, муқарраротри қисми якуми моддаи 172 Кодекси оилаи ҶТ истифода мешавад, бо чунин тарз, баррасии масъала дар Федератсияи Россия анҷом дода мешавад» [187, с. 189-197; 209, с. 103-115; 210, с. 3-13].

Конвенсияи Гаага аз соли 1978 дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии муносибатҳои моликиятӣ байни зану шавҳар нақши асосӣ дорад, ки он ба соҳаи моликият тааллуқ дошта танзими онро ба ихтиёри худи зану шавҳар гузоштааст. Агар зану шавҳар ҳангоми бастани ақди никоҳ ба ҳеҷ ваҷҳ иродаи худро баён накунанд, қонуни амалкунанда дар асоси меъёрҳои объективӣ муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, принсипи мустақилият афзалиятнок мебошад, зеро ҳатто дар давраи никоҳ зану шавҳар метавонанд бо ризоияти тарафайн конфликти аслии қонун ва аз ин рӯ қонуни амалкунандаро тағйир диҳанд.

Принсипи умумӣ реҷаи моликияти зану шавхар бо қонуни дохилии пеш аз никоҳ интихобкардаи онҳо танзим карда мешавад. Истинод ба қонунгузории дохилӣ дар ин маврид хоҳиши давлатҳои узви Конвенсияро дар бораи истисно кардани пайдоиши истинодҳои баръакс ва мушкилоте, ки дар натиҷаи интихоби қонуни татбиқшаванда ба вуҷуд омадааст, ифода мекунад. Аммо зану шавҳар дар интихоби қонуни амалкунанда озодии мутлақ надоранд ва метавонанд ҳуқуқи дохилии шумораи маҳдуди давлатҳоро нишон диҳанд:

– ҳуқуқи давлате, ки яке аз зану шавҳар дар лаҳзаи чунин интихоб шаҳрвандии онро дорад;

– ҳуқуқи давлате, ки яке аз зану шавҳар дар лаҳзаи чунин интихоб дар қаламрави он ҷойи истиқомати муқаррарии худро дорад;

– қонуни аввалин давлате, ки дар он яке аз ҳамсарон пас аз ақди никоҳ ҷойи истиқомати нави маъмулӣ пайдо мекунад.

Интихоби байни lex causae ва lex loci actus анъанавӣ аст, аммо дар моддаи 12 муайян карда мешавад, ки шартномаи ақди никоҳ бояд ҳамеша дар шакли хаттӣ, сана ва имзои ҳар ду ҳамсарон бошад. Ин қоида моҳиятӣ

талаботи муайяни минималиро нисбат ба шакли шартнома муқаррар менамояд, ки риояи он ба тарафҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки ҳамеша ба он муроҷиат кунанд ва бо хамин аз душвориҳои эҳтимолӣ ҳангоми исботкунӣ канорагирӣ кунанд [110, с. 18-35; 173, с. 48-70; 184, с. 87-90].

Маҷмуи муносибатҳои байни падару модар ва фарзандон дар ҲБХ, аз ҷумла уҳдадориҳои алиментии волидон ба манфиати фарзандони ноболиғ ва уҳдадориҳои алиментии фарзандони болиғ ба манфиати волидон, вазъи муносибатҳои шахсии байни волидон ва фарзандонро дар бар мегирад [206, с. 176-180]. Асосан, муносибатҳои байни волидон ва фарзандон дар ҳуқуқи байналмилалии оилавӣ бо усули коллизионӣ-ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд. Бояд ишора намуд, ки институти парасторӣ дар ҳуқуқи оилаи ҶТ муайян шуда, бо истилоҳи «ҳуқуқ ба парасторӣ»-и дар ҳуқуқи арупоӣ ҷойдошта, мувофиқат намекунад. Он барои ҷудо намудани ҳаҷми ҳуқуқи падару модарӣ нисбати кӯдак дар мавриди ҷудо шудан ва ё истиқомати ҷудогонаи волидон истифода бурда мешавад. Дар ҳуқуқи арупоӣ парасторӣ ба парастории муштарак (бо доштани ҳуқуқи баробари падару модар) ва парастории якка (дар ин маврид ҳаҷми ҳуқуқи яке аз волидон нисбати дигар, ки бо кӯдак якҷоя истиқомат намекунад, ҷиддан фарқ мекунад) ҷудо карда мешавад. Чун қоида волидон вазифадор нестанд, ки ваколатҳои падару модарии худро исбот намоянд ва имконияти амалӣ намудани онро ҳимоя намоянд. Лекин дар чунин ҳолат истисно низ мушоҳида мешавад: масалан, ҷойи истиқомати кӯдак чойи зисти волидони вай дониста мешавад ва дар мариди ҷудо шудани падару модар масъалаи муайян намудани ҷойи зисти кӯдак ба вуҷуд меояд. Масъалаи аввале, ки дар мавриди ҷой доштани шаҳрвандии гуногун байни волидони ҷудошудаистода бояд ҳалли худро ёбад, ин дар ҳудуди кадом кишвар ҳал намудани баҳс оид ба тарбияи кӯдак мебошад. Дар ҶТ ҳангоми муайян намудани тартиботи ҳуқуқӣ нисбати ҳалли масъалаи бо кӣ истиқомат намудани кӯдак ба принсипи ҳудудӣ амал мекунад. Яъне дар чунин маврид пайвасти коллизионии «кишвари истиқомати якҷоя ва дар мавриди набудани

он – кишваре, ки кӯдак шаҳрвандии онро соҳиб аст» ба роҳбарӣ гирифта мешавад [208, с. 127].

Бояд гуфт, ки муқаррар намудан ва рад кардани падархондӣ (модархондӣ) тибқи қонунгузории кишваре, ки кӯдак ҳангоми таваллуд шаҳрванди он аст, танзим карда мешавад. Дар қаламрави Тоҷикистон ин масъалаҳо тибқи қонунгузории миллӣ ҳал карда мешаванд. Агар қонунгузории миллӣ тавассути мақомоти САҲШ муқаррар кардани падарӣ (модарӣ)-ро иҷозат дода бошад, волидоне, ки дар хориҷи кишвар зиндагӣ мекунанд (ба шарте, ки ҳадди ақал яке аз онҳо шаҳрванди Тоҷикистон бошад) метавонанд ба намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Тоҷикистон аризаи дахлдор пешниҳод кунанд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар ва фарзандон, аз ҷумла уҳдадориҳо оид ба алиментро қонунгузории кишвари истиқомати якҷояи онҳо танзим мекунад. Агар падару модар ва фарзандон алоҳида зиндагӣ кунанд, қонунҳои давлате, ки кӯдак шаҳрванди он аст, татбиқ мешавад. Бо дархости даъвогар уҳдадориҳои алимент ва дигар масъалаҳои муносибатҳои падару модар ва кӯдак метавонанд тибқи қонунгузории кишвари истиқомати доимии кӯдак баррасӣ карда шаванд. Ухдадориҳои таъминоти фарзандони болиғ ба фоидаи волидон ва дигар аъзоёни оила бо қонунҳои давлати истиқомати якҷояи онҳо муайян карда мешаванд. Дар сурати истиқомати алоҳида қонунгузории кишваре, ки шахси талабгори алимент шахрванди он мебошад, татбиқ мегардад. Дар робита ба ин масъала дар амалияи таҷрибаи судӣ дида мешавад, ки дар сурати падар ё модари кӯдак, ки шаҳрванди хориҷӣ буда, дар ҳудуди ҶТ зиндагӣ мекунунанду кӯдаки онҳо низ зиндагӣ менамояд, масъалаи таъмони моддии кӯдак тибқи қонунгузории ҶТ муқаррар мегардад. Ба унвони мисол, Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе парвандаи оилавӣ бо даъвои Қ.З.А нисбати Т.Ҳ.М оид ба рӯёнидани алимент ба тариқи устувор барои таъминоти фарзанди ноболиғро баррасӣ намуда, муайян намудааст, ки даъвогар Қ.З.А. ба суд бо даъвои номбурда муроҷиат намуда, онро чунин асоснок намудааст, ки ӯ бо ҷавобгар Т.Ҳ.М. шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии

Эрон, бо тариқи расму оини динӣ соли 2016 оиладор шуда, аз зиндагонии якҷояашон соҳиби як фарзанд: Т.Э.М. 25.07.2019 соли таваллудаш гардидаанд.

Ӯ бо ҷавобгар Т.Ҳ.М баъди оиладор шуданашон дар манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Душанбе кӯчаи Маяковкий, бинои 25/2, хонаи 10, муддати як сол, якҷоя зиндагонӣ намуда, хоҷагии умумӣ пеш бурдаанд. Аз аввал муносибати оилавии ӯ бо ҷавобгар Тукаллу Ҳусейн Муҳаммад хуб буда, баъдан ҷавобгар Т.Ҳ.М ба Ҷумхурии Исломии Эрон рафта вақте, ки ба Ҷумхурии Тоҷикистон баргашта дигар ба назди ӯ наомадааст. Ҷавобгар Т.Ҳ.М ихтиёран кумаки худашро ба ӯ ва фарзанди ноболиғаш Т.Э.Ҳ 25.07.2019 соли таваллудаш намерасонидааст. Ҷавобгар Т.Ҳ.М ба соҳибкорӣ машғул шуда, даромади хуби пуливу молӣ ба даст меоварадааст. Ӯ чандин маротиба ба ҷавобгар Т.Ҳ.М оид ба кумак расонидан ба фарзанди ноболиғашон Т. Э. Ҳ. 25.07.2019 соли таваллудаш, муроҷиат намудааст, аммо ҷавобгар Т.Ҳ.М. рақамҳои телефони ӯро ба руйхати сиёҳ гузошта, ба зангҳои ӯ ҷавоб намедодааст. Инчунин фарзанди ноболиғашон Т.Э.Ҳ. 25.07.2019 соли таваллудаш, гирифтори бемории шуш яъне камхунӣ мебошад, ки доимо таҳти назорати духтурон қарор доштааст. Ӯ дар ягон ҷой кор намекардааст ва ягон манбаъи даромад надоштааст. Аз ҷиҳати таъминоти фарзанди ноболиғаш Т.Э.Ҳ. 25.07.2019 соли таваллудаш танқисӣ кашида истодааст. Бинобар ин ӯ маҷбур шудааст, ки ба суд бо ариза муроҷиат намояд. Аз суд хоҳиш намудааст, ки аз ҳисоби ҷавобгар Т.Ҳ.М ба фоидаи ӯ Қ.З.А. барои таъминоти фарзанди ноболиғашон Т.Э.Ҳ. 25.07.2019 соли таваллудаш, ҳар моҳ ба тариқи устувор ба маблағи 1000 сомонӣ алимент, то ба синнӣ балоғат расиданаш руёнида шавад.

Суд парвандаи мазкурро баррасӣ намуда, чунин хулосабарорӣ намудааст, ки аз нусхаи шаҳодатномаи таваллуди кӯдак Т.Э.Ҳ 25.07.2019 соли таваллудаш, таҳти №328, ки аз ҷониби Бахши САҲШ-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе дода шудааст, муайян карда шуд, ки падари кӯдакон Тукаллу Ҳусейн Муҳаммад ва модарашон Қ.З.А. мебошанд. Суд дар маҷлиси судӣ аз

баёноти даъвогар ва далелҳои парванда маълум кард, ки даъвогар Қ.З.А. бо ҷавобгар Т.Ҳ.М. соли 2016 ба тариқи расму оини диннӣ оиладор шудаанд, ақди никоҳашонро ба қайд нагирифтаанд. Аз зиндагии якҷоя соҳиби як фарзанд Т.Э.Ҳ мебошанд.

Аз таҳлили парванадаи мазкур дида мешавад, ки суд вобаста ба парвандаи мазкур, ки ҷавобгари он шаҳрванди хориҷӣ мебошад, ба талаботи меъёри моддӣ, аз ҷумла ба талаботи моддаи 80, қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 80 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, нисбати парвандае, ки яке аз тарафҳои он шаҳрванди хориҷӣ мебошад, меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба рӯёнидани алимент татбиқ намудааст. Дар ин замина суд ба хулоса омадааст, ки даъвои Қ.З.А. нисбати Т.Ҳ.М. оид ба рӯёнидани алимент ба тариқи устувор барои таъминоти фарзанди ноболиғ, қисман қонеъ карда шуда, аз ҳисоби Т.Ҳ.М санаи таваллудаш 02.06 соли 1971, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковкий, бинои 25/2, хонаи 10 ба манфиати Қ.З.А. барои таъмини фарзанди ноболиғ Т.Э.Ҳ, ба маблағи 500 (панҷсад) сомонӣ, дар як моҳ, аз санаи 22 майи соли 2025 шуруъ карда, то ба балоғат расидани кӯдак, ба тариқи устувор алимент рӯёнида шавад [245].

Мутобиқи Конвенсияи Минск, муносибатҳои ҳуқуқии байни волидон ва кӯдакон тибқи қонунгузории тарафҳои шартномавӣ, ки кӯдакон дар он доимӣ зиндагӣ мекунанд, муайян карда мешаванд. Дар ҳолати ситонидани алимент аз фарзандони болиғ, қонунгузории тарафҳои аҳдкунанда, ки дар он шахси барои гирифтани алимент муроҷиаткунанда истиқомат мекунад, татбиқ карда мешавад. Дар мавридҳои вобаста ба муносибатхои ҳуқуқии байни падару модар ва фарзандон суди тарафи аҳдкунанда, ки қонунгузории он бояд татбиқ карда шавад, салоҳиятдор аст (м. 32).

Инчунин, Конвенсияи Гаага дар муайян кардани вазъи ҳуқуқии муносибатҳои моликияти байни волидон ва фарзандон нақши муҳим дорад. Он нисбат ба уҳдадориҳои алимент, ки аз муносибатҳои оилавӣ, падарӣ ё модарӣ, ақди никоҳ, ё молу мулк, аз ҷумла уҳдадориҳои алимент нисбат ба

кӯдак бармеоянд (м. 1) тааллуқ дорад ва коллизияҳоро танҳо нисбат ба уҳдадориҳои алимент танзим мекунад (м. 2). Конвенсия хусусияти универсалӣ дорад, зеро қонуне, ки мувофиқи муқаррароти он муайян шудааст, новобаста аз талаботи мутақобила ва новобаста аз он, ки он қонуни давлати аҳдкунанда аст, татбиқ мешавад (м. 3). Дар сурати тағйир ёфтани маҳалли истиқомати муқаррарии кредитор конуни дохилии манзили нави муқаррарӣ аз лаҳзаи ба амал омадани ин тағйирот татбиқ мегардад (м. 4). Ҳавола ба қонуни дохилӣ маънои онро дорад, ки Конвенсияи Гаага истифодаи ҳаволаҳои бозгаштро истисно мекунад ва тибқи қонуни интихобшуда танҳо қонуни моддии як давлати мушаххас фаҳмида мешавад.

Умуман, дар соҳаи танзими коллизионии қонунҳо принсипи асосӣ ва густурдатарин принсипи қонуни шахсӣ (lex personalalis) мебошад. Тамоми масъалаҳои муҳимтарини танзими муносибатҳои оилавӣ тибқи қонуни шахсии иштирокчиёни ин муносибатҳо ҳал карда мешаванд, ки ин вобастагии зичи муносибатҳои оилавӣ, пеш аз ҳама, бо мақоми шахсии шахс, доираи субъекти ҳуқуқии ӯ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки ҳамсароне, ки қонуни шахсии умумӣ надоранд, метавонанд қонунеро интихоб кунанд, ки ба оқибатҳои ҳуқуқии акди никоҳ татбиқ мешавад, агар зану шавҳар ҷойи истиқомати умумӣ надошта бошанд, ё қонуни шахсии ҳеҷ яке аз онҳо бо қонуни ҷойи истиқомати онҳо мувофиқат намекунад.

Ба вуҷуд овардани муносибатҳои молумулкии байни зану шавҳар дар асоси никоҳ далели эътирофи умум мебошад. Дар айни замон, хусусиятҳои он муносибатҳои моликияти зану шавҳар, ки дар байни онҳо (муносибатҳои дохилӣ) инкишоф меёбанд, бештар ошкор карда мешаванд. Ин хусусиятҳоро асосан меъёрҳои қонунгузории оилавии давлатҳои алоҳида муайян мекунанд. Низоми ҳуқуқии давлатҳои гуногун дар муайян кардани низоми ҳуқуқии моликияти ҳамсарон фарқиятҳои назаррас доранд. Дар ҷанбаи муқоисавии ҳуқуқӣ се намуди асосии низоми ҳуқуқии зану шавҳарро ҷудо кардан мумкин аст;

а) низоми ҳалли молу мулк («молу мулки алоҳида»), ки молу мулк ба ҳар як зану шавҳар алоҳида тааллуқ дорад. Ин реҷа дар Англия бо санади меъёрии ҳуқуқӣ соли 1882 рӯйи кор омода, аз ҷониби дигар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ қабул шудааст;

б) низоми моликияти умумӣ, ки муттаҳид намудани моликияти зану шавҳар ва муқаррар намудани қоидаҳои махсуси соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории онро пешбинӣ менамояд.

в) реҷаи «ҷомеаи ба таъхир гузошташуда» («deferred community») аз он иборат аст, ки ҳар яке аз зану шавҳар молики молу мулки ба ӯ тааллуқдошта эътироф карда мешавад. Дар сурати қатъ гардидани ақди никоҳ тамоми молу мулки зану шавҳар дар байни онҳо баробар тақсим карда мешавад.

Ин реҷаи ҳуқуқӣ дар Олмон, Финландия, Исландия, Норвегия ва Шветсия муқаррар карда шудааст. Моддаи 172 Кодекси оилаи ҶТ қоидаи муайян кардани тартиби салоҳиятдори ҳуқуқии танзими муносибатҳои молумулкии зану шавҳарро, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб аст, муқаррар мекунад. Тибқи ин модда ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ, инчунин уҳдадориҳои зану шавҳар тибқи қонунҳои кишваре, ки онҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд, танзим карда мешаванд. Дар сурати мавҷуд набудани ҷойи истиқомати умумӣ қонунгузории давлате, ки онҳо дар он охирин ҷойи зисти муштарак доштанд, татбиқ мегардад. Дар ҳолатҳое, ки зану шавҳар маҳалли истиқомати умумӣ надошта бошанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсии онҳо дар Тоҷикистон тибқи қонунгузории миллӣ муайян карда мешавад. Агар зану шавҳаре, ки шаҳрвандии умумӣ ё ҷойи истиқомати умумӣ надошта бошанд, шартномаи ақди никоқ ё созишнома оид ба пардохти алиментро бастанд, онҳо метавонанд мустақилона қонунҳоеро интихоб кунанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро аз рӯйи ин ҳуҷҷатҳо танзим менамояд [6].

Аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ба фарзандӣ гирифтани кӯдакон таваҷҷуҳи хосса дорад. Агар дар миёнаи солҳои 40-уми асри XX танҳо ҳолатҳои алоҳидаи чунин фарзандхонӣ ба назар мерасиданд, пас дар охири солҳои 80-уми асри XX чунин фарзандхонӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон

таҷрибаи маъмулӣ шудааст. Дар ин давра истилоҳи «фарзандхонии байналмилалӣ» ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт, ки қаблан мафҳумҳои ҷудогонаи «фарзандии кӯдакони хориҷӣ» ва «фарзандии кӯдакон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ»-ро муттаҳид мекард.

Қонунҳои давлатҳо меъёрҳои коллизионии гуногунро дар бар мегиранд. Ин ихтилофҳо, пеш аз ҳама бо ҳадафҳои мухталифе, ки барои муассисаи фарзандхонӣ дар ин давлатҳо гузошта шудаанд, муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ фарзандхондӣ танҳо бо назардошти манфиатҳои кӯдакон имконпазир аст, аммо дар баробарии «бо ворисон таъмин намудани шахсони бефарзанд» нигаронида шудааст.

Дар кишварҳои мусулмонӣ фарзандхонӣ умуман манъ аст. Ин ба яке аз муқаррароти Қуръон асос ёфтааст: «Худованд барои ҳеҷ мард ду дил дар дарунаш наофаридааст. Ва ҳаргиз ҳамсаронатонро, ки мавриди «зиҳор» қарор медиҳед, модарони шумо қарор надодааст. Ва (низ) фарзандхондаҳои шуморо фарзанди ҳақиқии шумо қарор надодааст. Ин сухани шумо аст, ки ба даҳони худ мегӯед (сухани ботил ва бепояе). Аммо Худованд ҳақро мегӯяд ва Ӯ ба роҳи рост ҳидоят мекунад» [99, с. 25]. Ягона давлати мусулмоние, ки дар он падидаи фарзандхонӣ амал мекунад Тунис аст.

Таҷрибаи байналмилалӣ се равишро барои танзими ин масъала таҳия кардааст:

1) фарзандхондӣ бо унсури хориҷӣ бо қонуни шахсии фарзандхонда (Австрия, Олмон, Швейтсария) танзим мешавад;

2) фарзандхондӣ бо қонуни шахси фарзандхондашуда танзим мешавад (Британияи Кабир, Белоруссия). Дар Британияи Кабир қарор дар бораи фарзандхондӣ аз ҷониби суд қабул карда мешавад ва фарзандхонӣ тибқи қонунгузории дохилии Англия танзим карда мешавад;

3) муносибатҳои фарзандхонӣ бо қонуни шахсии фарзандхонда бо истифодаи қонуни шахсии қабулшуда танзим карда мешаванд (Федератсияи Россия, Фаронса, Норвегия, Шветсия, Финляндия, кишварҳои Амрикои Лотинӣ). Хусусияти коллизионии қонунҳо танзими муносибатҳои

фарзандхонӣ дар Тоҷикистон истифодаи ҷамъкунӣ, яъне истифодаи ҳамзамон қонунҳои давлатҳои гуногун мебошад.

Муносибатҳои ҳуқуқии байни волидон ва фарзандони шаҳрвандии гуногунро қонуни кишваре муайян мекунад, ки дар он падару модарон ва фарзандон ҷойи истиқомати умумӣ доранд. Агар волидон ё яке аз онҳо ва кӯдак дар давлатҳои гуногун зиндагӣ кунанд, одатан қонуни кишваре, ки кӯдак шаҳрванди он аст, татбиқ мешавад. Муносибати ҳуқуқии байни кӯдаке, ки аз волидони бешаҳрвандӣ таваллуд шудааст ва волидони ӯ дар ҳама ҳолат тибқи қонуни кишвари шаҳрвандии кӯдак муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

– меъёрҳои коллизионии оилавӣ дар давлатҳои хориҷӣ хеле гуногунанд, ки дар амал ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ихтилофот ба миён меоянд. Дар танзими муносибатҳои оилавӣ дар баробари вижагиҳои низоми иқтисодӣ хусусиятҳо ва анъанаҳои миллӣ ва динӣ таъсири назаррас доранд;

– қоидаи коллизионии lex voluntatis, ки дар банди 2 моддаи 172 Кодекси оилаи ҶТ пешбинӣ шудааст, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии иловагиро талаб менамояд, ки тартиб ва хусусиятҳои татбиқи «lex voluntatis»-ро вобаста ба вазъи ҳуқуқи шахси воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ ошкор мекунанд;

– пешниҳод менамоем, ки номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» дар Фасли VIII Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикитон ба номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои фаромиллии оилавӣ» иваз карда шавад, зеро муқаррароти моддаҳои ин фасл танзимгарии на танҳо вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, балки вазъи ҳуқуқии оилавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 167-169), падидаи муқаррар кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ (м. 176), тартиботи оммавӣ (м. 177) мебошад;

– моддаи 177 Кодекси оилаи ҶТ «Маҳдудиятҳои истифодаи ҳуқуқи оилавии хориҷӣ» ном дорад, вале мазмуни меъёрҳои моддаи мазкур танҳо ба падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ тааллуқ дорад, зеро падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ на маҳдуд, балки татбиқи ҳуқуқи хориҷиро манъ менамояд. Бо чунин назардошт моддаи 177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ» номгузорӣ кардан, мувофиқи мақсад мебошад.

## 3.3. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ

Ҷаҳонишавӣ дар асри XXI ба яке аз фарояндҳои муҳимми фарогир дар ақсои олам табдил ёфтааст, ки тамоми соҳаҳои рӯзмарраи инсониро дар бар мегирад. Раванди ҷаҳонишавӣ на танҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, балки фаъолияти меҳнатии инсониро низ таҳти таъсири амиқ қарор додааст, ки танзими ҳуқуқии самаранокро тақозо менамояд. Масъалаи мазкур барои кишвари мо яке аз унсурҳои муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба шумор меравад. Маҳз бо таъсири ҷаҳонишавӣ имкониятҳои васеи фаъолияти меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ба вуҷуд омадааст. Тибқи гузориши охирини ташкилоти байналмилалии меҳнат дар ҷаҳон соли 2022 шумораи муҳоҷирони байналмилалии коргар зиёда аз 167,7 миллион нафарро ташкил мекунанд, ки онҳо 4,7% (фоизи) қувваи кории ҷаҳониро дар бар мегиранд [234]. Аз ҷумла, тибқи изҳороти расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 аз Тоҷикистон 652 014 нафар барои кор ба хориҷа рафтанд, ки қисми зиёди онҳо дар Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо рост меоянд [233].

Бештари шахсони воқеӣ барои кор дар ширкатҳое, ки бо давлати шаҳрвандии онҳо робита доранд, гоҳе давра ба давра ва гоҳе барои дарозмуддат ба хориҷ сафар мекунанд ва ин давра метавонад солҳои тулонӣ идома ёбад.

Шахсони воқеӣ барои кор ба хориҷи кишвари худ рафта, ба мушкилоти зиёди ҳуқуқӣ дучор мегарданд, зеро қонунгузории меҳнатии кишварҳо аз якдигар тафовут дошта, масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ба таври кофӣ ба роҳ монда нашудааст. Мавҷудияти унсури хориҷӣ дар назар дорад, ки ҳангоми баҳси ҳуқуқӣ оид ба шартномаи меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ судҳо бояд аввал қонунеро муайян кунанд, ки ба моҳияти баҳс тааллуқ дорад. Зеро тавре Г.К. Дмитриев қайд менамояд, «муносибатҳои меҳнатӣ фаромарзӣ гардида, аз лаҳзаи пайдо шудани унсури хориҷӣ таҳти танзими ҲБХ қарор мегиранд» [81, с. 11]. Ҳамзамон дар адабиёт дигар истилоҳҳо ба монанди «иштироки хориҷӣ», «хусусиятҳои хориҷӣ» истифода мегарданд, аммо маъмултарини онҳо истилоҳи «унсури хориҷӣ» мебошад [70, с. 26; 82, с. 49-50; 83, с. 125; 84, с. 7-10, 175; 86, с. 30-32; 169, с. 112-119; 174, с. 940-946].

Мавриди зикр аст, ки ҳуқуқи байналмилалии меҳнат як аз падидаҳои ҲБХ буда, маҷмуи меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва шартномаҳои байналмилалиро дар бар мегирад, ки танзимгари муносибатҳои байналмилалии меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ мебошанд [190, с. 29-45; 196, с. 47-50]. Бояд қайд намуд, ки қонунгузории меҳнатии Тоҷикистон қоидаҳои коллизионии миллиро, ки муносибатҳои меҳнатиро бо унсури хориҷӣ танзим кунанд, дар бар намегирад, ки ин як холигии назаррас мебошад.

Мавҷуд набудани танзими ҳуқуқии муассири муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ метавонад мубтанӣ бар ғайриимкон гардидани ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии коргарони хориҷӣ дар қаламрави Тоҷикистон гардад. Тартиби мураккаби муҳоҷират, шаффоф набудани талаботи қонунгузории меҳнат ва ҷой надоштани меъёрҳои зарурӣ дар ин самт сабаби он мегардад, ки коргари хориҷӣ аз як қатор ҳуқуқҳои меҳнатии аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории ҶТ кафолатдодашуда маҳрум гардад (масалан, ҳуқуқ ба музди баробар барои кори баробар, ҳуқуқ ба озодии меҳнат, ҳуқуқ ба ҳифз аз бекорӣ ва мусоидат дар шуғл ва ғайра. Чунин ҳолат сабаби вайрон гардидани қонунгузории меҳнати ҶТ шуда, татбиқи амалии

принсипи реҷаи миллиро нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶТ зери шубҳа мегузорад. Аз ин лиҳоз, танзим гардидани ин масъалаҳо дар қонунгузорӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар Тоҷикистон асосан чунин муносибатҳо бо шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба танзим мешаванд. Масалан, Созишнома оид ба фаъолияти муваққатии меҳнатии шаҳрвандони ҶТ дар Беларус ва шаҳрвандони Беларус дар ҶТ аз 28 октябри соли 2011, Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Россия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ дар Россия ва шаҳрвандони Россия дар ҶТ аз 16 октябри соли 2004 , Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони ҶТ барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Россия аз 17 апрели соли 2019 ва ғайра. Мақсади ба имзо расидани ин Созишнома рушди ҳамаҷонибаи ҳамкорӣ байни тарафҳо дар самти муваққатан бо кор таъмин намудани давлатҳои тарафҳо дар қаламрави ҳар ду кишвар мебошад.

Моҳияти муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар танзимнамоии чунин муносибатҳо аз ҷониби ду ё зиёда юрисдиксия зоҳир мегардад. Чунин муносибатҳо барои Тоҷикистон, инчунин як қатор дигар давлатҳои ИДМ ҳамчун масъалаи умумии ҲБХ ба таври алоҳида баррасӣ мешаванд. Сабаб дар он аст, ки дар соҳаи ҳуқуқи меҳнат унсури хориҷии возеҳ ифодаёфта ҷой дорад ва дар натиҷа ба сарчашмаҳои миллӣ меъёрҳои махсуси коллизионӣ, ки ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ бахшида шудаанд, амалан дохил карда намешаванд [181, с. 232; 212, с. 96-100]. М.А. Андрианова қайд менамояд, ки «дар доктрина ва амалияи муосири давлатҳо, категорияҳои умумии ҳуқуқи коллизионӣ (бо истисноҳои муайян) нисбат ба муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ истифода мешаванд» [166, с. 10]. Сабабҳои пайдоиш ва мавҷудияти меъёрҳои коллизионӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб шудаанд, дар он ифода меёбанд, ки қонуни миллии соҳаи меҳнат барои танзими муносибатҳои анъанавӣ пешбинӣ шудааст ва барои танзими муносибатҳои меҳнатии аз доираи як давлат

берун, ки хусусияти байналмилалии меҳнатӣ доранд, на дар ҳама маврид мувофиқ мебошанд. Ҳамзамон, дар ин муносибатҳо мушкилоти муайян ба миён меоянд: аввалан, мушкилоти коллизионӣ қонунҳои ду ва ё зиёда кишвар даъвои танзими ин муносибатҳоро доранд ва зарурати интихоби яке аз онҳо ба миён меояд. Дувум, хусусияти хоси ин муносибатҳо аксар вақт таҳияи меъёрҳои махсуси ҳуқуқи моддиро дар асоси стандартҳои байналмилалӣ тақозо мекунад, зеро меъёрҳои анъанавии миллӣ дар як қатор мавридҳо ғайри қобили амал мебошанд. Дар муносибатҳои меҳнатӣ қоидаҳои зерини коллизионӣ аксар вақт барои ҳалли масъалаҳои ихтилофии қонунҳо истифода мешаванд:

1) қонун тибқи шартнома;

2) қонуни ҷойи кор;

3) қонуне, ки барои ҳар як ҳолати мушаххас мувофиқтар аст.

Ҳамин тавр, ҷанбаи мураккабтарин ва баҳсноктарини танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ меъёрҳои коллизионӣ мебошанд. Бинобар ин ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муносибатҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ мураккаббуда на танҳо бо усули моддии ҳуқуқӣ, балки бо усули коллизионӣ низ танзим карда мешаванд.

Дар доктринаи ҳуқуқӣ ва амалияи муосири давлатҳои хориҷӣ оид ба муносибатхои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ категорияҳои умумии ҳуқуқи коллизионӣ татбиқ карда мешаванд. Коллизияҳо дар муносибатҳои байналмилалии меҳнатӣ бо омилҳои зерин ба вуҷуд меоянд: тезонидани суръати муҳоҷирати меҳнатии ҷаҳонӣ, фаъолияти корпоратсияҳои байналмилалӣ дар доираи низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, набудани стандартҳои ягонаи ҳуқуқӣ барои танзими меҳнати муҳоҷирон, тазодҳо дар қонунҳои миллии меҳнат ва тафсири онҳо.

Мавриди зикр аст, ки ҳалли масъалаи коллизия бояд бо дарназардошти бисёр ҷанбаҳои баҳсбарангезе, ки дар ин соҳа ба миён меоянд, аз ҷумла эътироф намудани мустақилияти ирода, масъалаи ҳуқуқ дар сурати мавҷуд набудани интихоби тарафҳо ҳал карда мешавад, маҳдудияти истифодаи

тартиботи ҳуқуқии интихобшуда дар асоси риояи манфиатхои корманд ҷорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, бояд ба таҷрибаи кишварҳои дигар дар танзими масъалаҳои марбут ба муносибатҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Ҳангоми муайян намудани қонуни татбиқшаванда оид ба татбиқи қонунгузории муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ мувофиқи назари И.Я. Киселев се ҳолати амалӣ экстерриториявии (фавқулҳудудии) қонуни меҳнат муайян гардидааст: «Якум, ҳангоми бастани созишномаи махсуси байнидавлатӣ оид ба интихоби ҳуқуқи хориҷӣ. Дуюм, тавассути қабули баъзе унсурҳои ҳуқуқи меҳнатии хориҷӣ. Сеюм, истиноди мустақим ба қонуни хориҷӣ» [93, с. 319]. Дар робита ба ин масъала Г.К. Дмитриева чунин назарпардозӣ мекунад, ки «новобаста аз ин дар ҳама ҳолат тавзеҳот дар бораи аз ҷониби давлат маҳдуд гардидани татбиқи қонуни меҳнатии хориҷӣ дар ҳолати хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқии миллӣ будани он, ҷой дошта метавонад» [205, с. 73].

Мушкилотҳои коллизионӣ дар самти меҳнат дар давлатҳои гуногун бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Давлатҳо аксар вақт мафҳумҳои умумии ҲБХ-ро нисбат ба муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ истифода мебаранд.

Дар баробари ин, дар як қатор давлатҳо тартиби ҳалли масъалаҳои коллизионӣ дар соҳаи меҳнат ҳанӯз ба танзим дароварда нашудаанд, ё ин ки ин мушкилот бо роҳҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Масалан, давлатҳо аксар вақт категорияҳои умумии ҳуқуқи байналмилалиро ба муносибатҳои меҳнатии фаромарзӣ паҳн мекунанд [179, с. 140]. Ба чунин давлатҳо онҳое тааллуқ доранд, ки консепсияи бо ҳуқуқи маданӣ танзим гаштани муносибатҳои меҳнатиро ба роҳбарӣ гирифта, ҲБХ худро кодификатсия намудаанд [88, с. 566-574] ва меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатиро дар зербобҳои санадҳои меъёрии дахлдор муқаррар намудааанд. Масалан, дар Австрия (зербоби 44 боби 7 Қонун ҲБХ соли 1978), Белгия (м. 97 боби IX Кодекси ҲБХ соли 2004), Булғористон (м. 96 боби X Кодекси ҲБХ соли 2005), Тунис

(м. 67 боби VI Кодекс ҲБХ соли 1998), Эстония (м. 35 боби 1 Қонуни ҲБХ Эстония соли 2002), Ҷумҳурии Чех (қ. 4.11 Қонун ҲБХ 2012) ва ғайра [120, с. 156-628]. Ҳамзамон, дар баъзе кишварҳо, бахусус дар кишварҳои пасошуравӣ (Тоҷикистон, Озарбойҷон, Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Узбекистон) механизми ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ба таври кофӣ танзим нашудааст.

Маъмултарин пайвастҳои коллизионӣ: мухторияти иродаи тарафҳо («lex voluntatis»); қонуни ҷойи кор («lex loci laboris»); қонуни маҳалли ҷойгиршавии корфармо, қонуни шаҳрвандии корфармо («lex nationalis», «lex patriae»), қонуни парчам («lex flagi», «lex banderae»), қонуни маҳалли бастани шартномаи меҳнатӣ («lex loci contractus»), қонуни шахсии корфармо («lex loci delegationis»).

Қонунгузории аксари давлатҳо барои муайян намудани вазъи ҳуқуқии корманд истифода бурдани «Lex voluntatis»-ро дар робита ба шартномаҳои меҳнатӣ (Гурҷистон, Туркия, Лихтенштейн, Сербия, Ҷопон ва ғ.) иҷозат медиҳад [159, с. 128]. Аксари ин кишварҳо шартномаи меҳнатиро ҳамчун институти ҳуқуқи маданӣ баррасӣ мекунанд [172, с. 96]. Як қатор кишварҳо Lex voluntatis-ро дар муносибатҳои меҳнатӣ иҷозат намедиҳад. Масалан, Кодекси ҲБХ Тунис соли 1998 [215, с. 23-32], Қонун дар бораи ҲБХ Украина соли 2005 [58].

Татқиқоти муосир дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нишон медиҳад, ки қонунгузории баъзе давлатҳо на танҳо мустақилияти иродаи тарафҳои шартномаҳои меҳнатиро иҷозат медиҳад, балки маҳдудиятҳои ҳадди ақалро дар интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда низ муқаррар мекунанд. Тавре ки таҳлили низомҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ин тамоюл ба як қатор давлатҳои мутараққӣ хос аст (Австрия, Австралия, Канада, Англия, Булғористон, Полша, Руминия, Ҷумҳурии Чехя ва Эстония) [166, с. 16], ки дар онҳо принсипи озодии шартнома дар муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ васеъ истифода мешавад. Дар баробари ин маҳдудиятҳои муқарраршуда хусусияти истисноӣ доранд ва пеш аз ҳама ба ҳифзи ҳуқуқҳои

асосии меҳнаткашон нигаронида шудаанд. Ин равиш тамоюлҳои муосири ҷаҳонишавӣ муносибатҳои меҳнатиро инъикос мекунад, ки ҳангоми коллизияи қатъии қонунҳо ҷойро ба механизмҳои чандирии танзими ҳуқуқӣ медиҳад. Аммо, тавре коршиносон қайд мекунанд, «ҳатто бо озодии ҳадди аксар дар интихоби қонун, зарурати риояи меъёрҳои ҳатмии кишвари шуғл (lex loci laboris) дар робита ба ҳифзи кафолатҳои ҳадди ақали меҳнат боқӣ мемонад» [77, с. 388; 85, с. 180-181; 92, с. 103; 112, с. 740-741; 114, с. 514-515]. Дар як қатор давлатҳо тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ озоданд, ки қонунгузории татбиқшавандаро бе ягон маҳдудият муайян кунанд. Бо вуҷуди ин, дигар кишварҳо маҳдудиятҳои муайяни интихоби қонунро нигоҳ медоранд, ки бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои коргарон муқаррар карда мешаванд [60, с. 78; 82, с. 51-52; 119, с. 574-580; 160, с. 14; 188, с. 68-69]. Тавре баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, «мақсади маҳдуд кардани иродаи тарафҳо зарурати таъмини ягонагии танзими ҳуқуқии меҳнат мебошад, ки ин бо роҳи додани мухторияти ирода ба тарафҳои шартномаи меҳнатӣ ғайриимкон мегардад» [160, с. 13].

Дар қонунгузории кишварҳои ИДМ имкони интихоби тарафҳо барои шартномаи меҳнатии фаромарзӣ низ пешбинӣ нашудааст. Аз ҷумла, дар қонунгузории Тоҷикистон камбудиҳои ҷиддӣ дар самти танзими коллизионии қонунгузории муносибатҳои меҳнати ҷой доранд. Кодекси меҳнати ҶТ ҳалли масъалаҳои коллизионии муносибатҳои меҳнатиро сарфи назар кардааст [5].

Дар қонунгузорӣ муқаррар намудани имконияти истифодаи мустақилияти маҳдуди иродаи тарафҳо нисбат ба шартномаҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад. Муқаррар намудани қоидаи татбиқи коллизионӣ дар якҷоягӣ бо принсипи in favorem (лотинӣ ба маънои «ба фоидаӣ», «ба манфиатӣ) мувофиқи мақсад мебошад, ки тибқи он афзалияти қоидаеро, ки доираи бештари ҳуқуқу кафолатҳоро барои корманд пешбинӣ менамояд, дар назар дорад. Дар асоси принсипи мазкур дар сурати мавҷуд будани якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои меҳнатии

дорои унсури хориҷиро танзим мекунанд, бояд он санади меъёрие мавриди корбурд қарор гирад, ки барои корманд шароити беҳтар пешбинӣ карда бошад, ё ҳуқуқҳои бартар фароҳам оварда бошад.

В.П. Звеков қайд менамояд, ки «дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии дорои хусусияти байналмилалӣ қонуни ҷойи кор пайвасти коллизионии асосии ҳатмӣ мебошад» [85, с. 276; 96, с. 234-242]. Х.Р. Кодирқулов нуқтаи назари мазкурро дастгирӣ намуда, қайд менамояд, ки «воқеан, ин пайвасти коллизионӣ дар низоми меъёрҳои коллизионӣ, дар соҳаи муносибатҳои меҳнатии фаромиллӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад» [181, с. 233; 212, с. 96-100]. Вобаста ба ин, дар адабиёт дуруст қайд карда мешавад, ки «қонуни маъмултарин дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии меҳнатӣ қонуни давлати маҳалли шуғлӣ – lex loci laboris мебошад» [143, с. 222].

Қонуни кишвари ҷойи кор (Lex Loci laboris) ин принсипи асосии қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусии аксари кишварҳо ба монанди Австрия, Швейтсария, Испания мебошад. Қонуни кишвари ҷойи кор мутобиқати коллизионӣ буда, татбиқи ҳуқуқи давлате дар назар дошта мешавад, ки дар он ҷо одатан вазифаҳои меҳнатӣ ба амал баровarda мешаванд. Дар баъзе мавридҳо дар зери қонуни ҷойи кор қонуни кишвари ҷойи ҷойгиршавии муассиса, қонуни парчами киштӣ фаҳмида мешавад.

Қонуни ҷойи кор яке аз принсипҳои маъмул дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ маҳсуб меёбад. Тибқи ин принсип нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа қонуни кишвари ҷойи кор татбиқ мешавад. Принсипи коллизионии татбиқи қонуни кишвари ҷойи кор дар қонуни аксари кишварҳо ба монанди Австрия, Испания, Швейтсария, Чехия ва ғайра мустаҳкам шудаанд.

Ба намудҳои муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дохил мешаванд:

1) кори шаҳрвандони маҳаллӣ бо корфармоёни хориҷӣ берун аз кишварашон;

2) сафарҳои хизматии шаҳрвандон ба хориҷа барои кор дар хориҷа;

3) кор кардан дар корхонаҳое, ки ба соҳибкорони хориҷӣ дар қаламрави давлат тааллуқ доранд;

4) кори шаҳрвандони хориҷӣ дар давлати қабулкунанда.

Муносибатҳои коллизионии дар ин самти баррасишаванда бо шартномаҳои байналмилалӣ низ танзим карда мешаванд, ки дар танзими ҳуқуқии меҳнатӣ накши бузург доранд. Онҳо метавонанд танҳо қоидаҳои коллизионӣ, ё танҳо қоидаҳои ҳуқуқии моддӣ ё ҳар дуро дар бар гиранд. Меъёрҳои асосии коллизионӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ дар як қатор конвенсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат оварда шудаанд. Сарфи назар аз он, ки СБМ ва СММ барои ташаккули муносибати ягонаи давлатҳо ба танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи меҳнати фаромарзӣ замина гузоштаанд ва барои муттаҳидсозии меъёрҳои коллизионӣ дар ин самт имкониятҳои зиёд доранд, то имрӯз дар ин самт ин гуна санадҳо тартиб дода нашудаанд. Санадҳои мавҷуда танҳо меъёрҳои ягонаи ҳуқуқии моддии меҳнатро дар бар мегиранд, ки ин душвориро дар коркарди мавқеи ягона байни шумораи зиёди мамлакатҳои иштироккунанда ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон шартномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон меъёрҳои моддӣ ва коллизиониро дар бар мегиранд. Онҳо танзими муфассалтари муносибатҳои меҳнатии дар санадҳои универсалӣ ва минтақавӣ пешбининагардидаро таъмин менамоянд. Коркарди меъёри коллизионии ягона дар шартномаҳои дуҷониба муассир мебошад, аммо бинобар сабаби мураккаб будани расмиёти мувофиқасозии манфиатҳои ҳар як давлати алоҳида ин кор душвор аст.

Бо меъёрҳои коллизионӣ тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои меҳнатиро дар бар гирифтан ғайриимкон аст. Бинобари ин вақтҳои охир бисёр давлатҳо барои дар қонунгузории худ қоидаи коллизионии хусусияти умумӣ доштаро – қонуни робитаи наздиктарин сарфи назар аз ҳама камбудиҳояш истифода менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки таҷрибаи қонунгузории кишварҳои ҷаҳон маҳдудиятҳои мустақим ва ғайримустақимро барои дастрасии муҳоҷирон (шаҳрвандони хориҷӣ) нишон медиҳад, аз ҷумлаи маҳдудиятҳои мустақим

иҷозатномаҳои кор (work permit) мебошанд, ки ба хориҷиён барои ишғоли вазифаи муайян дар корхона ё кор ва барои корфармои мушаххас дода мешаванд (Финляндия, Германия, Сингапур, Филиппин, Люксембург, Канада ва ғайра).

Стандартҳои миллии танзими ҳуқуқии вазъи шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар қаламрави Тоҷикистон дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шудаанд. Ҳамин тавр, тибқи м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро дар асоси иҷозате, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дода мешавад, амалӣ карда метавонанд. Қоидаҳои додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар ҶТ фаъолияти меҳнатиро амалӣ менамоянд ва намунаи ҳуҷҷати иҷозати он аз ҷониби Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда мешаванд. Корфармо тибқи қонун шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки барои ҷалб ва истифодаи коргарони хориҷӣ тибқи тартиби муқарраргардида иҷозат гирифта, аз меҳнати коргарони хориҷӣ дар асоси шартномаҳои меҳнатии бо онҳо басташуда истифода мебарад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ қисми ҷудонашавандаи вазъи ҳуқуқии онҳо мебошанд. Аз ин рӯ, дар муносибатҳои меҳнатӣ муқаррароти умумии қонунгузории миллӣ дар бораи вазъи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд низ татбиқ мегардад. Принсипҳои асосии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ принсипи баробарӣ дар назди қонун ва принсипи реҷаи миллӣ мебошанд. Табиист, ки ин принсипҳо дар соҳаи муносибатхои мехнатӣ низ истифода мешаванд.

Лозим ба таъкид аст, ки дастрасии шаҳрвандони хориҷӣ ба кори ғайримустақим бо роҳи додани иҷозати кор ба корфармоён (employment authorization) барои ба кор қабул кардани шаҳрвандони хориҷӣ ё бо роҳи муқаррар намудани таносуби коргарони миллӣ дар корхонаҳо маҳдуд карда мешавад (Австрия, Нидерландия, Панама). Дар баъзе кишварҳо, ҳар ду иҷозатнома дар як вақт талаб карда мешаванд-ҳам барои корманд ва ҳам

барои корфармо (Белгия). Маҳдудиятҳои марбут ба қабул накардани шаҳрвандони хориҷӣ ба вазифаҳои муайян, ки ишғоли онҳо танҳо аз ҷониби шаҳрвандони ин давлат имконпазир аст, дар таҷрибаи қонунгузории ҷаҳонӣ васеъ паҳн шудааст. Дар таҷрибаи байналмилалӣ аксаран хориҷиён ба хизмати давлатӣ иҷозат дода намешаванд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ба сифати субъекти ҳуқуқи меҳнатӣ баромад намуда, ҳуқуқ доранд қобилияти меҳнатии худро озодона ихтиёрдорӣ намуда, навъи фаъолият ва касбро интихоб намоянд. Зеро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқ доранд дар муассисаву ташкилотҳо тибқи шартномаи меҳнатӣ кор кунанд, ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тартиби дигаре муайян карда бошанд.

Мавриди зикр аст, ки қоидаи умумии танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар Тоҷикистон пешбинӣ нагардида, қонунгузории меҳнатӣ чунин меъёрҳои коллизиониро пешбинӣ намекунанд. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, таҷрибаи қонунгузории давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ моддаи нав бо мазмуни зайл дар Кодекси меҳнати ҶТ илова карда шавад: «««Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд».

1. Муқаррароти Кодекси мазкур ва санадҳои дигари қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асосҳои умумӣ татбиқ мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигареро пешбинӣ накунанд.

2. Қоидаҳои мушаххас оид ба амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд».

Бояд гуфт, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба Тоҷикистон барои кор ба муддати муайян муҳоҷират мекунанд, пас аз гирифтани иҷозати корӣ бо тартиби муқарраршуда метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд. Зеро, маҳз иҷозат барои кор ҳуҷҷате мебошад, ки ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро барои фаъолияти меҳнатӣ дар ҶТ тасдиқ менамояд.

Истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ ғайриимкон будани таъини шаҳрвандони хориҷӣ ба вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайяни онҳо, агар мутобиқи қонунгузорӣ машғул шудан ба чунин фаъолият ё таъин шудан ба ин вазифаҳо бо мансубият ба шаҳрвандӣ алоқаманд бошад. Ҳамин тавр, шаҳрвандони хориҷӣ наметавонанд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кор кунанд. Илова бар ин, ба шахсоне, ки дар муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ аз таҳсилоти тиббӣ ё фармасевтӣ гузаштаанд, танҳо пас аз санҷиши бандубасти онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Вазорати тандурустии ҶТ ба кори касбӣ иҷозат дода мешавад. Дар ҳар ҳолат, фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар асоси шартномаи меҳнатӣ, ки тибқи муқаррароти қонунгузории Тоҷикистон иҷозат дода мешавад, сурат мегирад.

Принсипи реҷаи миллӣ на танҳо ба масъалаҳои дастрасии шаҳрвандони хориҷӣ ба кор, балки ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатии онҳо низ taaллуқ дорад. Шаҳрвандони хориҷӣ баробари шаҳрвандони маҳаллӣ ҳуқуқу уҳдадориҳое доранд, ки аз ҷониби институтҳои ҳуқуқи меҳнат ба монанди шартномаи коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ, вақти корӣ ва истироҳат, музди меҳнат ва ғайра муқаррар карда шудаанд. Муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи меҳнати хориҷиён пурра ба м. 7 Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мувофиқат мекунад, ки ҳуқуқи ҳар касро ба шароити одилона ва мусоиди меҳнат муқаррар мекунад.

Дар ҶТ мақоми ҳуқуқии гурезаҳоро Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» аз 10 майи соли 2002 танзим менамояд. Тибқи моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи гурезаҳо» шахси гуреза донисташуда ҳуқуқи таъминшавӣ бо кор, кор

дар асоси кироя дорад, агар мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶТ тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

Гурӯҳи дигари асосии пайдоиши муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ бастани шартномаи меҳнатии шаҳрванди Тоҷикистон бо корфармои хориҷӣ ё иҷрои кор дар хориҷӣ кишвар мебошад, чунин муносибатҳо дар бар мегиранд: 1) дар хориҷа тибқи шартномаи меҳнатӣ бо корфармои хориҷӣ кор кардан; 2) дар Тоҷикистон тибқи шартномаи меҳнатӣ бо корфармои хориҷӣ кор кардан; 3) дар хориҷа кор кардан аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ бо корфармои ватанӣ (сафари хизматӣ ба хориҷа).

Таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баҳсҳои меҳнатӣ, ки бо иштироки корманд ё корфармои хориҷӣ низ ҷолиби диққат аст. Аз ҳалномаи суди шаҳри Роғун аз 15 апрели соли 2025 [244] дида мешавад, ки парвандаи маданиро бо даъвои Д.М. Ф.нисбати ФҶСПЭШЛТД дар ҶТ шахси сеюм ХНДСММША дар МВ дар бораи уҳдадор намудани ФҶСПЭШЛТД дар ҶТ вобаста ба иҷроиши банди 2-и Амрномаи ХНДСММША дар МВ аз 09 июли соли 2024, №16/46 рӯёнидани фарқияти маблағи пардохтнашудаи музди меҳнат дар ҳаҷми 1 651 543,43 (Як миллиону шашсаду панҷову як ҳазору панҷсаду чилу се) сомонию 43 дирам, рӯёнидани музди меҳнати пардохтнагардида барои моҳҳои октябр ва ноябри соли 2024 дар ҳаҷми 20240 (бист ҳазору дусаду чил) сомонӣ, рӯёнидани маблағи рухсатии меҳнатии истифоданашудаи барои давраи фаъолият дар давоми 33 моҳ, барои солҳои 2022, 2023, 2024, уҳдадор намудани ҷавобгар ФҶСПЭШЛТД дар МВ ҳамчун корфармо барои ташкили шароити меҳнатӣ муҳайё сохтан ва то санаи ба таври воқеӣ ба кор шуруъ намудани пардохти барои ноилоҷ ба кор набаромаданро бо иштироки тарафҳо барраси намуда, суд муайян намудааст, ки даъвогар ба суд бо аризаи дар боло зикр гардида муроҷиат намуда, қайд намудааст, ки маоши ӯ ҳамчун шахси дуввумин дар ташкилот пастарин ба ҳисоб мерафтааст. Ӯ бояд 85% (фоизи) маоши моҳонаи роҳбари ташкилотро мегирифтааст. Натиҷаи санҷиши мутахасис аз ХНДСММША дар МВ аз 05.07.2024 сол, №16/46 муайян гаштааст, ки маоши моҳонаи ӯ бояд 30347

сомонию 15 дирамро ташкил медодааст. Аз суд пурсидааст, ки дар ФҶСПЭШЛТД дар МВ вобаста ба иҷроиши банди 2-и Амрномаи ХНДСММША дар МВ аз 09 июли соли 2024, №16/46 рӯёнидани фарқияти маблағи пардохтнашудаи музди меҳнат дар ҳаҷми 296218 (дусаду наваду шаш ҳазору дусаду ҳаждаҳ) сомонӣ мутобиқи муқарароти Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 майи соли 2019, №359 «Дар бораи дастурамали намунавии мансабии сармуҳосиб», ки 85% (фоизи) маоши вазифавии роҳбари ташкилотро дар бар гирифтааст, рӯёнидани музди меҳнати пардохтнагардида барои моҳи октябри соли 2024 дар ҳаҷми 10120 (даҳ ҳазору яксаду бист) сомонӣ рӯёнида шавад.

Парвандаро баррасӣ намуда, суд хулоса намудааст, ки даъвои Д.М. Ф. нисбати ФҶСПЭШЛТД дар ҶТ шахси сеюм Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар минтақаи Ваҳдат дар бораи уҳдадор намудани Филиали Ҷамъияти саҳомии «ЭЙФРИ Швейтсария ЛТД» дар ҶТ вобаста ба иҷроиши банди 2-и Амрномаи ХНДСММША дар МВ аз 09 июли соли 2024, №16/46 рӯёнидани фарқияти маблағи пардохтнашудаи музди меҳнат дар ҳаҷми 1 651 543,43 (Як миллиону шашсаду панҷову як ҳазору панҷсаду чилу се) сомонию 43 дирам, рӯёнидани музди меҳнати пардохтнагардида барои моҳҳои октябр ва ноябри соли 2024 дар ҳаҷми 20 240 (бист ҳазору дусаду чил) сомонӣ, рӯёнидани маблағи рухсатии меҳнатии истифоданашудаи барои давраи фаъолият дар давоми 33 моҳ, барои солҳои 2022, 2023, 2024, уҳдадор намудани ҷавобгар ФҶСПЭШЛТД дар МВ ҳамчун корфармо барои ташкили шароити меҳнатӣ муҳайё сохтан ва то санаи ба таври воқеӣ ба кор шуруъ намудан пардохт барои ноилоҷ ба кор набаромадан қисман қонеъ карда шуда, талаби даъво дар қисми рӯёнидани музди меҳнати пардохтнагардида барои моҳҳои октябр ва ноябри соли 2024 дар ҳаҷми 20240 (бист ҳазору дусаду чил) сомони ва маблағи рухсати нопардохташуда дар ҳаҷми як маоши моҳона 10 140 (даҳҳазору яксаду чил ) сомони қонеъ карда шуда, аз ҳисоби Филиали Ҷамъияти саҳомии «ЭЙФРИ Швейтсария ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фоидаи Д.М. Ф. 30 420 сомони рӯёнида шуда, талаби даъво дар қисми уҳдадор намудани Филиали Ҷамъияти саҳомии

«ЭЙФРИ Швейтсария ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷроиши банди 2-и Амрномаи ХНДСММША дар МВ аз 09 июли соли 2024, №16/46 бинобар асос надоштанаш рад карда шуда, талаби даъво дар қисми рӯёнидани фарқияти маблағи пардохтнашудаи музди меҳнат дар ҳаҷми 1 651 543,43 (Як миллиону шашсаду панҷову як ҳазору панҷсаду чилу се) сомонию 43 дирам бинобар асос надоштанаш рад карда шуда, талаби даъво дар қисми дар бораи рӯёнидани маблағи рухсатии меҳнатии истифоданашудаи барои давраи фаъолият дар давоми 24 моҳ, барои солҳои 2022, 2023, бинобар асос надоштанаш рад карда шуда, талаби даъво дар қисми ухдададор намудани ҷавобгар ФҶСПЭШЛТД дар МВ ҳамчун корфармо барои ташкили шароити меҳнатӣ муҳайё сохтан ва то санаи ба таври воқеӣ ба кор шуруъ намудани пардохти барои ноилоҷ ба кор набаромадан бинобар асос надоштанаш рад карда шудааст.

Дар мавриди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои корфармоёни хориҷӣ дар хориҷи кишвар тибқи шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, муносибатҳои меҳнатии онҳо мутобиқи қонунгузории меҳнати давлати дахлдори хориҷӣ ба вуҷуд омада, танзим карда мешаванд. Дастрасӣ ба кор, доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои меҳнатӣ аз қонуни меҳнати ин кишвар ва қонунгузории он нисбати шаҳрвандони хориҷӣ вобаста аст. Муносибатҳои меҳнатии байни шаҳрвандони Тоҷикистон ва корфармоёни хориҷӣ дар мавриди фаъолияти меҳнатии корманд дар қаламрави Тоҷикистон ба қонунгузории Тоҷикистон вобаста аст, агар шартномаи байналмилалӣ тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

Ҳангоми ба хориҷа фиристодани кормандон қоидаи аз тарафи умум пазируфташуда ин аст, ки муносибатҳои меҳнатӣ тибқи қонунҳои кишвари ирсолкунанда (lex loci delegationis) танзим карда мешаванд.

Ҳамин тавр дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулосаҳоро қайд намудан мумкин аст:

– пайвасти коллизионии маъмултарин дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии меҳнатии шахсони воқеӣ қонуни ҷойи кори онҳо мебошад.

Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки унсури хориҷӣ бояд ҳам меъёрҳои коллизионӣ ва ҳам қоидаҳои ягонаи моддиро муттаҳид созад. Дар қонунгузории Тоҷикистон низоми пайвастҳои коллизионӣ нисбат ба муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар сурати мавҷуд набудани интихоби тарафҳо дар чунин шакл таҳия карда шавад: қонуни кишвари ҷойи кор (Lex loci laboris) ҳамчун пайвасти асосии коллизиони баррасӣ гардида, он ҳамчун қонуни давлате фаҳмида мешавад, ки дар он одатан коргар уҳдадориҳои худро иҷро мекунад, ҳамчун пайвастаи коллизионии иловагӣ, қонуни шахсии корфармо (Lex loci delegationis), қонуни парчам (Lex flagi) ва қонуни ҷойи асосии фаъолияти корфармо истифода карда шавад. Ҳамзамон ба андешаи дар қонунгузорӣ муқаррар намудани қоидаи lex voluntais (мухторияти ирода) нисбат ба шартномаҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ дар якҷоягӣ бо принсипи in favorem (лотинӣ ба маънои «ба фоидаӣ», «ба манфиатӣ) мувофиқи мақсад мебошад, ки тибқи он дар сурати мавҷуд будани якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷиро танзимкунанда, бояд он санади меъёрие мавриди корбурд қарор гирад, ки барои корманд шароити беҳтар пешбинӣ карда бошад ё ҳуқуқҳои бартар фароҳам оварда бошад Принсипи мухторияти ирода (lex voluntatis) бояд татбиқ шавад ва танҳо дар сурати набудани он қонуни ҷойи кор бояд татбиқ карда шавад. Мушкилоти коллизионии дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида, метавонад бо ин васила ҳал шаванд;

– принсипи реҷаи миллӣ, ки дар қонунгузории меҳнатӣ муқаррар карда шудааст, асоси танзими махсуси муносибатҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида мебошад. Вақте ки тарафҳо қонуни татбиқшавандаро интихоб мекунанд, принсипи реҷаи миллӣ, ки дар низоми ҳуқуқии аксари давлатҳо ҷой дорад кафолат медиҳад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар баробари шаҳрвандони давлати қабулкунанда бо ҳуқуқҳои асосӣ таъмин карда шаванд;

– қонунгузории меҳнатӣ ҳалли масъалаҳои коллизионии муносибатҳои меҳнатиро сарфи назар намудааст, ки ин ҳолат дар танзими коллизионии

муносибатҳои меҳнатӣ холигиро ба вуҷуд овардааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси меҳнатии ҶТ илова намудани моддаи алоҳида оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шахсони воқеӣ дар таҳрири зерин зарур мебошад: «Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд».

1. Муқаррароти Кодекси мазкур ва санадҳои дигари қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асосҳои умумӣ татбиқ мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигареро пешбинӣ накунанд.

2. Қоидаҳои мушаххас оид ба амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ муқаррар карда мешаванд».

Муқаррароти Кодекси мазкур ва санадҳои дигари қонунгузории меҳнати ҶТ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ дар ташкилоту муассисаҳои дар ҳудуди ҶТ ҷойгиршуда, ки соҳибони молу мулк, иштирокчиён ва ё саҳмдоронаш шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ мебошанд, татбиқ мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ қоидаҳои дигареро пешбинӣ накунанд.

### 3.4. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ

Дар м. 8 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 муқаррар гардидааст, ки «ҳар инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосиаш, ки дар Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи ҳуқуқҳояш аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳуқуқ дорад» [109, с. 7]. Дар ин замина Конститутсияи ҶТ пешбинӣ менамояд, ки «ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд» [1].

Муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ он муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми баррасии даъвоҳои маданӣ, дар мақомоти судӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар доираи мурофиаи маданӣ ба вуҷуд омада, барои ҳалли парвандаҳои маданӣ равона шудаанд, бо меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ танзим мегарданд. Вижагиҳои асосии ин муносибатҳо чунин ифода меёбанд: 1. Қонунӣ будан, яъне ҳамаи амалҳо ва муносибатҳои мавриди назар бояд дар асоси қонун сурат гиранд; 2. Расмӣ будан, яъне ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқи мурофиавии маданӣ бояд дар асоси расмиёти судӣ пеш раванд; 3. Бо ҳадафи муайян будан, яъне ҳалли адолатноки баҳсҳо ва дар ин раванд ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо бояд муроот шавад. Бо назардошти ин дар моддаи 3 КММ ҶТ вазифаҳои мурофиаи судии маданӣ чунин ифода меёбад: «Вазифаҳои мурофиаи судии маданӣ аз дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои маданӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шаҳрвандон (шахсони воқеӣ), шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҶТ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзил, замин, экологӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии маданӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқ ва суд бояд мусоидат намояд» [4].

Пайдоиш, инкишоф ва қатъ гардидани муносибатҳои ҳуқуқии мадании мурофиавӣ мубтанӣ ба фактҳои ҳуқуқӣ мебошад. Муносибатҳои ҳуқуқии мазкур метавонанд ҳангоми мавҷуд будани меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи маданӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мурофиавии мадании иштирокчиёни мурофиаи маданӣ ва фактҳои мурофиавии ҳуқуқӣ падид оянд.

Мутобиқи қонунгузории мурофиавии мадании ҶТ дар баробари шаҳрвандони ҶТ ҳамчунин ба сифати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи мурофиаи маданӣ шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд баромад карда

метавонанд. Дар ин асно, иштироки шахсони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиаи маданӣ бо унсури хориҷӣ мураккаб мебошад, чунки муносибатҳои ҳуқуқии мазкур тартиби махсуси ҳуқуқтатбиқкунро доро мебошанд. Унсури хориҷӣ дар мурофиаи маданӣ ҳамчун хусусияти тавсифкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ баррасӣ мегардад, ки он метавонад дар шаклҳои зерин зоҳир шавад:

– ҳадди ақал як тарафи баҳс шаҳрванди Тоҷикистон бошад, ки берун аз ҳудуди Тоҷикистон иқомат дорад, ё шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд дар ҳудуди Тоҷикистон;

– объекти муносибати ҳуқуқӣ дар хориҷи кишвар қарор дорад;

– факти ҳуқуқӣ, дар қаламрави давлати хориҷӣ ба вуҷуд омадааст ё ба амал омада истодааст.

Мавҷудияти «унсури хориҷӣ» дар муносибатҳои баҳсии ҳуқуқии хусусӣ масъалаҳои махсуси мурофиавиро ба вуҷуд меорад, ки барои мурофиаи мадании ватанӣ хос нестанд – ин, аз ҷумла, имкони татбиқи меъёрҳои мурофиавии шартномаҳои байналмилалӣ, зарурати тафсири ҳуқуқӣ моддии хориҷӣ, татбиқи муқаррароти мутақобила ва сиёсати давлатӣ, ҳалли коллизияҳои дар тобеият, зарурати гирифтани далелҳо аз давлати дигар, фиристодани супориш ба хориҷа, инчунин иҷрои қарори суд дар қаламрави давлати хориҷӣ. Вобаста ба ин дар доктринаи ҳуқуқӣ мафҳуми «мурофиавии байналмилалии маданӣ» баррасӣ гардида истодааст.

Новобаста аз он ки нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои якхела пешбинӣ шуда бошад ҳам, вазъи мурофиавии онҳо дар қонунгузории амалкунанда тафовут дорад, инчунин мушкилоти коллизионӣ вобаста масъалаҳои иштироки ин шахсон дар мурофиаи маданӣ дар бештари ҳолатҳо бо шартномаҳои байналмилалӣ танзим мегардад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ доранд дар мурофиаи судии маданӣ аз ҳимояи судӣ баҳраманд шаванд. Ин масъала ба кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вобастагӣ дошта, ба ду

гурӯҳи калон: ҳуқуқи дохилӣ (миллӣ) ва байналмилалӣ тақсим мешаванд. Кафолатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба универсалӣ, ки дар доираи СММ ва созмонҳои махсусгардонидашудаи он амалӣ мешаванд ва минтақавӣ, ки татбиқи онҳо дар сатҳи минтақавии байналмилалӣ амалӣ мегарданд.

Дар ин асно А.М. Мирзоев қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои марказӣ дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ин баррасии судии баҳсҳои иқтисодӣ бо иштироки шахсони хориҷӣ мебошад. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҳти тобеияти судии иқтисодӣ ваколати судҳои кишвари дахлдор оид ба ҳалли парвандаҳои иқтисодӣ бо иштироки шахсони хориҷӣ дар назар дошӣа мешавад. Масалан, оё суди кишвари мазкур метавонад ба барасии худ даъвоҳоро ба ҷавобгарии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ қабул намояд одатан бо ёрии меъёрҳои қонунгузории кишвари дахлдор ва санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳал карда мешаванд. Инчунин шахсони хориҷӣ дар мурофияҳои иқтисодӣ метавонанд ба сифати даъвогар, ҷавобгар ё шахси сеюм баромад намоянд [125, с. 84, 87].

Дар ин маврид таҷрибаи судӣ низ дар ҶТ вуҷуд дорад. Аз ҳалномаи Суди Олии иқтисодии ҶТ аз 26 майи соли 2021 дида мешавад, ки Суди Олии иқтисодии ҶТ парвандаро аз рӯйи аризаи даъвогии ҶДММ «С.В.»-и Ҷ.М.Ч. дар шахсияти намояндаи ваколатдор А.Р.И. ба ҷавобгарии соҳибкори инфиродӣ Ҳ.Ҳ.А. ва М.Д. ММПИ ВРИС ҶТ дар бораи беэътибор донистани шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А. бо номи «Танген-пойтахт», бо иштироки намояндаи ваколатдори даъвогар А.Р. бо ваколатнома аз 31 марти соли 2021, №11Н-7193, ҷавобгар Ҳ.Ҳ. ва намояндаи ваколатдори ӯ Ҳ.Ч. бо ваколатнома аз 12 майи соли 2021, №74б-968, бо иштироки тарафҳо баррасӣ намуда, муайян намудааст, ки ҶДММ «С.В.»-и Ҷ.М.Ч. дар шахсияти намояндаи ваколатдор А.Р.И. бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намуда, онро чунин асоснок намудааст, ки ҶДММ «С.В.»-и Ҷ.М.Ч. ба истеҳсолоти маҳсулотҳои пластикӣ ва полиэтиленӣ машғул буда, муддати зиёда аз даҳ сол аст, ки маҳсулоти худро дар ҶТ тавассути намояндаҳои ваколатдораш ба фурӯш мебаровардааст.

Ҷамъияти мазкур дар ин муддат ба фурӯши маҳсулоти пластикӣ, каучукӣ ва полиэтиленӣ, яъне пакетҳо бо навиштаҷоти «Танген», «Тангем», «Шивакӣ» ва амсоли онҳо машғул буда, ин маҳсулот дар давоми солҳои зикршуда дар тамоми ҶТ маълум ва мунтазам истифода бурда мешудааст.

Бинобар ин, аз суд хоҳиш намудааст, ки шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А. бо номи «Танген-пойтахт», бо синфи 16 беэътибор дониста шавад.

Аз ин рӯ, суд дар маҷмуъ маводҳои парванда, баёноти шахсони иштироккунандаи парвандаро мавриди муҳокима қарор дода, ба далелҳои зикршуда баҳои ҳуқуқӣ дода, ба хулоса омад, ки аризаи даъвогии ҶДММ «С.В.»-и Ҷ.М.Ч. дар шахсияти намояндаи ваколатдор А.Р.И. ба ҷавобгарии соҳибкори инфиродӣ Ҳ.Ҳ.А. ва М.Д. ММПИ ВРИС ҶТ дар бораи беэътибор донистани шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А. бо номи «Танген-пойтахт»-ро қонеъ карда, Шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А. бо номи «Танген-пойтахт» беэътибор донад.

Ҳангоми баррасии парванда ва қабули ҳалнома бо он суди иқтисодӣ талаботҳои Қарори Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2009, №3 «Дар бораи ҳалномаи судӣ»-ро пурра ба роҳбарӣ гирифт.

Суд хароҷоти судиро мутобиқи моддаи 109-и Кодекси мурофиавии иқтисодии ҶТ муҳокима намуда, аз ҳисоби Ҳ.Ҳ.А.ба фоидаи ҶДММ «С.В.» рӯёниданашро лозим шуморид.

Дар ин замина суд ба хулоса омадааст, ки аризаи даъвогии ҶДММ»С.В.»-и Ҷ.М.Ч. дар шахсияти намояндаи ваколатдор А.Р.И. ба ҷавобгарии соҳибкори инфиродӣ Ҳ.Ҳ.А. ва М.Д. ММПИ ВРИС ҶТдар бораи беэътибор донистани шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А. бо номи «Танген-пойтахт» қонеъ карда шуда, шаҳодатномаи бақайдгирии тамғаи молӣ аз 24 августи соли 2018 ба номи Ҳ.Ҳ.А.бо номи «Танген-пойтахт» беэътибор дониста шуда, аз ҳисоби

соҳибкори инфиродӣ Ҳ.Ҳ.А.ба манфиати ҶДММ «С.В.»-и Ҷ.М.Ч. маблағи боҷи давлатӣ ба андозаи 600 сомонӣ рӯёнида шавад [243].

Шартномаҳои байналмилалӣ муқаррар мекунанд, ки шаҳрвандони яке аз давлатҳои аҳдкунанда ҳуқуқ доранд озодона ва бемамониат ба судҳо, прокуратураҳо ва мақомоти нотариалӣ, инчунин дигар муассисаҳои давлати дигар, ки ба салоҳияти онҳо масъалаҳои маданӣ, оилавиро дохил намудаанд, муроҷиат кунанд, шаҳрвандони ин давлат метавонанд дар онҳо ҳозир шаванд, ариза пешниҳод кунанд ва даъво кунанд. Ин қоида муқаррароти умумиро дар бораи ҳифзи ҳуқуқ равшан ва мушаххас мекунад. Бинобар ин, дар ин ё он шартнома мавҷуд набудани он принсипи умумиро тағйир намедиҳад.

Ба дастрасии озоди хориҷиён ба мурофиа қабули Конвенсияи мурофиаи мадании Гаага, 1 марти соли 1954 мусоидат кард [21]. Мувофиқи м. 17 Конвенсия аз шаҳрвандони давлатҳои узв, ки дар яке аз ин давлатҳо истиқомат доранд ва дар судҳои дигари ин давлатҳо ба сифати даъвогар ё шахсони сеюм ҳузур доранд, ба далели он ки шаҳрвандони хориҷӣ ҳастанд ё дар кишвар ҷойи истиқомати доимӣ ё муваққатӣ надоранд, ҳеҷ гуна таъминот талаб карда намешавад. Ҳамин қоида ба ҳама гуна пардохтҳое тааллуқ дорад, ки метавонанд аз даъвогарон ё шахсони сеюм барои таъмини хароҷоти судӣ талаб карда шаванд.

Ҳуқуқи шаҳрвандони хориҷӣ ба ҳимояи судӣ дар Конвенсияҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ аз рӯёи парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ, инчунин шартномаҳои дуҷониба дар бораи ёрии ҳуқуқӣ эълон карда шудааст.

Мувофиқи м. 1 Конвенсияи Минск аз соли 1993, «шаҳрвандони ҳар як давлати иштирокчӣ дар қаламрави тамоми дигар давлатҳои иштирокчӣ ҳамчун шаҳрвандони ин давлат аз ҳимояи ҳуқуқӣ истифода мебаранд. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки ба суд, прокуратура ва дигар мақомоти давлатҳои дигари иштирокчӣ озодона муроҷиат кунанд, инчунин метавонанд дар ҳамон шароитҳое, ки шаҳрвандон ин давлати аъзо доранд, ариза ва даъво пешниҳод намоянд ва дигар амалҳои мурофиавиро анҷом диҳанд» [29].

Кафолати универсалӣ, яъне кафолате, ки барои амалӣ ва ҳифзи қариб тамоми ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд истифода мешавад, ҳуқуқи муроҷиат ба суд мебошад. Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ як тафовут ба ҳимояи баробари ҳуқуқӣ ҳақ доранд. Ҳамаи одамон дар муқобили ҳар гуна табъизе, ки хилофи ҳамин Эъломия мебошад ва таҳдиди табъиз ба ҳимояи баробар ҳақ доранд (м. 7). Ҳар як инсон дар сурати поймол гардидани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конститутсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад (м. 8) [15]. Тибқи Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1966, «ҳар як давлати ширкаткунандаи он уҳдадоранд, ки ба ҳар шахсе, ки ҳуқуқ ва озодии эътирофшавандаи ӯ вайрон карда шудааст, ҳатто дар сурате ҳам, ки ин вайронкунӣ аз тарафи ашхоси ба тариқи расмӣ амалкарда содир шудааст, воситаи пурсамари ҳифзи ҳуқуқро таъмин менамояд» [34].

КММ ҶТ яке аз унсурҳои ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ – ҳуқуқи муроҷиат ба суд барои ҳимояро муқаррар кардааст. Дар м. 387 КММ ҶТ муқаррар гардидааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ (метавонанд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсталаб, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ба судҳои ҶТ муроҷиат намоянд. Шахсони хориҷӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода мебаранд ва уҳдадориҳои мурофиавиро баробари шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҶТ иҷро мекунанд.

Дар як қатор давлатҳо шаҳрвандони хориҷӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз рӯйи «қонуни суд» ҳамчун принсипи мурофиаи мадании байналмилалӣ ва ё аз рӯйи принсипи «қонуни шахсӣ» иштирок мекунанд. Дар баробари ин ба шахсоне, ки тибқи «қонуни шахсӣ» кобилияти ҳуқуқӣ надоранд, чунин қобилият мумкин аст тибқи пайвасти коллизионии «қонуни суд» муқаррар карда шавад. Тобеияти байналмилалӣ намудҳои зеринро дар бар мегирад: умумӣ, алтернативӣ, истисноӣ ва шартномавӣ. Тобеияти умумӣ дар асоси ҷойи истиқомат ё ҷойгиршавии ҷавобгар

ташаккул меёбад. КММ ҶТ маънои ҷойи истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгарро инъикос намекунад. Дар назар дошта мешавад, ки суд ва шахсони дар парванда иштироккунанда бояд ба дигар меъёрҳо мурочиат кунанд. Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки яке аз субъектҳо шаҳрванди хориҷӣ хоҳад буд, пас саволе ба миён меояд, ки ҳангоми муайян кардани ҷойи истиқомат қонуни кадом кишвар бояд истифода шавад?

Ба андешаи мо, пеш аз ҳама, қонунгузории Тоҷикистон, яъне меъёрҳои ҳамон соҳаи ҳуқуқро, ки моҳияти ҷойи истиқомат ё маҳалли будубоши шахсро муқаррар мекунад бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад. Дар ин маврид ҳангоми тафсири ҷойи истиқомат ва ҷойгиршавии ҷавобгар қонуни маданӣ истифода мешавад.

Тибқи тавзеҳи Суди иқтисодии ИДМ қонунҳо тартиб ва асосҳои додани иҷозатнома барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ дар ҳудуди давлат, додани иҷозатномаи иқомат (шаҳодатнома), ҳаракат, интихоби ҷойи истиқомат, кор ва ғайраро танзим мекунанд, балки ҳамчун меъёри муқаррар намудани салоҳият дар ҳалли баҳсҳои марбут ба шахсони хориҷӣ баромад намекунанд [236].

Дар баъзе шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалии Тоҷикистон низ ҷойи истиқомат меъёри умумии муайян кардани қонуни татбиқшаванда мебошад, масалан дар Конвенсияи Минск қайд гардидааст, ки парванда дар он ҷойе баррасӣ мешавад, ки ҷавобгар вақти пешниҳоди даъво дар он ҷой ҷойи истиқомати доимӣ дорад. Ба андешаи мо, суд бояд меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ё қонунгузории хориҷиро ба инобат гирад, агар дар муносибатҳои ҳуқуқии баҳснок принсипи робитаи наздик ҷой дошта бошад.

Принсипи робитаи наздик дар адабиёт гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, А.О. Осипов ибрози андеша менамояд, ки «ҳангоми муайян кардани ҳуқуқи татбиқшаванда суд бояд на принсипи ҳудудӣ, балки ҳолатҳои воқеии парвандаи мушаххасро ба роҳбарӣ гирад, яъне ҳуқуқи кишвареро татбиқ намояд, ки муносибати ҳуқуқии маданӣ ба он робитаи наздик дорад. Истифодаи робитаи наздик аз ҳуқуқи Англия пайдо шуда,

вақте истифода мешавад, ки агар тарафҳо оид ба таъини суд созиш набаста бошанд. Дар ин ҳолат мақомоти судии Англия дар асоси меъёрҳои адолат ва асоснок муайян менамояд, ки кадом суд метавонад парвандаро баррасӣ намояд, яъне сари вақт ва дуруст ҳал намудани баҳс афзалиятнок эътироф мегардад» [128, с. 126-127]. Дар айни ҳол, Ю.М. Акимова чунин нуктаи назар менамояд: «Принсипи мазкур дар доираи назарияи ҳуқуқии амрикоӣ дар робита бо муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ инкишоф ва таҳкими минбаъдаи худро гирифт ва баъдтар ба дигар соҳаҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ паҳн гардид» [163, с. 115-116].

Қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ муайян мекунанд, ки мавҷудияти робитаи наздик бояд маҳдуд бошад ва танҳо дар ҳолатҳои махсус татбиқ карда шавад, масалан, Қонуни федералии ҳуқуқи байналмилалии хусусии Конфедератсияи Швейтсария аз соли 1987 [57] муқаррар менамояд, ки дар ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур барои ҳар як мақомоти салоҳиятдор дар Швейтсария ва мурофиа дар хориҷи кишвар ғайриимкон дониста шавад, ё ба таври оқилона оғоз кардани чунин парвандаҳо талаб карда нашавад, мақомоти судии Швейтсария дар ҷое, ки парвандаи дахлдор бо он робитаи наздик дорад, салоҳиятдор эътироф мегардад. Тавре В.В. Буланов қайд менамояд, «принсипи робитаи наздиктарин дар муқаррар намудани юрисдиксияи судии байналмилалӣ оид ба парвандаҳои мадании фаромиллӣ нақши муҳим дорад ва онро ҳамчун принсипи умумии мурофиаи мадании байналмилалӣ эътироф кардан мумкин аст» [171, с. 105].

Дар КММ ҶТ ва дагар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба принсипи робитаи наздик ягон муқаррарот мешбинӣ нагардидааст, ки ба андешаи мо ин ҳолат камбуд ва холигии қонунгузориро ба миён оварда метавонад. Принсипи робитаи наздик бояд ба КММ ҶТ ворид карда шавад, он гоҳ судҳои умумӣ дар соҳаи баррасии парвандаҳо бо иштироки шахсони хориҷӣ ваколатҳои васеъ ба даст меоранд, ки ин дар шароити вазъияти муосири сиёсии ҷаҳон хеле муҳим аст. Муқаррар намудани мавҷудияти принсипи робитаи наздик дар илми мурофиаи маданӣ имкон медиҳад, ки мушкилиҳо

дар доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ҳал карда шаванд, зеро муайян кардани сарҳади он барои тамоми категорияҳои парвандаҳои марбут ба шахсони хориҷӣ ғайриимкон аст ва ин принсип барои суд ҳамчун қоидаи ёрирасон ҳангоми муайян кардани тобеияти чунин парвандаҳо истифода мегарданд.

Вазъи маданӣ-мурофиавии ҳуқуқи мадании шахсони воқеиро дар муносибатҳои мадании дорои унсури хориҷӣ асосан қонунгузории мурофиавии мадании ҶТ танзим менамояд. Аз моҳияти м. 387 КММ ҶТ бармеояд, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд барои ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсталаб, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ба судҳои ҶТ муроҷиат намоянд.

Вазъи ҳуқуқии мурофиавии мадании шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро қобилияти муқаррар намудаи қонунгузории ҶТ барои доштани ҳуқуқҳои мурофиавии маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои мурофиавии иштирокчии мурофиа муайян мекунад. Қобилияти мурофиавии мадании шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ин қобилияти муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ барои шахсан амалӣ намудани ҳуқуқҳои мурофиавии маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои худ дар суд ҳамчун иштирокчии мурофиа мебошад. Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар мурофиаи маданӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои умумии мурофиавии иштирокчиёни парванда дода мешаванд. Аммо онҳо метавонанд ҳамчун дорандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсуси мурофиавӣ баромад кунанд.

Бояд қайд намуд, ки «қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии мурофиавии шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрвандро қонуни шахсии онҳо муқаррар менамояд. Қонуни шахсии шаҳрванди хориҷӣ қонунгузории кишваре, ки ӯ шаҳрванди он аст, фаҳмида мешавад. Агар шахс шаҳрванди Тоҷикистон бошад ва ҳамзамон шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни шахсии ӯ ба ҳисоб меравад. Агар шаҳрванд якчанд шаҳрвандии хориҷӣ дошта бошад, қонуни кишваре, ки ӯ дар он доимӣ иқомат дорад, амал мекунад. Ғайр аз он, агар шаҳрванди хориҷӣ дар Тоҷикистон истиқомат дошта бошад,

қонунгузории ҶТ қонуни шахсии ӯ эътироф карда мешавад. Барои шахсони бешаҳрванд қонуни шахсӣ қонуни давлати истиқомати доимии онҳо ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки шахсе, ки мутобиқи қонуни шахсии худ қобилияти амал надорад, метавонад тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате қобили амал эътироф карда мешавад, ки агар ӯ ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кунад» [4].

Дар ин маврид ноболиғ метавонад дар суд аз лаҳзаи ақди никоҳ ё эълон шудани қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) ҳуқуқҳои мурофиавии худро шахсан амалӣ намояд ва уҳдадориҳои мурофиавиро иҷро намояд. Дар мавриди ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, инчунин шаҳрвандони дорои қобилияти амалашон маҳдуд бошад, онҳоро дар ҷараёни мурофиа намояндагони қонунии онҳо ҳимоя мекунанд. Аммо суд вазифадор аст, ки ба чунин парвандаҳо худи ноболиғон, инчунин шаҳрвандони қобилияти амали маҳдудро ҷалб намояд. Ғайр аз он, дар ҳолатҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷамъиятӣ ва дигар муносибатҳо бармеоянд, ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худро дар суд шахсан ҳимоя кунанд. Ноболиғон, шаҳрвандоне, ки бинобар бемории руҳӣ ғайри қобили амал эътироф шудаанд, дигар шахсоне, ки қобилияти моддии онҳо тибқи қонунгузории миллӣ маҳдуд аст (масалан, дар Фаронса бо сабаби исрофкорӣ, бекорӣ, ба вуҷуд овардани таҳдиди камбизоатӣ ё иҷро накардани уҳдадориҳои оилавӣ), вобаста аз рӯйи моҳият ва доираи ин маҳдудиятҳо: аз ҷиҳати мурофиавӣ ғайри қобили амал дониста мешаванд – аз номи онҳо дар суд намояндагони қонунии онҳо парвандаҳоро пеш мебранд.

Дар баробари ин, на ҳама вақт шахсони ғайри қобили амал аз мурофиа пурра хориҷ карда мешаванд, аз ҷумла суд чун қоида, ҳуқуқ дорад онҳоро барои гирифтани тавзеҳот дар парванда ҷалб кунад (дар Олмон онҳо ҳамчун шоҳид пурсида мешаванд – § 455 Кодекси мурофиаи мадании Олмон), дар Англия муаллифи даъво шуда, дар марҳилаи кашфи далелҳо иштирок карда

метавонанд; дорои қобилияти қисман ҳуқуқӣ мебошанд (дар истилоҳоти олмонӣ, қобилияти ҳуқуқӣ аз рӯйи намуди парвандаҳо маҳдуд аст)-яъне ҳуқуқи мустақилона пеш бурдани мурофиа барои баъзеҳо ва ба истисноі категорияҳои алоҳидаи парвандаҳо. Масалан, дар ИМА эмансипатсияи воқеии ноболиғ (рад кардани волидайн аз талаби даромадаш) ба ӯ имкон медиҳад, ки мустақилона ба суд бо талаби ситонидани музди меҳнати худ муроҷиат намояд [87, с. 122].

Дар баъзе мавридҳо, маҳдудияти қобилияти мурофиавии шахс хусусияти дигар дорад, ки ба маҳдудияти қобилияти моддии ӯ алоқаманд нест. Масалан, дар ИМА қобилияти фаъоли амалкунии маҳбусон манъ аст.

Дар Олмон шахсоне, ки бо дархости онҳо васӣ таъин шудаанд, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ғайри қобили амал ҳисобида мешаванд. Ҳангоми иштироки шахси ғайри қобили амал дар парванда қонунгузор чун қоида, судро вазифадор мекунад, ки мавқеи фаъолтарро ишғол намояд, инчунин кафолатҳои дигари таъмини баробарии воқеии тарафҳоро пешбинӣ мекунад. Масалан, дар Англия иштироки ҳатмии солиситор (англ. Solicitor, категорияи ҳуқуқшиносон ё адвокатҳо, ки дар Британияи Кабир ёрии ҳуқуқӣ расонида, маводҳоро барои баррасӣ дар суд тайёр мекунанд) дар парвандаҳои шахсони ғайри қобили амал дар баробари намояндагони қонунӣ дар асоси принсипи намояндагии дукарата ширкат меварзанд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофавии тарафҳо дар бисёр меъёрҳои КММ ҶТ пешбинӣ шуда, хеле гуногунанд. Ба тамоми иштирокчиёни парванда ҳуқуқҳои умумии мурофиавӣ дода шуда, ҳар як иштирокчии парванда алоҳида ҳуқуқи махсус дорад. Дар умум чунин ҳуқуқҳои умумии мурофиавии мадании тарафҳои баҳс (шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд)-ро номбар намудан мумкин аст, аз ҷумла: тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ёрии тахассусии ҳуқуқӣ гиранд; маводи парвандаро омӯзанд, иқтибосҳо ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳоро тартиб диҳанд; эътироз пешниҳод кунанд, далелҳо пешниҳод кунанд ва дар баррасии он иштирок кунанд; ба дигар иштирокчиёни мурофиа, ба шоҳидон, коршиносон ва

мутахассисон саволҳо диҳанд; дар бораи гирифтани далелҳо аз суд дархост пешниҳод намоянд; дар суд баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ баён кунанд, мавқеи худро оид ба масъалаҳои баррасишаванда баён кунанд, инчунин ба дархост ва далелҳои дигари иштирокчиёни мурофиа эътироз баён кунанд; ба суд ҳуҷҷатҳои электронӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои дорои имзои электронии рақамиро бо роҳи ҷойгир кардани онҳо дар вебсайти расмии суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ пешниҳод намоянд; аз болои қарорҳои суд шикоят кардан ва дигар ҳуқуқҳои мурофиавиеро, ки қонунгузории мурофиавии гражданӣ пешбинӣ кардааст, софдилона амалӣ намоянд.

Ҳамин тавр, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба сифати даъвогар вазифа доранд ба аризаи даъвогӣ тамоми далелҳои дар дасташон мавҷудбударо дар даъво илова намоянд (агар далелҳои хаттӣ ё электронӣ пешниҳод карда шаванд, даъвогар метавонад нусхаи далелҳои дахлдорро дар ариза пешниҳод намояд). Аммо дар шартномаи байналмилалӣ метавонад шартҳои дигари исбот, аз ҷумла, аз нав тақсим намудани масъулияти исботкунӣ муқаррар карда шавад [19].

Чун қоида, қонунгузории мурофиавии мадании давлатҳои гуногун номгӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро, ки дар як модда ҷамъ оварда шудаанд, дар бар намегирад. Вазъи ҳуқуқии тарафҳо барои ҳар як марҳилаи алоҳидаи мурофиаи маданӣ муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе давлатҳо қонунгузор рӯйхати умумии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаро пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, дар м. 50-и Кодекси мурофиавии мадании Чин омадааст, ки «тарафҳо ҳуқуқ доранд ба намояндагон оид ба пешбурди парванда супориш диҳанд, эътироз пешниҳод кунанд, далелҳоро ҷамъоварӣ ва пешниҳод кунанд, дар мубоҳисаҳо сухан гӯянд, дархост дар бораи оштӣ, пешниҳоди шикоят ва дархост барои иҷрои қарор намоянд. Тарафҳо метавонанд бо маводи парванда шинос шаванд, инчунин аз маводи парванда ва ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ нусхабардорӣ кунанд. Ҳаҷм ва қоидаҳои тафтиши маводҳои парванда ва нусхабардории маводҳои парвандаро суд муқаррар мекунад. Тарафҳо бояд ҳуқуқҳои мурофиавии худро, ки қонун

пешбинӣ кардааст, истифода баранд, тартиби мурофиавиро риоя кунанд, қарорҳо ва шартномаи созишро, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, риоя кунанд» [49]. Масалан, Н.С. Бочарова зикр менамояд, ки «дар мурофиаи мадании Канада тарафҳо вазифадоранд, ки ба тарафи муқобил тамоми маводҳо, ҳуҷҷатҳо ва далелҳоидарихтиёр доштаро пурра ифшо намоянд» [219, с. 21].

Баррасии таҷрибаи судӣ инчунин нишон медиҳад, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳақ доранд барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ё манфиатҳои худ ба судҳои Тоҷикистон муроҷиат кунанд ва мувофиқан метавонанд тарафҳои мурофиаи маданӣ бошанд. Бояд қайд намуд, ки агар шахс дорои шаҳрвандии якчанд давлати хориҷӣ бошад, қонуни шахсии ӯ қонуни давлате ба ҳисоб меравад, ки шаҳрванд дар он маҳалли истиқомат дорад.

КММ ҶТ тартиби муқаррар кардани маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеиро, ки дар Тоҷикистон маҳалли зисти доимӣ надоранд ё шаҳрванди давлати дигар мебошанд, муайян накардааст. Барои бартараф кардани ин норасоӣ дар қонунгузории мурофиавии маданӣ бояд ба шартномаҳои байналмилалӣ муроҷиат кард. Тавре дар м. 16 Конвенсияи Минск муқаррар гардидааст, тарафҳои аҳдкунанда тибқи дархост ба ҳамдигар мувофиқи қонунгузории худ дар муайян кардани суроғаи ашхосе, ки дар ҳудуди онҳо зиндагӣ мекунанд, кумак мерасонанд, агар ин барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони онҳо зарур бошад. Дар ин ҳолат тарафи аҳдкунанда маълумотеро, ки барои муайян кардани суроғаи шахсе, ки дар дархост зикр шудааст, огоҳ мекунад [29]. Ҳамин тавр, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд метавонанд дар мурофиаи маданӣ дар Тоҷикистон тарафҳои парванда бошанд, дорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии умумӣ ва махсуси тарафҳо бошанд ва дар суд мақоми даъвогар ё ҷавобгарро дошта бошанд. Аз ин рӯ, муқаррароти КММ ҶТ оид ба даъво, ки даъвогар ва ҷавобгар метавонанд шахсони воқеӣ, бо калимаҳои «новобаста аз шаҳрвандӣ» пурра карда шавад.

Инчунин доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар мурофиаи мадани ҳамчун шахсони сеюм, ки ба мавзуи баҳс даъвоҳои мустақил пешниҳод мекунанд тибқи КММ ҶТ муайян карда мешавад. Хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд, ҳамчун шахсони сеюм, ки нисбати предмети баҳс даъвои мустақил пешниҳод намекунанд, аз ҳуқуқу уҳдадориҳои умумии мурофиавии иштирокчиёни парванда, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, истифода мебаранд.

Шартномаҳои байналмилалӣ принсипи таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои хориҷиёнро дар асоси тартиби реҷаи миллӣ муқаррар мекунанд. Ин принсип маънои онро дорад, ки хориҷиён дар як давлат ҳуқуқ доранд, ки ҳамон ҳуқуқҳои шаҳрвандиро бо ҳамон восита ва тарзе, ки ҳамаи шаҳрвандони ин давлат доранд, ҳимоя кунанд. Ш.М. Менглиев дар робита ба ин масъала қайд менамояд, ки «мутобиқи қонунгузории ҶТ ду истисно аз ин қоида пешбинӣ гардидааст: а) нисбат ба шаҳрвандони давлатҳое, ки дар онҳо ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон маҳдуд карда мешаванд, маҳдудиятҳои мувофиқ муқаррар карда мешавад; Б) агар истифода шудани ҳуқуқу озодиҳо аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба манфиатҳои давлат, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони ҶТ набошад» [192, с. 71].

Тибқи моддаи 22 КММ ҶТ шаҳрвандони хориҷӣ дар суд баробари шаҳрвандони ҶТ аз ҳуқуқи мурофиавӣ истифода мебаранд. Мутобиқи м. 387 КММ ҶТ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ метавонанд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баҳсталаб, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ба судҳои ҶТ муроҷиат намоянд. Шахсони хориҷӣ аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода мебаранд ва уҳдадориҳои мурофиавиро баробари шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҶТ иҷро мекунанд.

Таъмини реҷаи миллӣ ба хориҷиён дар Тоҷикистон дар мурофиаҳои судӣ бе шарт аст. Ин чунин маъно дорад, ки суд, чун қоида, набояд масъалаи мавҷудияти амали мутақобила дар ҳар як парвандаи мушаххасро ба миён гузорад, яъне дар рафти парвандаи мушаххас муайян кунад, ки оё

қонунгузории давлати хориҷӣ реҷаи баробарро пешбинӣ кардааст ё на. Ҳамзамон, агар давлати хориҷӣ нисбат ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҶТ маҳдудиятҳои ҳуқуқи мурофиавӣ муқаррар намояд, Тоҷикистон метавонад нисбат ба шахсони хориҷии чунин давлатҳо чунин маҳдудиятҳои ҷавобиро муқаррар намояд (қ. 4 м. 387 КММ ҶТ).

Қонунгузории мурофиавии маданӣ маҳдудият ё шартҳоеро дар бар намегирад, ки иҷрои онҳо барои муроҷиати шахсони хориҷӣ ба суд зарур аст. Ҳамзамон дар қонунгузории баъзе давлатҳо қоидаҳое мавҷуданд, ки имкон медиҳанд, ки қобилияти ҳуқуқии мурофиавии мадании шахсони хориҷӣ маҳдуд карда шаванд. Чунин маҳдудиятҳо, аз ҷумла, ниҳоди пардохти гарав барои таъмини хароҷоти судиро дар бар мегиранд, ки дастрасии озоди хориҷиёнро ба додгоҳ маҳдуд мекунад. Моҳияти чунин гарав аз он иборат аст, ки ба зиммаи даъвогари хориҷи уҳдадории пешакӣ ба суд пардохт намудани маблағи муайян барои пӯшонидани хароҷоти судӣ мебошад.

Ин уҳдадорӣ дар Кодекси мурофиавии мадании Россия, Австрия, Белгия, Швеция ва Фаронса пешбинӣ шудааст. Барои рафъи монеаҳо дар роҳи дастрасии озод ба додгоҳ, аксари кишварҳо масъалаи озод кардани шаҳрвандони хориҷиро аз пардохти гарав дар шартномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ танзим кардаанд.

Таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи иштироки шахсони хориҷӣ дар мурофиаи маданӣ ҷолиби диққат аст.

Аз ҳалномаи Суди Олии иқтисодии ҶТ аз 5 сентябри соли 2024 [242] дида мешавад, ки Суди Олии иқтисодии ҶТ парвандаи иқтисодӣ аз рӯйи аризаи даъвогии шаҳрванди Ҷумҳурии Халқии Хитой (минбаъд Ҷ.Х.Х.) Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – К.Г. ба ҷавобгарии шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. дар шахсияти намояндаи ваколатдор Ш.А.М. ва ҶДММ «С.К.» дар бораи баҳисобгирӣ ва оғози ҷараёни муҳлати даъво, рӯёнидани 127 137 юан мутаносибан бо асъори миллӣ ба маблағи 200 000 сомонӣ ва аризаи шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. дар шахсияти намояндаи

ваколатдор Ш.А.М. дар бораи татбиқи мӯҳлати даъворо бо иштироки тарафҳо мавриди баррасӣ қарор дода, муайян намудааст, ки шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – К.Г. бо аризаи даъвогӣ ба Суди Олии иқтисодии ҶТ муроҷиат намуда, онро асоснок кардааст, ки бо ҷавобгар Х.Х. аз соли 2013 шиносоӣ дорад. Ҷавобгар дар ҶДММ «СК» ба ҳайси директор кору фаъолият мекунад. Соли 2014 ҷавобгар бо далели норасоии маблағ, имконияти интиқоли як адад экскаватор, як адад самосвал ва тамоми таҷҳизоти зарурӣ барои истихроҷи маъдан аз Ҷ.Х.Х. ба ҶТ пайдо карда натавониста, дар робита ба ин, бо ҷустуҷӯи сармоягузорон ба воситаи К.Г. ва В.Д. тавонистааст, даъвогарро пайдо кунад. Даъвогар барои истихроҷи маъдан ба ҷавобгар 7 200 000 юан сармоягузорӣ кардааст. Маблағҳо ҳамчун сармояи муомилот истифода мешудаанд, аз ҷумла: аз моҳи октябр то декабри соли 2014 маблағи 1 000 000 юан, аз моҳи июл то августи соли 2014 маблағи 5 000 000 юан ва аз моҳи сентябри соли 2014 маблағи 1 000 000 юан сармоягузорӣ карда шудааст. Аз моҳи март то моҳи майи соли 2015 барои харидани қисмҳои эҳтиётии таҷҳизот ва чиптаҳои ҳавопаймо барои кормандони ҷамъияти ҷавобгар 200 000 юан сармоягузорӣ шудааст. Бинобар он, ки ҷавобгар миқдори зарурии истеҳсоли ангиштро истихроҷ карда натавонистааст, байни тарафҳо созиш ба расмият дароварда шудааст. Тибқи созиши мазкур, даъвогар бо гузаронидани саҳмияҳо розӣ шуда, ҷавобгар розӣ шудааст, ки саҳмияҳои даъвогарро бозпас гирад. Ҷавобгар розӣ шудааст, ки ба даъвогар 7 200 000 юанро баргардонад. Тибқи созишнома, агар ҷавобгар 7 200 000 юанро аз 1-уми июли соли 2015 то 1-уми августи соли 2015 ба даъвогар пурра барнагардонад, барои сари вақт пардохт накардан, фоиз ситонида мешавад. Фоизи ҳармоҳа як ҳиссаи ҳаштумро ташкил дода, то пурра баргардонидани уҳдадорӣ ҳисоб карда мешавад. Қайд намудааст, ки дар сурати баргардонидани уҳдадорӣ ба маблағи 7 200 000 юан то 1-уми августи соли 2015 фоизҳо ҳисоб карда намешудааст. Ҳамзамон, аз 1-уми сентябри соли 2015 то 31-уми декабри соли 2015 маблағи 2 000 000 юан ва фоизҳои дахлдор бояд баргардонида

мешудаанд. Дар сурати иҷро нагардидани ин уҳдадорӣ ҷавобгар дороиҳои зеринро ба А.С., Д.Д., ки агентҳои Ч.Г. мебошанд, 6 адад эксковатори тамғаи Санӣ модели 465, 19 адад самосвали тамғаи Ютонг, 1 адад автомашинаи боркаши тамғаи Лиу Гонг, 1 адад автомобили систернадор тамғаи Донфен, 1 адад автомобили тамғаи (пикап) Чанчен, 1 адад автомашинаи обкаши тамғаи Донфен, 1 адад дастгоҳи пармакунӣ, 1 адад автомашинаи тамғаи Прадо-Тайота бо тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ, рақамҳо ва рақамҳои муҳаррик бо арзиши дар декларатсияи гумрукӣ сабтшуда, гузаронида мешавад. Доир ба ҳолатҳои болозикр аз 3-юми июли соли 2015 созишномаи бозпас гардонидани саҳмия байни даъвогар, ҷавобгар, намоянда Л.С., Д.Д. ва миёнаравҳо К.Г. ва В.Д. ба расмият дароварда шудааст. Ҳамзамон, ҳолати интиқол додани маблағҳои пулӣ аз тарафи даъвогар ба ҷавобгарро расиди гирифтани маблағҳои пулӣ тасдиқ мекардааст. Ҷавобгар аз даъвогар 7 200 000 юан баробар ба пули миллӣ, яъне сомонӣ 1 юан нисбат ба сомонӣ 1,5731 сомонӣ баробар аст, ки дар рӯзи рӯёниш баробар ба 11 326 320 сомонӣ қарздор буда, аз пардохти маблағҳои пулӣ саркашӣ кардааст. Даъвогар аз ҳуқуқу манфиатҳои қонунии поймолмешудааш моҳи январи соли 2023 огоҳу хабардор шуда, то ин вақт аз ин ҳолат огоҳу хабардор набуда, хабардор буда ҳам наметавонистааст. Аз суди иқтисодӣ хоҳиш намудааст, ки баҳисобгирӣ ва оғози ҷараёни мухлати даъво, вобаста ба талаботи даъвои Ч.Г. ба ҷавобгарии Х.Х. аз моҳи январи соли 2023 ҳисоб ва эътироф карда шуда, аз ҳисоби ҷавобгар Х.Х. маблағи 127 137 юан мутаносибан бо асъори миллӣ ба маблағи 200 000 сомонӣ ва боҷи давлатии пардохтгардида, рӯёнида шавад.

Дар ин замина суд ба хулоса омадааст, ки аризаи даъвогии шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – К.Г. ба ҷавобгарии шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. дар шахсияти намояндаи ваколатдор Ш.А.М. ва ҶДММ «С.К.» дар бораи баҳисобгирӣ ва оғози ҷараёни мухлати даъво, рӯёнидани 127 137 юан мутаносибан бо асъори миллӣ ба маблағи 200 000 сомонӣ қонеъ карда шуда, баҳисобгирӣ ва ҷараёни мухлати даъвои шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди

Ҷ.Х.Х. – К.Г. аз моҳи январи соли 2023 оғоз карда шуда, аз ҳисоби ҷавобгарон шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. ва ҶДММ «С.К.» ба манфиати даъвогар шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – К.Г. маблағи 127 137 юан мутаносибан бо асъори миллӣ ба маблағи 200 000 сомонӣ рӯёнида шуда, аризаи ҷавобгар шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. дар шахсияти намояндаи ваколатдор Ш.А.М. дар бораи татбиқи мухлати даъво рад карда шуда, аз ҳисоби ҷавобгарон шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Х.Х. ва ҶДММ «С.К.» ба манфиати даъвогар шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – Ч.Г. дар шахсияти намояндаи ваколатдор шаҳрванди Ҷ.Х.Х. – К.Г. маблағи 4 000 сомонӣ боҷи давлатӣ рӯёнида шавад.

Шаҳрванди хориҷӣ, ки тибқи қонунгузорӣ ба синни балоғат расидааст (18-сола) метавонад шахсан ҳуқуқҳои мурофиавии маданиро истифода барад ва вазифаҳои худро дар суд иҷро кунад, сарфи назар аз он ки тибқи қонунҳои кишвараш ноболиғ ҳисобида мешавад. Шартномаҳои байналмилалӣ чун қоида масъалаи муайян намудани қобилияти мурофиавии мадании шахсони хориҷиро ҳал намекунанд, балки меъёрҳои моддиро оид ба соҳибҳуқуқӣ дар бар мегиранд, яъне вазъи ҳуқуқии шахсони воқеии хориҷиро муайян мекунанд. Бинобар ин метавонем хулосаеро қайд намем, ки соҳибҳуқуқии мурофиавии мадании шахсони хориҷӣ дар Тоҷикистон бо КММ ҶТ муайян карда мешавад, яъне принсипи реҷаи миллӣ ва «қонуни суд» татбиқ мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили вазъи маданӣ-мурофиавии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои маданӣ дорои унсури хориҷӣ чунин хулосаҳоро манзур намудан зарур мебошад:

– масъалаи вазъи мурофиавӣ-мадании шахсони воқеӣ (шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд) ба мавзуи танзими ҲБХ тааллуқ дорад, зеро чунин муносибатҳо дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла, Тоҷикистон бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида, мушкилоти коллизионӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи маданӣ дар бештари ҳолатҳо ба вуҷуд меоранд, ки асосан бо шартномаҳои байналмилалии дутарафа танзим мегарданд, ғайр аз

ин баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ бо «унсури хориҷӣ» татбиқи қоидаҳои махсуси мурофиаи маданиро талаб менамояд;

– қобилияти ҳуқуқдории моддӣ ва қобилияти ҳуқуқдории мурофиавиро як хел шарҳ додан мумкин нест. Гарчанде ки доираи қобилияти ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунии шаҳрвандони хориҷӣ, чун қоидаи умумӣ буда, бо қонуни шахсии онҳо муайян мегардад, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ кафолати умумӣ эътироф мегардад. Ин ҳуқуқ ба шахсони душаҳрвандӣ дошта ва шахсони бешаҳрванд низ тааллуқ дорад, бинобар ин доираи қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии мурофиавии маданӣ бояд тибқи қонуни давлате муайян карда шавад, ки шахс барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои худ ба суди он муроҷиат намудааст;

– қобилияти мурофиавии мадании шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ин қобилияти шахсан амалӣ намудани ҳуқуқҳои мурофиавии маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои тибқи қонунмуқаррар гардида дар суд ҳамчун иштирокчии мурофиаи судӣ мебошад. Вазъи ҳуқуқии хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд ҳамчун субъектҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ аз он вобаста аст, ки онҳо дар мурофиа чӣ мақоми мурофиавиро ишғол мекунанд (тарафҳо, шахсони сеюм, шоҳид ё «иштирокчиёни дигари мурофиа»);

– дар доираи тобеияти умумӣ пешниҳод карда мешавад, ки принсипи робитаи наздик ба ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва дар доираи тобеияти шартномавӣ – принсипи мухторият нисбат ба созишномаҳо оид ба тобеият дар парвандаҳои марбут ба шахсони хориҷӣ ворид карда шавад;

– ҳамзамон, пешниҳод мегардад, ки ба моддаҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ тағйирот ворид карда шуда, бахри рафъи монеаҳо дар роҳи дастрасии озод ба додгоҳ ва ҳавасманд намудани шаҳрвандони хориҷӣ ҷиҳати сармоягузорӣ, ҳангоми баҳсҳои иқтисодӣ дар судҳои иқтисодии кишвар аз рӯйи парвандаҳои маданӣ, шаҳрвандони хориҷӣ аз пардохти гарав дар шартномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, инчунин, боҷи давлатӣ ҳангоми баҳсҳои иқтисодӣ озод карда шаванд.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин манзур карда мешаванд:

1. Дар Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ барои танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ташаккул ёфта, меъёрҳои коллизионии танзимкунандаи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ дар кодексҳои маданӣ, оилавӣ, мурофиаи маданӣ, қонунҳои махсус ва санадҳои зерқонунӣ мутамарказ шудаанд [2-М].

2. Таҳлили унсури хориҷӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқии маданиро инчунин бо меъёрҳои ягонаи ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалӣ, ки мувофиқа шудаанд, пурра танзим кардан мумкин аст ва дар ин ҳолат зарурати танзими муносибатҳои мадание, ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд бо меъёрҳои коллизионии қонунгузории миллии Тоҷикистон аз байн меравад [2-М].

3. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба низоми ҳуқуқии давлате, ки ин шахсон дар қаламрави ин давлат қарор дошта, ҳамзамон аз мақсади ворид шудан ва ғайра вобаста аст.

4. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ воситаи муайян кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ буда, барои муайян намудани доираи имкониятҳои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асос мебошад. Қобилияти соҳибҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои ҳуқуқ ва ухдадориҳо буда, метавонад ҳуқуқҳои худро татбиқ намояду ухдадориҳоро ба дӯш гирад, ки ин бевосита ба вазъи ҳуқуқии шахсӣ вобаста мебошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ дар Тоҷикистон ба қонунҳои Тоҷикистон тобеъ аст [2-М].

5. Қобилияти амалкунӣ сифате мебошад, ки бо қобилияти равонӣ ва ҳолати равонии шахс алоқаманд аст. Шартҳои қобилияти амалкунӣ дар якҷоягӣ бо қобилиятҳои равонӣ ва ҳолати равонии шахс ифода меёбад. Аммо, омили ҳалкунанда иродаи шахс мебошад.

6. Вазъи ҳуқуқии шахсони хориҷӣ яке аз мушкилотҳо дар доктринаи ҲБХ мебошад. Ҳуқуқҳои хориҷиён бештар ба меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтаанд. Маҳз қоидаҳои қонунгузории дохилӣ ба хориҷиён ҳуқуқҳоро муқаррар мекунанд ва саҳми асосиро дар ин ҷараён меъёрҳои дохилӣ мебозанд [10-М].

7. Меъёри коллизионии «lex personalis» (қонуни шахсии шахси воқеӣ) ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахс тааллуқ дошта, яке аз хусусиятҳои хоси ҲБХ мебошад. Дар аксари ҳолатҳо қонунгузор ба «lex personalis» ҷиҳати ҳалли масъалаҳои коллизионии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ муроҷиат менамояд [5-М].

8. Қобилияти соҳибҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҲБХ аз қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи маданӣ тафовут дорад, ҳарчанд заминаи худро маҳз аз унсурҳои соҳавии ҳуқуқи маданӣ дастрас менамояд. Бо ин назардошт, метавон хулоса намуд, ки категорияи вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва дигар категорияҳои ҳамҷавори он ба сифати категорияҳои софи илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф карда мешаванд [1-М].

9. Ҳамчун пайванди коллизионӣ татбиқ кардани «ҳуқуқи давлате, ки меросгузор дар вақти вафот охирин ҷойи истиқомати худро дар он дошт» муттаҳид карда шавад. Инчунин, пешбинӣ намудани имконияти татбиқи ҳуқуқи васияткунанда оид ба интихоби қонуни давлати шаҳрвандӣ, қонуни давлате, ки ӯ ҳангоми тартиб додани васиятнома шаҳрванди он аст, низ ҷой дорад.

10. Дар ҳолатҳои ба сифати бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон кардани шахси воқеӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ ин масъала тибқи қонунгузории ҶТ аз ҷониби мақомоти судӣ ҳаллу фасл карда мешавад. Меъёри колизионии муайянкунандаи ҳуқуқи татбиқшаванда ба масъалаи бедарак ғоиб эътироф намудани шахс ё фавтида эътироф намудан дар бештари давлатҳо ҷой дорад. Дар ин давлатҳо меъёрҳои моддии коллизионӣ вобаста ба шарту муҳлатҳои бедарак гумшуда эътироф кардани шахс ва

оқибатҳои ҳуқуқии фавтида эълон кардани шахси воқеӣ аз якдигар тафовут доранд. Дар баъзе давлатҳо ин тартиб бо қонунгузории маданӣ ва дар дигар кишварҳо бо қонунҳои махсус ё қонунҳои мурофиавии муайян танзим мегарданд [9-М].

11. Ҳамчун пайванди коллизионӣ татбиқ кардани «ҳуқуқи давлате, ки васияткунанда дар вақти вафот охирин ҷойи истиқомати худро дар он дошт» бо маврид мебошад. Инчунин пешбинӣ намудани имконияти татбиқи ҳуқуқи васияткунанда оид ба интихоби қонуни давлати шаҳрвандӣ, ки ба масъалаҳои мерос таллуқ дорад, аз ҷумла ба васияткунанда имкон медиҳад, ки ҳамчун ҳуқуқи татбиқшавандаи мерос метавонад қонуни давлате, ки ӯ ҳангоми тартиб додани васиятнома шаҳрванди он аст, интихоб намояд [6-М].

12. Пайвасти коллизионии маъмултарин дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии меҳнатии шахсони воқеӣ қонуни ҷойи кори онҳо мебошад. Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ бояд ҳам меъёрҳои коллизионӣ ва ҳам қоидаҳои ягонаи моддиро муттаҳид созад. Дар қонунгузории Тоҷикистон низоми пайвастҳои коллизионӣ нисбат ба муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ дар сурати мавҷуд набудани интихоби тарафҳо дар чунин шакл таҳия карда шавад: қонуни кишвари ҷойи кор (Lex loci laboris) ҳамчун пайвасти асосии коллизионӣ баррасӣ гардида, он ҳамчун қонуни давлате фаҳмида мешавад, ки дар он одатан коргар уҳдадориҳои худро иҷро мекунад, ҳамчун пайвасти коллизионии иловагӣ, қонуни шахсии корфармо (Lex loci delegationis), қонуни парчам (Lex flagi) ва қонуни ҷойи асосии фаъолияти корфармо истифода карда шавад. Ҳамзамон ба андешаи дар қонунгузорӣ муқаррар намудани қоидаи lex voluntais (мухторияти ирода) нисбат ба шартномаҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ дар якҷоягӣ бо принсипи in favorem (лотинӣ ба маънои «ба фоидаӣ», «ба манфиатӣ) мувофиқи мақсад мебошад, ки тибқи он дар сурати мавҷуд будани якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷиро танзим мекунанд, бояд он санади меъёрие мавриди корбурд қарор гирад, ки барои корманд **шароити беҳтар** пешбинӣ карда бошад, ё **ҳуқуқҳои**

**бартар фароҳам оварда бошад.** Принсипи мухторияти ирода (lex voluntatis) бояд татбиқ шавад ва танҳо дар сурати набудани он қонуни ҷойи кор бояд татбиқ карда шавад [4-М].

13. Принсипи реҷаи миллӣ, ки дар қонунгузории меҳнатӣ муқаррар карда шудааст, асоси танзими махсуси муносибатҳои меҳнати бо унсури хориҷӣ мураккабгардида мебошад. Вақте ки тарафҳо қонуни татбиқшавандаро интихоб мекунанд, принсипи реҷаи миллӣ, ки дар низоми ҳуқуқии аксари давлатҳо ҷой дорад, кафолат медиҳад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ дар баробари шаҳрвандони давлати қабулкунанда бо ҳуқуқҳои асосӣ таъмин карда шаванд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Қонунгузории меҳнатӣ ҳалли масъалаҳои коллизионии муносибатҳои меҳнатиро сарфи назар намудааст, ин дар танзими коллизионии муносибатҳои меҳнатӣ холигӣ ҷой дорад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба Кодекси меҳнатии ҶТ илова намудани моддаи алоҳида оид ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шахсони воқеӣ дар таҳрири зерин зарур мебошад:

«Танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд».

1) Муқаррароти Кодекси мазкур ва санадҳои дигари қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асосҳои умумӣ татбиқ мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигареро пешбинӣ накунанд.

2) Қоидаҳои мушаххас оид ба амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд» [7-М].

2. Номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» дар Фасли VIII Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикитон ба номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои фароміллии оилавӣ» иваз карда шавад, зеро муқаррароти моддаҳои ин фасл танзимгарии на танҳо вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, балки вазъи ҳуқуқии оилавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 167-169), падидаи муқаррар кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ (м. 176) ва тартиботи оммавӣ (м. 177) мебошад [5-М; 8-М].

3. Меъёри коллизионии lex voluntatis, ки дар банди 2 моддаи 172 Кодекси оилаи ҶТ пешбинӣ шудааст, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии

иловагиро талаб менамояд, ки тартиб ва хусусиятҳои татбиқи «lex voluntatis»-ро вобаста ба вазъи ҳуқуқи шахси воқеӣ дар муносибатҳои оилавӣ ошкор мекунанд.

4. Инчунин, моддаи 177 Кодекси оилаи ҶТ «Маҳдудиятҳои истифодаи ҳуқуқи оилавии хориҷӣ» ном дорад, вале мазмуни меъёрҳои моддаи мазкур танҳо ба падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ тааллуқ дорад, зеро падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ на маҳдуд, балки татбиқи ҳуқуқи хориҷиро манъ менамояд. Бо чунин назардошт моддаи 177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ» номгузорӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад [8-М].

5. Пешниҳод мегардад, ки ба моддаҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ тағйирот ворид карда шуда, баҳри рафъи монеаҳо дар роҳи дастрасии озод ба додгоҳ ва ҳавасманд намудани шаҳрвандони хориҷӣ ҷиҳати сармоягузорӣ, ҳангоми баҳсҳои иқтисодӣ дар судҳои иқтисодии кишвар аз рӯйи парвандаҳои маданӣ, шаҳрвандони хориҷӣ аз пардохти гарав дар шартномаҳо дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, инчунин, боҷи давлатӣ ҳангоми баҳсҳои иқтисодӣ озод карда шаванд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн]: бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 136 с.

[2]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 8 августи соли 2015 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[3]. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2022, №1918 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/ files/islation/1918_tj.doc (санаи муроҷиат: 15.11.2024).

[4]. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, №341 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 24.12.2024).

[5]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.02.2024).

[6]. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 13 ноябри соли 1998, №682 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №22. – м. 303.

[7]. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.12.2004 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[8]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» 3 июли соли 2012, №846 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2018, №1471 / Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 с., №1525 [Захираи

электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/.doc (санаи мурочиат: 12.12.2024).
[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» 10 майи соли 2002, №5 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 21.02.2024).
[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999, №88 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №12. – м. 320; – 2002. – №4. – қ. 1. – м. 248; – 2005. – №12. – м. 657; – 2008. – №12. – қ. 2. – м. 1004; – 2010. – №1. – м. 15; – 2018. – №7-8. – м. 525.
[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 21.02.2024).
[13]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумчурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 29.12.2024).
[14]. Договор между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой о правовой помощи по гражданским и уголовным делам от 16 сентября 1996 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: dogovor - mezhdu-rt-i-knr-o-pravovoy-pomoshi-na-russkom.pdf (дата обращения: 10.05.2025).
[15]. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, 1948 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments/Elomiyai-huquqi-bashar.pdf (санаи мурочиат: 21.02.2024).
[16]. Международная конвенция о защите прав всех трудящихся мигрантов и членов их семей от 18 декабря 1990 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.migration.gov.az/content/pdf/5acb4a1532cf7_ трудящихся-мигрантов.pdf (дата обращения: 24.02.2024).

[17]. Конвенция о статусе беженцев от 28 июля 1951 года / Принята Конференцией полномочных представителей, созванной в соответствии с резолюцией 429 A (V) Генеральной Ассамблеи от 14.12.1950 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.un. org/ru/documents/decl_conv/conventions/ refugees.shtml (дата обращения: 24.02.2025).

[18]. Конвенсия аз 1 августи соли 1989 оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба мероси шахсони вафоткарда [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.hcch.net/en/instruments/conventions/full-text/?cid=62 (санаи муроҷиат: 28.09.2025).

[19]. Конвенсия о гражданско-правовых аспектах международного похищения детей [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://docs. cntd.ru/document/1902309?ysclid=matp6k1f4g224536728 (дата обращения: 10.08.2025).

[20]. Конвенсияи Минск дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22 январи соли 1993 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/ document/cons_doc_LAW_5942 (санаи муроҷиат: 28.09.2025).

[21]. Конвенцию по вопросам гражданского процесса от 1 марта 1954 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://normativ.kontur. ru/document?moduleId=1&documentId=24931&ysclid=mfgcv21f1o995232102 (дата обращения: 21.02.2024).

[22]. Конвенция о введении системы регистрации завещаний (Базель, 16 мая 1972 года) Базельская конвенция вступила в силу с 20 марта 1976 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://continent-online.com/ Document/?doc_id=30985192#pos=0;100 (дата обращения: 21.03.2024).

[23]. Конвенция о взыскании за границей алиментов (Заключена в г. Нью-Йорке 20.06.1956) [Текст] // Международное частное право. Сборник документов. – М.: БЕК, 1997. – С. 659-664.

[24]. Конвенция о заключении и признании действительности браков от 14 марта 1978 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[25]. Конвенция о защите детей и сотрудничестве в области межгосударственного усыновления от 29 мая 1993 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[26]. Конвенция о коллизии законов, касающихся формы завещательных распоряжений от 5 октября 1961 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://docs.cntd.ru/document/901898346 (дата обращения: 21.03.2024).

[27]. Конвенция о праве, применимом к алиментным обязательствам (рус., англ.) от 02 октября 1973 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[28]. Конвенция о праве, применимом к режимам собственности супругов от 14 марта 1978 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[29]. Конвенция о правовой помощи и правовых отношениях по гражданским, семейным и уголовным делам» (Заключена в г. Минске 22.01.1993) [Текст] / Минская конвенция вступила в силу 19 мая 1994 г. После ратификации для России она вступила в силу 10 декабря 1994 г. // Бюллетень международных договоров. – 1995. – №2; – 2008. – №4.

[30]. Конвенция о признании разводов и решений о раздельном жительстве супругов от 01 июня 1970 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[31]. Конвенция, регулирующая некоторые вопросы, связанные с коллизией законов о гражданстве от 12 апреля 1930 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://base.garant.ru/2541074 (дата обращения: 10.01.2025).

[32]. Конвенция об юрисдикции, применимом праве и признании решений об усыновлении от 15 ноября 1965 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: docs.cntd.ru (дата обращения: 21.03.2024).

[33]. Конвенция относительно международного управления имуществом умерших лиц от 2 октября 1973 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: pttps://docs.cntd.ru/document/901898359 (дата обращения: 21.02.2023).

[34]. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ [Матн] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj (санаи муроҷиат: 21.02.2024).

[35]. Гражданский кодекс [Текст]: модель. Рекомендательный законодательный акт для СНГ. Часть третья. Принят в г. Санкт-Петербурге 17 февраля 1996 г. на 7-ом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ / Межпарламентская Ассамблея государств-участников СНГ. Приложение к Информационному бюллетеню. – 1996. – №10. – С. 3-84.

[36]. Гражданский кодекс Армении [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.arlis.am/hy/acts/173488 (дата обращения: 11.02.2024).

[37]. Гражданский кодекс Исламской Республики Иран [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.parstimes.com/law/civil-code-Iran.pdf (дата обращения: 11.02.2024).

[38]. Гражданский кодекс Испании 1889 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://pravo.hse.ru/intprilaw/doc/040601?ysclid=mfgb31mz 94301129789 (дата обращения: 12.06.2024).

[39]. Гражданский кодекс Китайской Народной Республики от 28 мая 2020 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36417891 (дата обращения: 12.08.2024).

[40]. Гражданский кодекс Латвии [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.inlatplus.lv/wp-content/uploads/2019/11/Гражданский-закон.pdf (дата обращения: 12.08.2024).

[41]. Гражданский кодекс Луизианы [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://lcco.law.lsu.edu/?uid=60&ver=en (дата обращения: 12.06.2024).

[42]. Гражданский кодекс Португалии 1966 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: ttps://pravo.hse.ru (дата обращения: 12.06.2024).
[43]. Гражданский кодекс Республики Казахстан 1994 года [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= 1006061 (дата обращения: 13.06.2024).
[44]. Гражданский кодекс Российской Федерации [Текст]: части первая, вторая, третья, четвертая. – Москва: Проспект, 2019. – 704 с.
[45]. Гражданский кодекс Туркменистана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https:// ombudsman.gov.tm/doc/81.pdf (дата обращения: 13.06.2024).
